# Омӯзиши илми мантиқ

**Сайидюнуси Истаравшанӣ**

**Ба номи Худованди Маннон**

**Дарси 1**

Имрӯзҳо, ки аз фароғати боли бештаре бархӯрдорам, тасмим гирифтам ба омӯзиши илми мантиқ ва фалсафа барои дӯстдорон ва алоқамандони ин ду илми шариф бипардозам. Саъй мекунам, бо забони бисёр содда ва равон матолибро баён бикунам. Умедворам, ин кӯшиш ва талош судманд воқеъ бишавад. Аз омӯзиши илми мантиқ шурӯъ мекунам, ки тақрибан 20 ё бештар аз дарс иборат хоҳад буд. Инак, дарси аввал аз илми мантиқ.

* * *

**Дарси 1: Таърифи илми мантиқ ва мазвӯи он**

**Чакида ва хулосаи баҳси имрӯз**

Таърифи илми мантиқ: мантиқ, қонуни дуруст андешидан аст. Ҳар гоҳ инсон бихоҳад дуруст биандешад, ногузир бояд ин қонунро риоят намояд, вагарна дар андешидани худ дучори лағзиш шуда, ба бероҳа меравад. Аз ин рӯст, ки илми мантиқ чунин таъриф шудааст:

“**Илми мантиқ абзор ва василае аз синхи қоида ва қонун аст, ки риоят кардани он, зеҳнро аз лағзиш дар андеша ва тафаккур нигаҳ медорад.**”

Таърифи фикр: фикр, чидани ба тартиби як силсила масъалаҳои маълум барои ба даст овардани як масъалаи номаълум аст.

Мазвӯи илми мантиқ: мазвӯи илми мантиқ иборат аст аз муарриф ва ҳуҷҷат. Яъне масъалаҳои мантиқ ё дар бораи муарриф (таърифкунанда)-ҳо баҳс мекунад ё дар бораи ҳуҷҷат (истидлол)-ҳо.

**Тафсили баҳс**

**Имтиёзи инсон**

Имтиёзи инсон аз соири махлуқоти заминӣ дар ин аст, ки инсон мавҷуде аст дорои қудрати андешидан, ба хилофи соири махлуқот, ки аз чунин неъмате бе баҳра ҳастанд. Масалан, мавҷуде чун саг тамоми огоҳиҳо ва маълумоташ ҳамонҳое аст, ки аз тариқи ҳавосси панҷгонааш (биноӣ, шунавоӣ, бӯёӣ, чашоӣ ва ламс карданӣ) вориди зеҳни ӯ мешавад, аммо инсон ба иловаи маълумоте, ки аз тариқи ҳавосси панҷгонааш ба онҳо ноил мегардад, як

нерӯ ва қувваи дигаре дорад ба номи “қувваи оқила”, ки ба воситаи он корҳои аҷибу ғарибе анҷом медиҳад ва тамоми пешрафтҳои илмии инсон ҳам ба баракати ҳамин қувва аст.
Яке аз корҳои ин қувва табдили як масъалаи ношинохта ба масъалаи шинохта аст. Масалан, фарз кунед, барои инсон маълум бошад, ки “Суқрот инсон аст” ва низ маълум бошад, ки “ҳамаи инсонҳо дорои қалб мебошанд”, вале барояш маълум набошад, ки “оё Суқрот ҳам дорои қалб аст ё на?” (Инро фақат ба унвони мисол меоварам). Дар ин ҷо, инсон метавонад бо ба коргирии қувваи оқила ва бо истифода аз маълумоти қаблӣ ва дар зеҳн доштаи худ, ин маҷҳул ва ношинохтаро табдил ба маълум ва шинохта намояд; ба ин тариқ, ки он ду маълуми худро (яъне “Суқрот инсон аст” ва “ҳамаи инсонҳо дорои қалб мебошанд”-ро) дар зеҳни худ пушти сари ҳам чида ва бо андак андешидане, ба ин натиҷа мерасад, ки “агар Суқрот инсон бошад ва аз сӯе ҳам, ҳамаи инсонҳо дорои қалб бошанд, пас қатъан Суқрот ҳам дорои қалб хоҳад буд, чун ӯ низ инсон аст ва инсонҳо ҳама дорои қалб мебошанд.”
Сурати ин истидол ба ин сурат аст:

Муқаддимаи 1: *Суқрот инсон аст*

Муқаддимаи 2: *Ҳамаи инсонҳо дорои қалб мебошанд*

Натиҷа: *Пас, Суқрот дорои қалб аст*

Вале бо вуҷуди ин, инсон гоҳе дар ҳамин амалиёти андешидан ва тафаккур, ба хато меравад. Ин ҷост, ки ниёз дорад ба як васила ва абзоре, ки битавонад ба воситаи он, афкор ва андешаҳояшро дуруст намояд. Ин васила ҳамон илми мантиқ аст.
Аз ин рӯст, ки илми мантиқро чунин таъриф кардаанд:
“**Мантиқ абзоре аст аз навъи қоида ва қонун, ки риоят кардан ва ба кор бурдани он, зеҳнро аз хато дар тафаккур нигаҳ медорад**.” Ва ба иборате дигар: мантиқ илме аст, ки барои инсон як даста қонун ва қоидаҳое меомӯзад, ки агар инсон он қоидаҳоро – дар ҳангоми фикр кардан – некӯ ба кор гирад, ӯро аз хато дар фикр нигаҳ медорад.

**Фоидаи мантиқ**

Аз таърифе, ки барои мантиқ зикр кардем, фоидаи мантиқ низ равшан мешавад. Маълум шуд, ки фоидаи мантиқ ҷилавгирии зеҳн аст аз хато дар тафаккур. Вале аз таърифи номбурда равшан нашуд, ки мантиқ чӣ гуна пеши роҳи хато дар тафаккурро мегирад. Тавзеҳи комили ин матлаб бастагӣ дорад ба ин ки мо қаблан – ҳарчанд ба сурати кӯтоҳ —

бо масоили мантиқӣ ошно шуда бошем. Ва мо ба сурати кӯтоҳ дар ин ҷо ин матлабро баён мекунем.

Ибтидо лозим аст фикрро таъриф кунем, зеро то таърифи фикр — ба мафҳуме, ки мантиқ дар назар дорад — равшан нашавад, абзор будани мантиқ барои фикр ва ба иборати дигар, “хатосанҷ” будани илми мантиқ барои фикр равшан намешавад.

Фикр ё тафаккур иборат аст аз: **марбут кардани чанд маълум ба якдигар барои ба даст овардани маълуми ҷадид ва табдили як маҷҳул ба маълум**. Мисли ҳамон мисоли боло, ки ду маълум (яъне “Суқрот инсон аст” ва “ҳамаи инсонҳо дорои қалб мебошанд”)-ро ба якдигар марбут кардем ва он гоҳ ин маҷҳулро, ки “оё Суқрот ҳам дорои қалб аст ё на?”, табдил ба маълум намудем.

Зеҳн он гоҳ, ки фикр мекунад ва мехоҳад аз таркиб кардани маълумоти хеш маҷҳулеро табдил ба маълум кунад, бояд ба он маълумот шаклу назму сурати хосс бидиҳад. Яъне маълумоти қаблии зеҳн танҳо дар сурате зояндаи натиҷа хоҳанд буд, ки шакл ва сурати хоссе ба онҳо дода шавад. Мантиқ қоида ва қонунҳои ин назм ва шаклро баён мекунад. Яъне мантиқ ба мо тавзеҳ медиҳад, ки маълумоти зеҳнии қаблӣ танҳо дар сурате зоянда хоҳанд буд, ки бар асоси муқаррароти мантиқӣ шакл ва сурат гирифта бошад.

Асосан, амали фикр кардан чизе ҷуз назм додан ба маълумот ва поя қарор додани онҳо барои кашфи як амри ҷадид нест. Пас вақте ки мегӯем, мантиқ қонуни саҳеҳ фикр кардан аст ва аз тарафи дигар мегӯем, фикр иборат аст аз марбут кардани чанд маълум ба якдигар барои ба даст овардани маълуми ҷадид ва табдил кардани як маҷҳул ба маълум, ин ба он маъност, ки мантиқ кораш ин аст, ки “**қоидаҳои дуруст ҳаракат кардани зеҳнро нишон медиҳад**”. Дуруст ҳаракат кардани зеҳн, чизе ҷуз дуруст тартиб додан ва дуруст шакл ва сурат додан ба маълумот нест.

Пас кори мантиқ ин аст, ки ҳаракати зеҳнро дар ҳини тафаккур таҳти контроли худ қарор медиҳад.

**Хатои зеҳн**

Зеҳн он гоҳ ки тафаккур мекунад ва умуреро муқаддима барои амри дигар қарор медиҳад, мумкин аст саҳеҳ амал кунад ва мумкин аст дучори хато гардад. Маншаи хато яке аз ду амри зайл мумкин аст буда бошад:

1. Он муқаддамоте, ки онҳоро поя қарор дода ва маълум фарз кардааст, хато ва иштибоҳ бошад. Яъне муқаддамоте, ки маводд ва масолеҳи истидлоли моро ташкил медиҳад, фосид бошад;

2. Назм ва шакл ва сурате, ки ба муқаддамот дода шудааст, ғалат бошад. Яъне ҳарчанд маводд ва масолеҳи истидлоли мо саҳеҳ ва дуруст аст, вале шакли истидлоли мо ғалат мебошад.

Як истидлол дар олами зеҳн монанди як сохтмон аст. Як сохтмон он гоҳ комил аст, ки ҳам масолеҳаш бе айб бошад ва ҳам шакли сохтмон бар асоси усули саҳеҳи сохтмонӣ бино шуда бошад. Ҳар кадом аз инҳо агар набошад, он сохтмон қобили эътимод нест. Масалан, агар гуфтем:

Муқаддимаи 1: *Суқрот инсон аст*

Муқаддимаи 2: *Ҳар инсоне ситамгар аст*

Натиҷа: *Пас, Суқрот ситамгар аст*

Ин истидлоли мо аз назари шакл ва сурат саҳеҳ аст, аммо аз назари модда ва масолеҳ фосид аст. Зеро он ҷо, ки мегӯем: "Ҳар инсоне ситамгар аст", дуруст нест. Аммо агар бигӯем:

Муқаддимаи 1: *Суқрот инсон аст*

Муқаддимаи 2: *Суқрот олим аст*

Натиҷа: *Пас, инсон олим аст*

Дар ин ҷо модда ва масолеҳи истидлоли мо саҳеҳ аст, вале шакл ва низоми он мантиқӣ нест. Бинобар ин натиҷа ғалат аст. Ин ки чаро шакл ва низом мантиқӣ нест, баъдан дар боби қиёс равшан хоҳад шуд.

Хатосанҷии мантиқ – мантиқе, ки дар садади баёни он ҳастем — фақат марбут аст ба шакл ва сурати истидлол. Бинобар ин, ин мантиқро "мантиқи сурӣ" меноманд. Аммо санҷиши хатои моддаи истидлол аз ӯҳдаи мантиқи сурӣ хориҷ аст. Албатта одатан дар китобҳои мантиқӣ дар поёни мабоҳис мабҳасеро таҳти унвони "мабҳаси синоъоти хамса" меоваранд, ки марбут аст ба моддаи истидлол, вале сару кори мантиқ бештар бо шакл ва сурати истидлол аст.

Аз маҷмӯи он чӣ гуфта шуд маълум гашт, ки арзиши мантиқ ин аст, ки хатосанҷи амали фикр кардан аст. Яъне хатосанҷи сурат ва шакли истидлолҳост.

**Мазвӯи илми мантиқ**

Мазвӯи ҳар илме иборат аст аз он чизе, ки он илм дар атрофи он баҳс мекунад.

Мазвӯи илми мантиқ иборат аст аз муарриф ва ҳуҷҷат, яъне масъалаҳои мантиқ ё дар бораи муаррифҳо, яъне таърифҳо баҳс мекунад ё дар бораи ҳуҷҷат, яъне дар бораи истидлолҳо. Феълан кофӣ аст бидонем, ки дар ҳамаи улум маҷмӯан ду кор сурат мегирад: яке ин ки як силсила умур таъриф мешаванд ва дигар ин ки барои исботи як силсила аҳком истидлол ва далел оварда мешавад. Дар ҳамаи улум ин ду кор сурат мегирад.

Илми мантиқ мехоҳад ба мо *роҳи саҳеҳ таъриф кардан* ва *саҳеҳ истидлол кардан*-ро биомӯзад.

Дар дарсҳои оянда муарриф ва ҳуҷҷатро, ки мавзӯи илми мантиқ мебошанд, беҳтар хоҳем шинохт.

Агар суол ва пурсише барои алоқамандон пеш омад, метавонанд суоли худро дар зери ҳамин матлаб матраҳ намоянд.

**Дарси 2**

**Илм ва тақсимоти он**

**Чакидаи баҳс**

Таърифи илм: илм ва идрок иборат аст аз сурате, ки аз як шайъ дар зеҳн падид меояд.

Тасаввур ва тасдиқ: илм, ё тасаввур аст ва ё тасдиқ, зеро илм – ки ҳамон сурате аст, ки аз як шайъ дар зеҳн падид меояд – ё чунин аст, ки ҳукмеро назди нафси одамӣ дар пай дорад ва ё надорад. Дуввумӣ – яъне ҳамон ки ҳукмеро дар пай надошта, балки танҳо як илм ва огоҳии танҳост – тасаввур аст ва аввалӣ тасдиқ.

Зарурӣ ва назарӣ: илм бо ҳар ду қисмаш – яъне тасаввур ва тасдиқ – ё чунин аст, ки дар пайдоишаш ниёз ба касб ва назаре нест ва ё ин аст, ки дар падид омадани он ниёз ба касб ва назар дорем.

**Тафсили баҳс**

Мантиқдонон баҳси худро дар мантиқ аз таърифи илм ва идрок оғоз мекунанд ва сипас онро ба ду қисм: "тасаввур" ва "тасдиқ" тақсим менамоянд ва мантиқро маҷмӯан ду бахш мекунанд: бахши тасаввурот ва бахши тасдиқот.

Ҳар як аз тасаввур ва тасдиқ, аз назари мантиқдонон, тақсим мешавад ба ду қисм: 1-зарурӣ ва бадеҳӣ, 2-назарӣ ва иктисобӣ.

Тафаккур ва истидлол — ки мантиқ муддаӣ аст, ки қонун ва қоидаҳои онро баён мекунад — ба ин сурат аст, ки зеҳн, аз тасаввуроти зарурӣ ва бадеҳӣ ба тасаввуроти назарӣ ва иктисобӣ даст меёбад ва ғолибан он тасаввуроти зарурӣро сармояи таҳсил ва дастёбӣ ба як силсила тасаввуроти назарӣ ва иктисобии дигар қарор медиҳад ва ҳамчунин тасдиқоти зарурӣ ва бадеҳиро василаи кашфи як идда тасдиқоти назарӣ ва иктисобӣ қарор медиҳад ва онҳоро низ ба навбаи худ василаи таҳсил ва дастёбии як силсила тасдиқоти дигар месозад.

Аз ин рӯ лозим аст, мо қабл аз ҳар баҳси дигар, илм ва идрок ва сипас тасаввур ва тасдиқ ва зарурӣ ва назариро таърифф кунем.

**Илм ва идрок**

Инсон дар худ ҳолате меёбад, ки номи он ҳолатро илм ё идрок ё доноӣ ё огоҳӣ ва амсоли инҳо мегузорад. Нуқтаи муқобили илм ва идрок ҷаҳл ва ноогоҳӣ аст.

Мо вақте шахсеро, ки то кунун надида будем, мебинем, ё шаҳреро, ки то кунун нарафта будем, мушоҳида мекунем, эҳсос мекунем, ки акнун дар худ ва ҳамроҳи худ чизе дорем, ки қаблан надоштем ва он иборат аст аз тасвире аз он шахс ва тасвир ё тасвироте аз он шаҳр.

Ҳолати аввали моро, ки ин тасвиротро надоштем, ҷаҳл меноманд ва ҳолати дуввуми моро, ки тасвироте аз онҳо дорем ва ин тасвирот моро бо он ашё, ки воқеиёти хориҷӣ мебошанд марбут мекунанд, илм ё идрок меноманд.

Пас маълум мешавад, зеҳни мо ҳолате шабеҳи нақшпазирӣ ва суратпазирии аҷсомро дорад ва ин суратҳо ва нақшҳои зеҳн моро бо ашёи хориҷӣ марбут мекунад ва нисбат ба онҳо огоҳ месозад.

Пас илм сурате аз маълум аст дар зеҳн. Бинобар ин дар таърифи илм ва идрок гуфта шудааст:

**Илм ва идрок иборат аст аз сурате ки аз як шайъ дар зеҳн падид меояд**.

**Тасаввур ва тасдиқ**

Инқисоми илм ба тасаввур ва тасдиқ аз ин ҷиҳат аст, ки илми мо ба ашё гоҳе ба ин шакл аст, ки зеҳни мо ҳукм мекунад ба вуҷуд ё адами нисбате миёни ашё, яъне илми мо монанди доваре миёни ду чиз аст ва ҳолати қазоӣ дорад. Ва гоҳе ба ин шакл нест.

Сурати аввал мисли илми мо ба ин ки “ҳаво гарм аст” ё “ҳаво гарм нест”, “ростӣ хуб аст”, “дурӯғ хуб нест”. Бинобар ин, тасдиқ иборат аст аз қазовати зеҳн миёни ду шайъ. Ин ҳолати қазоии зеҳнро “тасдиқ” меноманд.

Аммо зеҳн ҳамеша дар иртиботи илмии худ бо ашё ҳолати қазоӣ ба худ намегирад. Гоҳе онҳоро аз назар мегузаронад бидуни он ки ҳукме дар бораи онҳо бикунад. Ва ин суратҳо ҳамон “тасаввур” аст.

Пас вақте ки дар зеҳни худ ҳукм мекунем ба ин ки “ҳаво гарм аст”, он ҳукм тасдиқ аст ва аммо сурати зеҳнии “ҳаво” ва сурати зеҳнии “гармӣ” тасаввур аст.

**Зарурӣ ва назарӣ:**

Аз ҷумлаи истилоҳоте, ки дар мантиқ ва фалсафа зиёд ба чашм мехӯрад, истилоҳи “зарурӣ” (ё бадеҳӣ) ва “назарӣ” (ё иктисобӣ) аст. Лозим аст дар ин бора низ тавзеҳе бидиҳем.

Ҳар як аз тасаввур ва тасдиқ бар ду қисм мебошанд: ё бадеҳӣ ҳастанд ва ё назарӣ.

**Тасаввуроти бадеҳӣ** иборат аст аз идроке, ки ниёз ба назар ва фикр надошта бошад. Ва аммо **тасаввуроти назарӣ** иборат аст аз идроке, ки ниёз ба назар ва фикр дошта бошад.

Ба иборати дигар: бадеҳӣ он аст, ки худ ба худ маълум аст ва назарӣ он аст, ки худ ба худ маълум нест, балки бояд ба василаи шайъ ё ашёи дигар маълум шавад.

Ба таъбири дигар: бадеҳӣ он аст, ки маълум шуданаш ниёзманд ба фикр нест ва аммо назарӣ он аст, ки маълум шуданаш ниёзманд ба фикр аст.

Мегӯянд, масалан тасаввури ҳарорат ва бурудат эҳтиёҷе ба фикр надорад, пас бадеҳӣ мебошанд. Аммо тасаввури фаришта ва ё ҷин ниёзманд ба фикр аст, пас ин тасаввурот назарӣ мебошанд.

Ва аммо тасдиқоти бадеҳӣ ва назарӣ: зеҳн дар қазоват ва ҳукм миёни ду чиз гоҳе ниёзманд ба далел аст ва гоҳе бе ниёз аз далел, яъне гоҳе тасаввури ду тараф кофӣ аст, ки зеҳн ҷазм ва яқин ба вуҷуд ё адами нисбат кунад ва гоҳе кофӣ нест, балки бояд далеле дар кор бошад, то зеҳн миёни ду тараф ҳукм кунад.

Масалан, ин ки “панҷ аз чаҳор бузургтар аст” ниёзе ба фикр ва истидлол надорад ва аммо ин ки 15×15=225 аст, ниёзманд ба фикр ва истидлол аст. Ҳамчунин, ин ки ҷамъ миёни ду

нақиз мумтанеъ аст, аз тасдиқоти бадеҳӣ аст ва аммо ин ки абъоди ҷаҳон оё мутаноҳӣ аст ё номутаноҳӣ, назарӣ аст.

**Дарси 3**

**Куллӣ ва ҷузъӣ**

**Чакидаи баҳс**

*Ҷузъӣ* ба мафҳуме гуфта мешавад, ки дар берун фақат бар як фард сидқ мекунад ва сидқи он бар беш аз як фард маҳол аст, монанди мафҳуми "ҳазрати Муҳаммад (с)" ва "шаҳри Душанбе".

*Куллӣ* он мафҳуме аст, ки сидқаш бар беш аз як маврид маҳол нест, монанди мафҳуми "инсон" ва мафҳуми "ҳайвон".

*Ҷузъии изофӣ* он мафҳуме аст, ки бо як мафҳуми густардатаре санҷида шавад.

**Тафсили баҳс**

Қабл аз ворид шудан ба баҳси *куллӣ ва ҷузъӣ*, лозим аст тавзеҳ дода шавад, ки инсон пас аз дарки ашё аз хориҷ, тасвирҳое аз он ашё дар зеҳни вай нақш мебанданд. Ба ин тасвири зеҳнӣ "мафҳум" мегӯянд. Ва аммо чизе ки ин мафҳум бар он мунтабиқ ва сидқ мекунад, "мисдоқ" номида мешавад. Яъне ҳамон шайъи хориҷӣ "мисдоқ" ном дорад. Масалан, мо дар зеҳни худ тасвире аз шаҳри Душанбе дорем, ин тасвир мафҳум аст, вале шаҳри Душанбе дар берун аз зеҳни мо мисдоқи ин мафҳуми зеҳнии мост.

Нуктаи дигаре, ки бояд тавзеҳ дода шавад ва хеле муҳим аст ин аст, ки толиби илми мантиқ аз аввал бояд бидонад, ки сару кори илми мантиқ бо маъонӣ ва мафоҳим аст, на алфоз. Ва агар алфозро ба кор мегирад, ба хотири далолати алфоз бар маъонӣ ва мафоҳим аст. Яъне мо дар мантиқ чорае ҷуз аз ба коргирии алфоз надорем, чун ин алфоз аст, ки моро ба маъонӣ ва мафоҳим мунтақил месозад.

Вале ба ҳар ҳол, бояд донист, ки сару кори мантиқӣ бо алфоз нест. Ин илми сарф, наҳв ва балоғат аст, ки сару кораш бо алфоз аст.

Одатан мантиқдонон дар мабоҳиси муқаддамотии худ мабҳасеро таҳти унвони "мабҳаси алфоз" меоваранд ва дар он перомуни алфоз аз он ҷиҳат, ки бар маъонӣ ва мафоҳим далолат мекунанд, баҳс менамоянд. Ва мо чун дар ин баҳсҳо мехоҳем фақат ба таври хулоса бо мабоҳиси мантиқӣ ошно шавем, лизо мабҳаси алфозро намеоварем ва толиби илми

мантиқ дар сатҳҳои болотаре метавонад бо он ошно шавад. Ҳоло мепардозем ба баҳси куллӣ ва ҷузъӣ.

**Куллӣ ва ҷузъӣ**

Яке дигар аз баҳсҳои муқаддамотии мантиқ, баҳси куллӣ ва ҷузъӣ аст. Ин баҳс аввалан ва зотан марбут ба тасаввурот аст ва дар мартабаи сонӣ марбут ба тасдиқот мебошад, яъне тасдиқот – чунон ки баъдан хоҳад омад – ба табаъи тасаввурот аст, ки муттасиф ба куллият ва ҷузъият мегарданд.

Тасаввуроте, ки аз ашё дорем ва бо алфози худ онҳоро баён мекунем, ду гуна ҳастанд: *тасаввуроти ҷузъӣ* ва *тасаввуроти куллӣ*.

**Тасаввуроти ҷузъӣ** як силсила суратҳое аст, ки ҷуз бар шахси воҳид қобили интибоқ нест, монанди тасаввури мо аз афрод ва ашхоси муайяни инсонҳо, монанди ҳазрати Муҳаммад (с), Садриддин Айнӣ, Мавлоно ва ғайра. Ин суратҳои зеҳнии мо фақат бар як фарди хосс сидқ мекунад, на бештар. Номҳое, ки рӯи ин гуна афрод гузошта мешавад,"исми хосс" номида мешавад. Пас тасаввуре мисли тасаввуре аз шаҳри Душанбе ва тасаввуре аз кишвари Тоҷикистон ва тасаввуре аз кӯҳи Помир ва тасаввуре аз масҷиди "Мавлоно" ва ғайра, ҳамаи ин тасаввурот *ҷузъӣ* мебошанд.

Зеҳни мо, илова бар ин тасаввурот, як силсила тасаввуроти дигар ҳам дорад ва номҳои дигар барои нишон додани он маъонӣ ва тасаввурот вуҷуд дорад, монанди тасаввуре, ки аз "инсон" ва аз "оташ" ва аз "шаҳр" ва "кӯҳ" ва амсоли инҳо дорем ва барои фаҳмондани ин маъонӣ ва тасаввурот номҳои мазбурро ба кор мебарем, ки "исми омм" хонда мешаванд. Ин силсила маъонӣ ва мафоҳим ва тасаввуротро *куллӣ* меномем, зеро қобили интибоқ бар афроди фаровоне мебошанд, ҳатто қобилияти интибоқ бар афроди бепоён доранд. Масалан, мафҳуми "инсон" қобили интибоқ ҳам бар ҳазрати Муҳаммад (с) аст, ҳам бар Садриддин Айнӣ, ҳам бар Мавлоно ва бар ҳар касе ки инсонаш мехонем.

Одатан дар корҳои оддии худ, сару кори мо бо ҷузъиёт аст. Мегӯем, Ҳасан омад, Ҳасан рафт, шаҳри Душанбе пойтахти Тоҷикистон аст, кӯҳи Помир яке аз баландтарин кӯҳҳои ҷаҳон аст. Аммо он ҷо, ки вориди масоили илмӣ мешавем, сару кори бо куллиёт аст. Мегӯем, секунҷа чунин аст, доира чунон аст, инсон дорои фалон ғариза аст, кӯҳ чӣ нақше дорад, шаҳр бояд чунину чунон бошад ва ғайра…

Идроки куллӣ аломати рушд ва такомули инсон дар миёни ҷондорон аст. Рози муваффақияти инсон — бар хилофи ҳайвонот — ба дарки қавонини ҷаҳон ва истихдоми он қавонин ва эҷоди саноеъ ва ташкили фарҳанг ва тамаддун аст, ки ҳамаи инҳо дар идроки куллиёт наҳуфта аст.

Мантиқ, ки абзори саҳеҳ фикр кардан аст, ҳам бо ҷузъӣ сару кор дорад ва ҳам бо куллӣ, вале бештар сару кораш бо куллиёт аст.

**Ҷузъии изофӣ**

Ҷузъие, ки дар боло таъриф шуд, "ҷузъии ҳақиқӣ" номида мешавад. Ҷузӣ як истилоҳи дигаре низ дорад, ки онро "ҷузъии изофӣ" гӯянд. Ҳар мафҳуме дар муқоиса бо мафҳуми густардатар аз худ, "ҷузъии изофӣ" номида мешавад, хоҳ ҷузъии ҳақиқӣ бошад ё куллӣ. Масалан, мафҳуми "Ҳасан" ба худии худ ҷузъии ҳақиқӣ ва дар муқоиса бо мафҳуми "инсон" ҷузъии изофӣ аст. Ҳамчунин мафҳуми "инсон" ба худии худ як мафҳуми куллӣ аст, аммо дар муқоиса бо мафҳуми "ҳайвон" ҷузъии изофӣ аст.

Бинобар ин, метавон дар таърифи "ҷузъии изофӣ" чунин овард:

**Ҷузъии изофӣ мафҳуме аст, ки бо як мафҳуми густардатар санҷида шудааст**.

**Дарси 4**

**Нисбатҳои чаҳоргона**

**Чакидаи баҳс**

Ҳар гоҳ як мафҳуми куллӣ бо як мафҳуми куллии дигаре муқоиса шавад, миёни он ду мафҳум яке аз нисбатҳои зерин барқарор аст:

1. Нисбати табоюн: ин нисбат миёни ду мафҳуме барқарор аст, ки ҳеч кадом аз онҳо бо дигарӣ дар ҳеч фарде аз афрод ҷамъ намешавад, мисли мафҳуми "инсон" ва мафҳуми "дарахт";

2. Нисбати тасовӣ: ин нисбат миёни ду мафҳуме барқарор аст, ки дар ҳамаи масодиқ ин ду мафҳум бо ҳам муштараканд, мисли мафҳуми "инсон" ва мафҳуми "тааҷҷубкунанда";

3. Нисбати умум ва хусуси мутлақ: ин нисбат миёни ду мафҳуме, ки яке бар тамоми афроди мафҳуми дигар сидқ мекунад ва аммо масодиқи дигаре ғайри он низ дорад

барқарор аст. Мафҳуми нахустро “аъамми мутлақ” ва мафҳуми дуюмро “ахасси мутлақ” меноманд, монанди мафҳуми “ҳайвон” ва мафҳуми “инсон”;

4. Нисбати умум ва хусуси мин ваҷҳ: ин нисбат миёни ду мафҳуме, ки ҳар ду дар порае масодиқ бо ҳам ҷамъ шуда, аммо ҳар кадом масодиқи хоссе низ доранд барқарор аст, монанди мафҳуми “инсон” ва мафҳуми “сафед”.

**Тафсили баҳс**

Аз ҷумлаи масоиле, ки лозим аст дар мантиқ дониста шавад, анвоъи робита ва нисбате аст, ки ду мафҳуми куллӣ бо якдигар мумкин аст дошта бошанд. Ҳар мафҳуми куллиро — назар ба ин ки ҳар мафҳуми куллие шомили афроди бисёре аст — агар бо як куллии дигар, ки он низ шомили як силсила афрод аст муқоиса кунем, яке аз чаҳор нисбатҳои зайлро бо якдигар хоҳанд дошт:

1. Табоюн;
2. Тасовӣ;
3. Умум ва хусуси мутлақ;
4. Умум ва хусуси мин ваҷҳ.

Зеро ё ин аст, ки ҳеч як аз ин ду мафҳуми куллӣ бар ҳеч як аз афроди он куллии дигар сидқ намекунад ва қаламрави ҳар кадом аз инҳо аз қаламрави дигарӣ комилан ҷудост. Дар ин сурат нисбат миёни ин ду куллӣ, нисбати “табоюн” аст ва он ду куллиро “мутабойинайн” мехонанд.

Ва ё ин аст, ки ҳар як аз ин ду мафҳум бар тамоми афроди дигар сидқ мекунад; яъне қаламрави ҳар ду куллӣ яке аст. Дар ин сурат нисбат миёни ин ду мафҳуми куллӣ, нисбати “тасовӣ” аст ва он ду куллиро “мутасовияйн” мехонанд.

Ва ё ин аст, ки яке бар тамоми афроди дигарӣ сидқ мекунад ва тамоми қаламрави онро дар бар мегирад, аммо дигарӣ тамоми қаламрави аввалиро дар бар намегирад, балки баъзе аз онро дар бар мегирад. Дар ин сурат нисбат миёни он ду куллӣ, нисбати “умум ва хусуси мутлақ” аст ва он ду куллиро “омм ва хосси мутлақ” мехонанд.

Ва ё ин аст, ки ҳар кадом аз онҳо бар баъзе аз афроди дигарӣ сидқ мекунад; яъне дар баъзе аз қаламравҳои худ бо якдигар иштирок доранд ва ҳам ҳар кадом бар афроде сидқ мекунад, ки дигарӣ сидқ намекунад; яъне ҳар кадом қаламрави ҷудогонае низ доранд. Дар ин сурат

нисбат миёни он ду куллӣ “умум ва хусуси мин ваҷҳ” аст ва он ду кулливо “омм ва хосси мин ваҷҳ” меҳонанд.

**Мисоли мутабойинайн:** мисли мафҳуми “инсон” ва мафҳуми “дарахт”, ки ҳеч инсоне дарахт нест ва ҳеч дарахте ҳам инсон нест. На инсон шомили афроди дарахт мешавад ва на дарахт шомили афроди инсон мешавад. На инсон чизе аз қаламрави дарахтро дар бар мегирад ва на дарахт чизе аз қаламрави инсонро.

**Мисоли мутасовияйн:** мисли мафҳуми “инсон” ва мафҳуми “тааҷҷубкунанда”, ки ҳар инсоне тааҷҷубкунанда аст ва ҳар тааҷҷубкунандае ҳам инсон аст. Қаламрави инсон ҳамон қаламрави тааҷҷубкунанда аст ва қаламрави тааҷҷубкунанда низ ҳамон қаламрави инсон аст.

**Мисоли омм ва хосси мутлақ:** монанди мафҳуми “инсон” ва мафҳуми “ҳайвон”, ки ҳар инсоне ҳайвон аст (зеро инсон ҳайвони нотиқ аст), аммо ҳар ҳайвоне инсон нест мисли асп, ки ҳайвон аст вале инсон нест, балки баъзе ҳайвонҳо инсонанд (ҳайвони нотиқ).

**Мисоли омм ва хосси мин ваҷҳ:** монанди мафҳуми “инсон” ва мафҳуми “сафед”, ки баъзе инсонҳо сафеданд ва баъзе сафедҳо низ инсонанд (инсонҳои сафедпӯст), аммо баъзе инсонҳо сафед нестанд (инсонҳои сиёҳпӯст ва зардпӯст), вале баъзе сафедҳо инсон нестанд (монанди барф, ки сафед аст, вале инсон нест).

Дар ҳақиқат ду куллии мутабойин монанди ду доирае аст, ки аз якдигар комилан ҷудост. Ду куллии мутасовӣ монанди ду доирае аст, ки комилан бар рӯйи якдигар қарор гирифтаанд ва бар якдигар мунтабиқ ҳастанд. Ва ду куллии омм ва хосси мутлақ монанди ду доирае аст, ки яке кучактар аз дигарӣ аст ва доираи кучактар дар дохили доираи бузургтар қарор гирифтааст. Ду куллии омм ва хосси мин ваҷҳ монанди ду доирае аст, ки бо ду қавс якдитгарро қатъ кардаанд.

Дар миёни куллиёт фақат ҳамин чаҳор навъ нисбат мумкин аст барқарор бошад.

Нисбати панҷум маҳол аст, мисли ин ки фарз кунем як куллӣ шомили ҳеч як аз афроди дигарӣ набошад, вале дигарӣ шомили тамом ё баъзе афроди он буда бошад.

**Дарси 5**

**Куллиёти хамс**

Аз ҷумлаи баҳсҳои муқаддамотӣ, ки мантиқдонон онро зикр мекунанд, мабҳаси “куллиёти хамс” аст. Баҳси “куллиёти хамс” дар асл марбут ба фалсафа аст, на мантиқ. Фалосифа дар мабоҳиси моҳият ба тафсил дар ин маврид баҳс мекунанд, вале дар мантиқ назар ба ин ки баҳс дар бораи “ҳудуд” (таърифот) бастагӣ дорад ба ошноӣ бо “куллиёти хамс”, бинобар ин мантиқдонон низ ин баҳсро ҳамчун муқаддима барои боби “ҳудуд” (таърифот) меоваранд ва ба он номи “мадхал” ё “муқаддима” медиҳанд.

Барои ҳазми беҳтари ин баҳс нахуст як мисол мезанам. Вақте мегӯем: инсон инсон аст, инсон ҳайвон аст, инсон нотиқ (фикркунанда) аст, инсон тааҷҷубкунанда аст, инсон раванда аст, дар ин мисолҳо ҳамаи ин мафҳумҳо бар инсон сидқ мекунанд; ҳам мафҳуми “инсон” бар инсон сидқ мекунад, ҳам мафҳуми “ҳайвон”, ҳам мафҳуми “нотиқ”, ҳам мафҳуми “тааҷҷубкунанда” ва ҳам мафҳуми “раванда”. Аммо нисбат ва робитаи инсон бо ҳар як аз ин мафоҳим як гуна нест, балки баъзе аз ин мафҳумҳо ҳикоят аз зот ва моҳияти ӯ мекунанд, мисли мафҳуми “инсон”, мафҳуми “ҳайвон” ва мафҳуми “нотиқ”, ки ин се мафҳум ҷузъи зотиёти инсон ба шумор мераванд. Вале баъзеи дигар хориҷ аз зот ва моҳияти ӯ ҳастанд, мисли мафҳуми “тааҷҷубкунанда” ва мафҳуми “раванда”. Ин ду мафҳум ҷузъи зотиёти инсон ба шумор намераванд ва инсон метавонад бидуни тааҷҷубкунанда будан ё раванда будан инсон боқӣ бимонад, бар хилофи инсоният ва ё ҳайвоният ва ё нотиқият, ки бидуни инҳо инсон дигар инсон нест.

Бинобар ин, мантиқдонон мегӯянд, ҳар мафҳуми куллиро агар нисбат ба афроди худи он куллӣ дар назар бигирем ва робитаашро бо афроди худаш бисанҷем, аз яке аз панҷ қисми зайл хориҷ нест:

1. навъ;
2. ҷинс;
3. фасл;
4. арази омм;
5. арази хосс.

Зеро, он куллӣ ё айни зоти фард аст ва ё хориҷ аз зоти ӯ.

Агар айни зот бошад, ё баёнкунандаи тамоми моҳияти афроди худ аст, ё аъамм (фаротар) аст аз зот ва ё мусовӣ (баробар) аст бо зот.

Ва агар хориҷ аз зот бошад, ё аъамм аз зот аст, ё мусовӣ бо зот.

Он куллие, ки тамоми зот ва тамоми моҳияти афрод мебошад, **навъ** аст.

Ва он куллие, ки ҷузъи зоти афроди худ аст, вале ҷузъи аъамм (фаротар), **ҷинс** аст.

Ва он куллие, ки ҷузъи зоти афрод аст, вале ҷузъи мусовӣ, **фасл** аст.

Ва он куллие, ки хориҷ аз зоти афрод аст, вале аъамм аз зоти афрод, **арази омм** аст.

Ва он куллие, ки хориҷ аз зоти афрод аст, вале мусовӣ бо он, **арази хосс** аст.

**Мисол барои навъ:** монанди мафҳуми "инсон", ки инсоният баёнкунандаи тамоми зот ва моҳияти афроди худ аст, яъне чизе дар зот ва моҳияти афрод нест, ки мафҳуми инсон шомили он набошад.

**Мисол барои ҷинс:** монанди "ҳайвон", ки баёнкунандаи ҷузъе аз зоти афроди худ аст, зеро афроди ҳайвон аз қабили Зайд, Амр, асп, гӯсфанд ва ғайра ҳайвонанд ба иловаи як чизи дигар. Яъне моҳият ва зоти онҳоро ҳайвоният ташкил медиҳад ба иловаи як чизи дигар (мисли нотиқият дар инсонҳо). Ва ё монанди "миқдор", ки ҷузъи зоти афроди худ аз қабили хатт, сатҳ ва ҳаҷм аст, ҳамаи онҳо миқдоранд ба иловаи чизи дигар. Яъне каммият ҷузъи зоти онҳост, на тамоми зоти онҳо ва на чизе хориҷ аз зоти онҳо.

**Мисол барои фасл:** монанди "нотиқ" (фикркунанда), ки ҷузъе дигар аз моҳияти инсон аст, вале ҷузъи хосс.

**Мисол барои арази омм:** монанди "роҳраванда", ки хориҷ аз моҳияти афроди худ аст, яъне роҳ рафтан ҷузъи зот ё тамоми зоти равандагон нест, вале дар айни ҳол ба сурати як ҳолат ва ё ориз дар онҳо вуҷуд дорад. Аммо ин амри ориз ихтисос ба афроди як навъ надорад, балки дар анвоъе аз ҳайвон вуҷуд дорад. Ва бар ҳар фарде, ки сидқ мекунад, аз зот ва моҳияти он фард аъамм (фаротар) аст.

**Мисол барои арази хосс:** монанди "тааҷҷубкунанда", ки хориҷ аз моҳияти афроди худ (ҳамон афроди инсон) аст ва ба сурати як ҳолат ва як араз дар онҳо вуҷуд дорад. Ва ин амри аразӣ ихтисос дорад ба афроди як зот ва як навъ ва як моҳият, яъне навъи инсон.

## Дарси 6

## Таъриф

Агар ёди хонанда бошад, дар дарси аввал гуфта будем, ки мазвӯи илми мантиқ иборат аст аз "муарриф" ва "ҳуҷҷат". Яъне масъалаҳои мантиқ ё дар бораи муаррифҳо (яъне

таърифкунандаҳо, ки дар воқеъ дар бораи чӣ гуна таъриф кардани ашё) аст ё дар бораи ҳуҷҷат (яъне чӣ гуна истидлол кардан). Он чӣ дар дарсҳои пешин то кунун овардем, ҳама ҷанбаи муқаддимотӣ доштанд ва дарсҳои аслии мантиқ тоза шурӯъ мешавад. Ҳол, аз баҳси таърифот ва ин ки ашё чӣ гуна таъриф мешаванд, шурӯъ мекунем.

Баҳси "куллиёти хамс" ҳам, ки дар дарси пешин зикр шуд, муқаддимае буд барои ҳудуд ва таърифот. Яъне он чӣ вазифаи мантиқ аст ин аст, ки баён кунад тарзи таъриф кардани як маъно чӣ гуна аст ва ё баён кунад, ки тарзи саҳеҳи иқомаи бурҳон барои исботи як матлаб ба чӣ сурат аст?

Ва чунон ки медонем, қисми аввал марбут мешавад ба "тасаввурот". Яъне ба маълум кардани як маҷҳули тасаввурӣ ба воситаи маълумоти тасаввурӣ. Ва қисми дуввум марбут мешавад ба "тасдиқот". Яъне маълум кардани як маҷҳули тасдиқӣ ба воситаи маълумоти тасдиқӣ.

Ба таври куллӣ, таърифи ашё дар воқеъ посухгӯӣ ба "чистӣ"-и онҳост. Яъне вақте ки ин суол барои мо матраҳ мешавад, ки фалон шайъ чист, мо дар мақоми таърифи он бармеоем. Бадеҳӣ аст, ки ҳар суоле дар мавриди як маҷҳул аст. Мо ҳангоме аз чистии як шайъ суол мекунем, ки моҳият ва ҳақиқати он шайъ ва ин ки он шайъ шомили чӣ чизҳое мешавад ва шомили чӣ чизҳое намешавад, бар мо ношинохта ва маҷҳул бошад.

Ин ки ҳақиқат ва моҳияти як шайъ бар мо маҷҳул бошад, ба ин маъност, ки мо тасаввури дурусте аз он надорем. Пас, агар бипурсем хатт чист? Сатҳ чист? Модда чист? Қувва чист? Ҳаёт чист? Ҳаракат чист?.. Ҳамаи инҳо ба маънии он аст, ки мо як тасаввури комил ва ҷомеъе аз ҳақиқати ин умур надорем ва мехоҳем тасаввури саҳеҳ ва дурусте аз онҳо дошта бошем ва ҳадди комили як мафҳум аз назари марз бар мо маҷҳул аст.

Ва чунон ки медонем, дар ҳамаи улум қабл аз ҳар чизе, ниёз ба як силсила таърифот барои мавзӯъҳое, ки дар он илм тарҳ мегардад пайдо мешавад. Ва албатта таърифот дар ҳар илме, ғайр аз масоили он илм аст, яъне хориҷ аз илм аст. **Кори мантиқ дар бахши тасаввурот ин аст, ки роҳи саҳеҳ ва дурусти таърифотро ба мо ироа диҳад.**

Агарчӣ таъриф кардани як шайъ бар ӯҳдаи мантиқ нест (балки бар ӯҳдаи фалсафа ва улум аст), аммо мантиқ мехоҳад роҳи дуруст таъриф карданро биомӯзад.

**Ҳадд ва расм**

Дар мақоми таърифи як шайъ агар битавонем ба кунҳи зоти он пай бибарем, яъне аҷзои моҳияти онро, ки иборат аст аз ҷинсҳо ва фаслҳои он ташхис бидиҳем ва баён кунем, ба комилтарин таърифот даст ёфтаем ва чунин таъриферо "**ҳадди томм**" мегӯянд.

Аммо агар ба баъзе аз аҷзои моҳияти шаъйи мавриди назар даст ёбем, на ба ҳамаи онҳо, чунин таъриферо "**ҳадди ноқис**" мехонанд.

Агар ба аҷзои зот ва моҳияти як шаъй даст наёбем, балки сирфан ба аҳкоми он даст ёбем, ва ё аслан ҳадафи мо сирфан ин бошад, ки марзи як мафҳумро мушаххас созем, ки шомили чӣ чизҳое ҳаст ва шомили чӣ чизҳое нест, дар ин сурат агар дастрасии мо ба аҳком дар ҳадде бошад, ки он шаъйро комилан мутамойиз созад ва аз ғайри худаш онро мушаххас кунад, чунин таъриферо "**расми томм**" меноманд.

Аммо агар комилан мушаххас насозад, онро "**расми ноқис**" мехонанд.

Масалан, дар таърифи инсон агар бигӯем: "ҷавҳаре аст ҷисмонӣ (яъне дорои абъод), нумувкунанда, ҳайвон, нотиқ", ҳадди томми онро баён кардаем. Аммо агар бигӯем: "ҷавҳаре аст ҷисмонӣ, нумувкунанда, нотиқ" ва ё фақат бигӯем: "нотиқ" (яъне ба фасли танҳо иктифо намоем), ҳадди ноқис аст. Агар дар таърифаш бигӯем: "ҳайвони ростқомат, хандон", расми томм аст, ва агар бигӯем: "мавҷуде аст хандон" (яъне танҳо ба арази хосс иктифо кунем), расми ноқис аст.

Хулоса, таъриф дар ҳоле муфид аст, ки шаъйи таърифшавандаро аз ғайраш ҷудо созад ва ҳамаи афродашро дар бар гирад, ки ҳадди томм комилтарин таъриф ва расми ноқис камтарини он аст.

**Хулоса**

1. *Ҳадди том* таърифе аст, ки тамоми зотиёти "муарраф" (чизе ки таъриф мешавад)-ро дар бар дорад (ва аз ҷинси қариб ва фасли қариб ташкил мешавад; зеро ҷинс ва фасли қариб ҳамаи зотиёти муаррафро дар бар дорад), монанди он ки дар мақоми таърифи инсон бигӯед: "ҳайвони нотиқ";

2. *Ҳадди ноқис* таърифе аст, ки танҳо порае аз зотиёти муарраф оварда шавад (ва он, гоҳе мураккаб аз ҷинси баъид ва фасли қариб аст, ва гоҳе танҳо аз фасли қариб ташкил мешавад), монанди ин ки дар мақоми таърифи инсон бигӯед: "ҷисми нумувкунандаи нотиқ" ва ё бигӯед: "нотиқ";

3. *Расми томм* таърифе аст, ки аз ҷинс ва хосса ташкил мешавад, монанди таърифи инсон ба ин ки “ҳайвони хандон” аст;

4. *Расми ноқис* таърифе аст, ки аз хосса ба танҳоӣ ташкил шудааст, монанди таърифи инсон ба “хандон”.

**Дарси 7**

**Қазия**

**Чакидаи баҳс**

Баҳс дар бораи қазия дар се меҳвар хоҳад буд:

1. Таърифи қазия;
2. Тақсими қазия;
3. Аҳкоми қазия.

**Таърифи қазия:** Қазия қавли мураккаби томми хабарие аст, ки эҳтимоли сидқ ва кизб дар он роҳ дорад.

**Тафсили баҳс**

Аз ин ҷо баҳси **тасдиқот** оғоз мешавад. Пеш аз ҳама аввал бояд **қазия**ро таъриф бикунем ва сипас ба **тақсими қазияҳо** мепардозем ва он гоҳ **аҳкоми қазияҳо**ро зикр мекунем.

Пас дар се марҳила бояд кор кунем: таърифи қазия, тақсими он ва аҳкомаш.

Барои ин ки қазияро таъриф кунем, муқаддимае бояд зикр кунем, ки марбут ба алфоз аст. Гуфта гузашта будем, ки ҳарчанд мантиқ сару кораш бо маъонӣ ва идрокоти зеҳнӣ аст, бинобар ин мустақиман коре бо алфоз надорад (бар хилофи мисли сарфу наҳв, ки сару корашон мустақиман бо алфоз аст) ва ҳар гуна таъриф ё тақсим ва ё баёни ҳукме, ки мантиқ мекунад, марбут ба маъонӣ ва идрокот аст, вале дар айни ҳол гоҳе мантиқ ночор аст ба порае аз таъриф ва тақсим дар бораи алфоз бипардозад.

Албатта таъриф ва тақсимҳое ҳам, ки мантиқ дар алфоз ба кор мебарад, ба эътибори маъонии он алфоз аст. Яъне он алфоз ба эътибори маъонии худ таъриф мешаванд ва тақсимҳое бар онҳо ворид мешавад.

Дар қадим маъмул буд, ки ба навомӯзони мантиқ ин байтро меомӯхтанд:

*Мантиқӣ дар банди баҳси лафз нест,*

*Лек баҳси лафз ӯро оризист.*

Дар истилоҳи мантиқдонон, ҳар лафзе, ки барои як маъно вазъ шуда бошад ва ифодакунандаи маъно бошад, **қавл** хонда мешавад.
Бинобар ин, тамоми лафзҳое, ки мо дар гуфтугӯҳои худ ба кор мебарем ва манзури худро ба якдигар ба воситаи онҳо тафҳим мекунем, **ақвол** (ва ё қавлҳо) мебошад. Ва агар лафзе фоқиди маънӣ бошад, онро **муҳмал** мегӯянд ва қавл хонда намешавад. Масалан, лафзи **асп** дар форсӣ қавл аст, зеро номи як ҳайвони хосс аст, аммо лафзи **сап** қавл нест, зеро ифодакунандаи маъно намебошад.
Қавл бар ду қисм аст: ё **муфрад** аст ва ё **мураккаб**. Агар дорои ду ҷузъ буда ва ҳар ҷузъи он бар ҷузъе аз маъно далолат кунад, онро **мураккаб** мехонанд ва агар на, **муфрад** медонанд.
Бинобар ин, лафзи **об** муфрад аст, аммо лафзи **зардолуоб** мураккаб. Ё масалан, **андом** муфрад аст, аммо лафзи **дуруштандом** мураккаб.
Мураккаб бар ду қисм аст: ё **томм** аст ва ё **ноқис**.
**Мураккаби томм** он аст, ки як ҷумлаи комил бошад. Яъне баёнкунандаи як мақсуди комил бошад, ба тавре ки агар ба дигарӣ гуфта шавад, ӯ матлабро дарк мекунад ва дар ҳоли интизор боқӣ намемонад. Мисли он ки мегӯем: Зайд рафт, Амр рафт ва ё мегӯем: бирав, биё, оё бо ман меойӣ?… Ҳамаи инҳо ҷумлаҳои томманд ва мураккаби томм номида мешаванд.
Аммо **мураккаби ноқис** бар хилофи ин аст, каломе ниматамом аст, мухотаб аз он маъно ва мақсуде дарк намекунад. Масалан, агар касе ба касе бигӯяд: Оби зардолу… ва дигар чизе нагӯяд, тараф аз ин ду калима чизе намефаҳмад ва интизор мемонад ва хоҳад пурсид: Оби зардолу пас чӣ?..
Гоҳе мумкин аст ба андозаи як сатр ва балки як сафҳа калимот пушти сари якдигар воқеъ бишаванд ва дар айни ҳол як ҷумлаи тамом ва як қазияи комил набошад. Масалан, агар касе бигӯяд: “Ман имрӯз соати 8 субҳ, дар ҳоле ки шалвор пӯшида будам ва пироҳан напӯшида будам ва ба пушти боми хонаи худамон рафта будам ва ба соати худ нигоҳ мекардам ва Шокир, ки рафиқи ман аст низ ҳамроҳи ман буд…” Ин ҷумла бо ҳамаи ин тӯлу тафсил як ҷумлаи ноқис аст. Зеро мубтадое зикр карда бидуни хабар. Вале агар

бигӯяд: “Ҳаво сард аст”, бо ин ки се калима бештар нест, як ҷумлаи тамом ва як қазияи комил аст.

Муракаби томм низ ба навбати худ бар ду қисм аст: ё **хабар** аст ва ё **иншо**.

**Мураккаби томми хабарӣ** он аст, ки аз воқеияте ҳикоят бикунад. Яъне аз амре, ки воқеъ шудааст ё воқеъ хоҳад шуд ё дар ҳоли воқеъ шудан аст ва ё ҳамвора буда ва ҳаст, хабар медиҳад. Мисли он ки мегӯем: ман соли гузашта ба Макка рафтам, ман соли оянда ба донишгоҳ меравам, ман акнун маризам…

Аммо **мураккаби иншоӣ** иборат аст аз ҷумлае, ки аз чизе хабар намедиҳад, балки худ ба худ оварандаи як маъност. Мисли ин ки мегӯем: бирав, биё, ҳарф назан, оё бо ман меойӣ?… Мо бо ин ҷумлаҳо фармон яъне амру найҳ ва суол иншо мекунем ва ба вуҷуд меоварем, бидуни ин ки аз чизе хабар дода бошем.

Мураккаби томми хабарӣ чун аз чизе ҳикоят мекунад ва хабар медиҳад, мумкин аст бо он чӣ аз он хабар медиҳад мутобиқат дошта бошад ва мумкин аст мутобиқат надошта бошад. Масалан, вақте мегӯем: ман соли гузашта ба Макка рафтам, мумкин аст воқеан чунин бошад ва ман соли гузашта ба Макка рафта бошам, ки дар ин сурат ин ҷумлаи хабарӣ содиқ аст ва мумкин аст нарафта бошам, ки дар ин сурат ин ҷумлаи козиб аст.

Аммо мураккаби иншоӣ чун аз чизе ҳикоят намекунад ва хабар намедиҳад, балки худ ба вуҷудоварандаи як маъност, чизе дар хориҷ надорад, ки бо он мутобиқат дошта бошад ё мутобиқат надошта бошад. Аз ин рӯ, дар мураккаби иншоӣ содиқ будан ё козиб будан маъно надорад.

**Қазия дар истилоҳи мантиқ**

Қазия дар истилоҳи мантиқ ҳамон “қавли мураккаби хабарии томм” аст. Бинобар ин, дар таърифи қазия мегӯянд:

**Қавле, ки эҳтимоли сидқ ва кизб дар он роҳ дорад**.

Сирри ин ки мегӯем, эҳтимоли сидқ ва кизб дар он роҳ дорад ин аст, ки аввалан, қавле аст мураккаб на муфрад, ва сониян мураккаби томм аст на ғайри томм, ва солисан мураккаби томми хабарӣ аст на иншоӣ. Зеро дар қавли муфрад ва ҳамчунин қавли мураккаби ғайри томм ва ҳамчунин қавли мураккаби томми иншоӣ эҳтимоли сидқ ва кизб роҳ надорад.

Гуфтем, ки мантиқ дар асл сару кораш бо маъонӣ аст ва оризан сару кораш бо алфоз аст.

Агарчӣ он чӣ то кунун гуфтем, дар бораи қавл ва лафз буд, аммо манзури аслӣ дар мантиқ маъонӣ аст. Ҳар қазияи лафзӣ баробар аст бо як қазияи зеҳнӣ. Яъне ҳамон тавре ки мо ба лафзи "Зайд истодааст" қазия итлоқ мекунем, ба маънои ин ҷумла низ, ки дар зеҳни мо вуҷуд дорад, қазия мегӯем.

Пас алфози ин ҷумларо "қазияи лафзия" ва маъонии онҳоро "қазияи маъқула" мехонанд. То ин ҷо баҳси мо ҳама марбут буд ба таърифи қазия, дар дарси баъдӣ мепардозем ба тақсими қазия.

**Дарси 8**

**Ақсоми қазия**

Барои қазия анвоъе аз тақсим вуҷуд дорад, ки иборатанд аз:

Тақсими қазия бар асоси нисбати ҳукмия (робита);

Тақсими қазия бар асоси мазвӯъ;

Тақсими қазия бар асоси маҳмул;

Тақсими қазия бар асоси суратҳо;

Тақсими қазия бар асоси ҷиҳат.

Ҳол, ба тавзеҳ ва баёни тақсими қазия бар асоси нисбат ва робита мепардозем:

**Ҳамлия ва шартия**

Қазия бар асоси робита ва нисбати ҳукмия, бар ду қисм аст: ҳамлия ва шартия.

**Қазияи ҳамлия** қазияе аст, ки мураккаб бошад аз мавзӯъ, маҳмул, нисбати ҳукмия.

Тавзеҳ он ки мо вақте қазияеро дар зеҳни худ тасаввур мекунем ва сипас онро мавриди тасдиқ қарор медиҳем, гоҳе ба ин наҳв аст, ки як чизро мавзӯъ қарор медиҳем (яъне онро дар олами зеҳни худ мениҳем) ва чизи дигарро маҳмул қарор медиҳем (яъне онро бар мавзӯъ ҳамл ва бор мекунем). Ва ба иборати дигар, дар қазияи ҳамлия ҳукм мекунем ба субути чизе (маҳмул) барои чизе (мавзӯъ). Дар асари ниҳодани як мавзӯъ ва бор кардани чизе бар он, нисбат миёни онҳо барқарор мешавад ва ба ин сурат қазия дуруст мешавад.

Масалан, мегӯем: "Зайд истода аст", ки дар ин ҷо калимаи "Зайд" мазвӯъро баён мекунад ва калимаи "истода" маҳмулро ва калима "аст" нисбати ҳукмияро. Дар ҳақиқат, мо Зайдро дар олами зеҳни худ ниҳода ва сипас истоданро бар ӯ бор карда ва миёни Зайд ва истодан робита ва нисбат барқарор кардаем, ва ба ин тартиб қазия ба вуҷуд овардаем.

Мазвӯъ ва маҳмул дар қазияи ҳамлия ду тарафи нисбат мебошанд. Ин ду тараф ҳамвора бояд муфрад бошанд ва ё мураккаби ғайри томм. Агар бигӯем: “Оби зардолу муфид аст”, мавзӯи қазия як мураккаби ноқис аст, вале ҳаргиз мумкин нест, ки як тараф ё ҳар ду тарафи қазияи ҳамлия мураккаби томм бошад.

Навъи робита дар қазияҳои ҳамлия робитаи иттиҳодӣ аст, ки бо калимаи “аст” дар забони форсӣ баён мешавад. Масалан, агар мегӯем: “Зайд истода аст”, дар воқеъ ҳукм кардаем, ки Зайд ва истода дар хориҷ як чизро ташкил медиҳанд ва бо якдигар муттаҳид шудаанд.

Вале гоҳе, ки қазияро дар зеҳни худ тасаввур мекунем ва сипас онро мавриди тасдиқ қарор медиҳем, ба наҳви боло нест. Яъне дар он, чизе бар чизе бор нашудааст. Ва ба иборати дигар, дар он ҳукм ба субути чизе барои чизе нашудааст, балки ҳукм шудааст ба машрут будани мафоди як қазия ба мафоди қазияи дигар. Ба иборати дигар, ҳукм шудааст ба муъаллақ будани мафоди як қазия ба мафоди қазияи дигар. Мисли ин ки мегӯем: “Агар борон боридааст, пас замин тар аст”. Ва ё мегӯем: “Ё офтоб тулӯъ кардааст, ё ситорагон дурахшиданд”, ки дар ҳақиқат маънӣ ин аст, ки агар офтоб тулӯъ кардааст, ситорагон хомӯшанд, ва агар ситорагон дурахшидаанд, офтоб тулӯъ накардааст. Ин гуна қазияҳоро “қазия шартия” меноманд.

Қазияи шартия низ монанди қазияи ҳамлия ду тараф дорад ва як нисбат, вале бар хилофи ҳамлия, ҳар як аз ду тарафи шартия як мураккаби томми хабарӣ аст. Яъне як қазия аст ва миёни ду қазия робита ва нисбат барқарор шудааст. Яъне аз ду қазия ва як нисбат як қазияи бузургтар ба вуҷуд омадааст.

Қазияи шартия ба навбати худ бар ду қисм аст: ё **муттасила** аст ва ё **мунфасила**. Зеро робитае, ки дар қазияи шартия ду тарафро ба якдигар пайванд медиҳад, ё аз навъи пайвастагӣ ва талозум аст ва ё аз навъи гусастагӣ ва таъонуд.

Талозум (пайвастагӣ) яъне як тараф мусталзими тарафи дигар аст, ки ҳар ҷо ки ин тараф ҳаст, он тараф ҳам ҳаст. Мисли ин ки мегӯем: “Ҳар вақт абрҳо раъд мезананд, пас садои раъд шунида мешавад”. Ё мегӯем: “Борон боридааст, пас замин тар аст”. Яъне ҷаҳидани барқ ҳамроҳ ва мулозим аст бо пайдоиши садо, ва бориши борон мулозим ва ҳамроҳ аст бо тар шудани замин. Аммо робитаи таъонуд (гусастагӣ ва ҷудоӣ) баръакс аст. Яъне мехоҳем бигӯем, миёни ду тараф густастагӣ вуҷуд дорад. Агар ин тараф бошад, он тараф

нахоҳад буд, ва агар он тараф бошад, ин тараф нахоҳад буд. Мисли ин ки мегӯем: “Адад ё ҷуфт аст ё тоқ”. Яъне имкон надорад, ки як адади хосс ҳам ҷуфт бошад ва ҳам тоқ. Ё мисли ин ки мегӯем: “Ё офтоб тулӯъ кардааст ва ё ситорагон дурахшидаанд”. Яъне амалан мумкин нест, ки дар як макон ҳам рӯз бошад ва ҳам шаб.

Дар қазияҳои шартияи муттасила, ки робита миёни ду тараф талозум (пайвастагӣ) аст, возеҳ аст, ки як навъ шарт дар кор аст. Мисли ин ки мегӯем: “Агар барқ дар абр меҷаҳад, овози раъд шунида мешавад”. Яъне шунидани овози раъд машрут аст ба ҷаҳидани барқ. Пас, шартия номидани қазияҳои муттасила равшан аст.

Вале дар қазияҳои мунфасила, ки робита аз навъи таъонуд (гусастагӣ) аст мисли “Адад ё ҷуфт аст ва ё тоқ”, шарт дар зоҳири лафз нест, вале дар ҳақиқат мисли ин аст, ки ҳар кадом машрут ҳастанд ба адами дигарӣ. Яъне, агар ҷуфт аст тоқ нест, ва агар тоқ аст ҷуфт нест. Ва агар ҷуфт нест тоқ аст, ва агар тоқ нест ҷуфт аст.

**Пас маълум шуд, ки қазия дар тақсими аввалӣ мунқасим аст ба ҳамлия ва шартия, ва қазияи шартия мунқасим аст ба муттасила ва мунфасила.**

Ва ҳам маълум шуд, ки қазияи ҳамлия кучактарин воҳиди қазия аст. Зеро қазияҳои ҳамлия, аз таркиби муфрадҳо ё мураккабҳои ноқис ба вуҷуд меояд, аммо қазияҳои шартия аз таркиби чанд қазияи ҳамлия ва ё аз таркиби чанд шартияи кучактар ба вуҷуд меоянд, ки он шартияҳои кучактар дар ниҳояти амр аз ҳамлияҳо таркиб ёфтаанд.

Дар қазияҳои шартия ду тарафро **муқаддам** ва **толӣ** мехонанд. Яъне ҷузъи аввал **муқаддам** ва ҷузъи дуввум **толӣ** хонда мешавад. Бар хилофи ҳамлия, ки ҷузъи аввалро **мазвӯъ** ва ҷузъи дуввумро **маҳмул** мехонанд.

Қазияи шартияи муттасила ҳамвора дар забони форсӣ бо алфозе аз қабили “агар”, “ҳар замон” ва амсоли инҳо оварда мешавад. Ва аммо қазияи шартияи мунфасила дар забони форсӣ бо лафзи “ё” оварда мешавад.

**Мӯҷиба ва солиба**

Тақсими қазия ба ҳамлия ва шартия, чунон ки дидем, тақсиме буд бар асоси робита ва нисбати ҳукмия. Агар робита иттиҳодӣ бошад, қазия ҳамлия аст, ва агар робита аз навъи талозум (пайвастагӣ) ё таъонуд (гусастагӣ) бошад, шартия аст.

Тақсими қазия бар асоси робита, ба гунаи дигар ҳам ҳаст. Ва он ин ки дар ҳар қазия ё ин аст, ки робита (аъамм аз итттиҳодӣ ё талозумӣ ё таъонудӣ) исбот мешавад ва ё ин аст, ки робита нафй мешавад. Аввалиро **қазияи мӯҷиба** ва дуввумиро **қазияи солиба** мехонанд. Масалан, агар бигӯем: “Зайд истода аст”, қазия ҳамлияи мӯҷиба аст. Ва агар бигӯем: “Чунин нест, ки Зайд истода аст”, қазия ҳамлияи солиба аст. Агар бигӯем: “Агар борандагӣ зиёд бошад, маҳсул фаровон аст”, қазия шартияи муттасилаи мӯҷиба аст, ва агар бигӯем: “Агар борон ба кӯҳистон наборад, хушксолӣ ояд“, шартияи муттасилаи солиба аст.

Агар бигӯем: “Адад ё ҷуфт аст ё тоқ”, қазия шартияи мунфасилаи мӯҷиба аст, ва агар бигӯем: “Чунин нест, ки адад ё ҷуфт бошад ё тоқ”, қазия шартияи мунфасилаи солиба аст.

**Хулосаи баҳс**

Қазия ё ҳамлия аст ва ё шартия.

**Қазияи ҳамлия** иборат аст аз қазияе, ки дар он, ба субути чизе барои чизе, ё нафйаш аз он ҳукм шудааст, монанди “Оҳан маъдан аст”, “Рибо ҳаром аст”.

**Қазияи шартия** иборат аст аз қазияе, ки дар он, ҳукм ба вуҷуд ё адами вуҷуди нисбате миёни як қазия ва қазияе дигар шудааст. Ва он — яъне қазияи шартия – ё **муттасила** аст ё **мунфасила**; зеро нисбат миёни ду қазия ду гуна метавонад бошад:

Агар нисбат баёнгари иттисол миёни ду қазия бошад ё нафйи ин иттисол, дар ин сурат он қазия **қазияи муттасила** аст, монанди “Агар хуршед тулӯъ кунад, рӯз мавҷуд аст”. Ва ё “Чунин нест, ки агар инсон хабарчин бошад, мавриди эътимод бошад”.

Ва агар нисбат баёнгари инфисол ва ҷудоии тарафайн ё нафйи инфисол бошад, дар он сурат он қазия **қазияи мунфасила** аст, монанди “Лафз ё муфрад аст ва ё мураккаб”. Ва ё “Чунин нест, ки инсон ё нависанда бошад ва ё шоир”.

Қазия бо ҳамаи ақсоми он – хоҳ ҳамлия бошад ва хоҳ муттасила ё мунфасила – ё **мӯҷиба** аст ва ё **солиба**. Зеро ҳукм дар он ба ду сурат мебошад: агар ҳукм ба нисбати ҳамл ё нисбати иттисол ва ё нисбати инфисол бошад, **қазияи мӯҷиба** аст. Ва агар ҳукм ба салби ҳамл ё салби иттисол ё салби инфисол бошад, **қазияи солиба** аст. Эҷоб ва салби қазияро **кайфи қазия** меноманд.

Ҳар қазия ду тараф ва як нисбат дорад. Бинобар ин, дар ҳар қазияе се ҷузъ вуҷуд дорад.

Аҷзои қазияи ҳамлия иборатанд аз: мазвӯъ, маҳмул ва робита.

Ва дар қазияи шартия аҷзои он иборат ҳастанд аз: муқаддам, толӣ ва робита.

**Дарси 9**

**Тақсимоти дигари қазия**

Дар баҳси қаблӣ гуфта гузаштем, ки қазия тақсимоте дорад, ки яке аз ин тақсимот, тақсими қазия буд бар асоси нисбат ва робита, яке дигар бар асоси мазвӯъ, яке ҳам бар асоси маҳмул буд ва низ яке бар асоси суратҳо буд ва дигаре бар асоси ҷиҳат. Дар баҳси пешин дар бораи тақсими қазия бар асоси нисбат ва робита ба тафсил баҳс кардем ва гуфтем, ки қазия аз ин назар ба ҳамлия ва шартия тақсим мешавад.

Дар баҳси ҳозир роҷеъ ба тақсимоти дигари қазия мепардозем. Инак, аз тақсими қазияи ҳамлия бар асоси мавзӯъ шурӯъ мекунем:

**Қазияи ҳамлия** бар асоси мавзӯъ низ тақсим мепазирад. Зеро мазвӯи қазияи ҳамлия ё *ҷузъии ҳақиқӣ* аст (яъне як фард ва як шахс аст) ва ё як *маънои куллӣ* аст. Агар мавзӯи қазия як шахс бошад, он қазияро **қазияи шахсия** мехонанд, мисли “Зайд истода аст”, “Ман ба Макка рафтам”.

Қазияи шахсия дар гуфтугӯҳои рӯзмарра зиёд ба кор меравад, вале дар улум корбурд надорад. Яъне масоили улум, аз навъи қазияи куллия аст.

Хуб, ҳол агар мазвӯи қазия як *маънои куллӣ* бошад, он низ ба навбати худ бар ду қисм аст: ё ин аст, ки он куллӣ худаш — аз он ҷиҳат, ки як куллӣ аст ва дар зеҳн аст — мавзӯъ қарор дода шудааст. Ва ё ин аст, ки оина қарор дода шуда барои афрод.

Ба иборати дигар, куллӣ дар зеҳн ду гуна аст: гоҳе худаш манзури зеҳн аст, ва гоҳе худаш манзури зеҳн нест, балки афродаш манзури зеҳн буда ва маънои куллӣ василае аст барои баёни ҳукми афроди куллӣ. Аз лиҳози аввал монанди оинае аст, ки худи оинаро мебинем ва тамошо мекунем, ва аз лиҳози дуввум монанди оинае аст, ки дар он суратҳоро менигарем.

Масалан, гоҳе мегӯем: “Инсон навъ аст”, “Ҳайвон ҷинс аст”… Равшан аст, ки дар ин ҷо мақсуд ин аст, ки табиати инсон аз он назар, ки дар зеҳн аст ва куллӣ аст, навъ аст. Ва табиати ҳайвон аз он назар, ки дар зеҳн аст ва куллӣ аст, ҷинс аст. Ва равшан аст, ки мақсуд ин нест, ки афроди инсон ва афроди ҳайвон навъ ё ҷинс бошанд.

Аммо гоҳе мегӯем: “Инсон тааҷҷуб мекунад”, “Инсон механдад.” Дар ин ҷо мақсуд афроди инсонанд. Яъне ин афроди инсонҳо ҳастанд, ки тааҷҷуб мекунанд. Ва равшан аст, ки дар ин ҷо мақсуд ин нест, ки табиати куллии инсон, ки дар зеҳн аст, тааҷҷубкунанда бошад.

Қазияҳои қисми аввал — яъне қазияҳое, ки мавзӯи он қазияҳо табиати куллӣ аст ва табиати куллӣ аз он ҷиҳат, ки як куллӣ аст ва дар зеҳн аст, мавзӯъ қарор дода шуда бошад — **қазияҳои табиия** номида мешавад, мисли “Инсон куллӣ аст”, “Инсон навъ аст”, “Инсон ахасс аз ҳайвон аст”, “Инсон аъамм аз Зайд аст” ва амсоли инҳо.

Қазияҳои табиия сирфан дар фалсафа, ки дар он ҷо дар бораи **моҳият** низ баҳс мешавад ба кор меравад, вале дар улуми дигар ҳеч гоҳ ба кор намераванд.

Аммо он ҷо ки табиати куллӣ василае барои ироаи афрод бошад, ба навбати худ бар ду қисм аст: ё чунин аст, ки дар он баёни миқдор ва каммияти афрод шудааст (ё ҳамаи афрод ё баъзе аз он) ва ё чунин нест яъне каммият ва миқдори афрод баён нашудааст. Агар нашуда бошад, **қазияи муҳмала** номида мешавад. Қазияҳои муҳмала на дар улум ва на дар фалсафа эътибори мустақил надоранд, онҳоро бояд дар радифи қазияҳои ҷузъияи маҳсура ҳисоб кард, мисли он ки бигӯем: “Инсон аҷул ва шитобзада аст”, вале равшан накунем, ки ҳамаи инсонҳо аҷуланд ё баъзе аз инсонҳо.

Аммо агар баёни каммияти афрод шуда бошад (ки ё ҳамаи афрод ё баъзе афрод), **қазияи маҳсура** номида мешавад. Ва он гоҳ агар баён шуда бошад, ки ҳамаи афрод чунинанд, **маҳсураи куллия** номида мешавад. Вале агар баён шуда бошад, ки баъзе афрод чунин ҳастанд, **маҳсураи ҷузъия** номида мешавад.

Пас, маҳсура бар ду қисм аст: **куллия** ва **ҷузъия**. Ва аз он назар, ки ҳар қазияе мумкин аст мӯҷиба бошад ва мумкин аст солиба бошад, пас қазияҳои маҳсура маҷмӯан чаҳор навъ аст:

**Мӯҷибаи куллия**, мисли “Ҳар инсоне ҳайвон аст.”

**Солибаи куллия**, мисли “Ҳеч инсоне санг нест.”

**Мӯҷибаи ҷузъия**, мисли “Бархе ҳайвонҳо инсонанд.”

**Солибаи ҷузъия**, мисли “Бархе ҳайвонҳо инсон нестанд.”

Пас чаҳор навъ қазия ба номи **маҳсуроти арбаъа** (чаҳоргона) маъруфанд ва он чӣ дар улум ба кор меравад, ҳамин маҳсуроти чаҳоргона аст, на шахсия ва на табиия ва на муҳмала. Аз ин рӯ, мантиқ бештар ба маҳсуроти чаҳоргона мепардозад.

Дар қазияҳои маҳсура калимае, ки бар миқдори афрод далолат мекунад, ки оё ҳамаи афрод аст ё баъзе афрод, **сури қазия** номида мешавад. Масалан, он ҷо ки мегӯем: “Ҳар инсоне ҳайвон аст”, калимаи “ҳар” сури қазия аст, ва он ҷо ки мегӯем: “Бархе ҳайвонҳо инсонанд”, калимаи “бархе” сури қазия аст. Ва низ он ҷо ки мегӯем: “Ҳеч гиёҳе дар шӯразор намерӯяд”, калимаи “ҳеч” сури қазия аст. Ва он ҷо ҳам, ки мегӯем: “Баъзе дарахтон дар гармсер рушд намекунанд”, калимаи “баъзе” сури қазия аст.

Қазияҳо як силсила тақсимоти дигаре низ доранд мисли тақсими қазия ба **муҳассила** ва **маъдула** ва ё тақсими қазия ба **хориҷия** ва **зеҳния** ва **ҳақиқия**. Тавзеҳи инҳоро дар китобҳои мантиқии болотаре бояд ҷустуҷӯ кард. Мо, ки акнун куллиёте аз мантиқро мавриди баҳс қарор медиҳем, наметавонем вориди баҳси онҳо шавем.

Ҳамчунон ки қазия тақсими дигаре низ ба **мутлақа** ва **муваҷҷаҳа** дорад. Қазияи муваҷҷаҳа низ ба навбати худ тақсим мешавад ба **зарурия** ва **доима** ва **мумкина** ва ғайра, ки баҳс дар онҳо аз ӯҳдаи баҳси мо хориҷ аст.

**Хулосаи баҳс**

Қазияи ҳамлия ба эътибори мавзӯаш бар чаҳор қисм аст: шахсия, табиия, муҳмала ва маҳсура. Зеро мавзӯи қазия аз ду ҳол берун нест: ё ҷузии ҳақиқӣ аст ва ё куллӣ аст.

1. Агар мавзӯи қазия ҷузъӣ бошад, онро **қазияи шахсия** меноманд мисли “Ҳазрати Муҳаммад (с) фиристодаи Худост”;

2. Ва агар мавзӯи қазия куллӣ бошад, се ҳолат дар он мутасаввар аст, ки дар ҳар ҳолат қазияи дарбардорандаи мавзӯъ барои худ номи хоссе дорад. Ин ҳолоти сегона иборатанд аз:

1. Ин ки ҳукм дар қазия мутаваҷҷеҳи худи мавзӯи куллӣ бошад аз он ҷиҳат, ки куллӣ аст бо қатъи назар аз афрод, ба гунае ки фарзи руҷӯъи ҳукм ба афрод саҳеҳ набошад. Дар ин сурат қазияро **табиия** меноманд. Зеро ҳукм дар қазия мутаваҷҷеҳи худи табиати куллӣ аз он ҷиҳат, ки куллӣ аст, мебошад, мисли “Инсон навъ аст”, “Нотиқ фасл аст”, “Ҳайвон ҷинс аст”;

2. Ин ки ҳукм мутаваҷҷеҳи куллӣ ба лиҳози афроди он бошад, ба ин сурат, ки ҳукм дар ҳақиқат ба афрод баргардад ва куллӣ унвон ва оинае барои инъикоси он афрод бошад, аммо каммияти афрод баён нашуда бошад, ки оё ҳукм марбут ба ҳамаи афрод аст ё марбут

ба баъзе аз афрод. Ва чун дар чунин қазияе дар баёни каммияти қазия эҳмол шудааст, онро **қазияи муҳмала** хондаанд, мисли “Инсон дар зиён аст.”

3. Ин ки ҳукм дар он ҳамчун фарзи дуввум бар куллӣ ба лиҳози афродаш бошад, бо ин тафовут, ки каммият ва миқдори афрод дар қазия баён шуда ва равшан шудааст, ки ҳукм марбут ба ҳамаи афрод аст ва ё баъзе афрод. Дар ин сурат қазияро **маҳсура** меноманд.

Қазияи маҳсура, бо таваҷҷӯҳ ба каммият ва миқдори афрод, ба ду даста тақсим мешавад:

1. Маҳсураи куллия: ва он қазияе аст, ки ҳукм дар он марбут ба ҳамаи афрод аст, монанди: “Ҳар инсоне нотиқ аст”, “Ҳар обе пок аст”;

2. Маҳсураи ҷузъия: ва он қазияе аст, ки дар он бар баъзе афрод ҳукм шудааст, мисли “Бархе аз мардум дурӯғ мегӯянд”, “Андаке аз бандагон шукргузоранд.”

Калимае, ки бар каммият ва миқдори афроди мавзӯъ далолат дорад, **сури қазия** номида мешавад.

**Дарси 10**

**Аҳкоми қазияҳо**

Дар мантиқ пеш аз ошноӣ бо баҳси истидлол (ки муҳимтарин баҳсҳои мантиқӣ дар воқеъ баҳсҳои марбут ба истидлол ва чигунагии он аст), донишомӯз бояд бо нисбатҳои миёни қазияҳо ошно бошад. Зеро қазияҳо чунинанд, ки гоҳе метавон аз сидқи яке, ба кизби дигарӣ пайд бурд ва гоҳе баръакс аз кизби яке, ба сидқи дигарӣ пай бурд.

Пас баҳсҳое, ки дар онҳо нисбатҳои миёни қазияҳо баён мешаванд иборатанд аз: баҳси таноқуз, акси муставӣ ва акси нақиз. Ин силсиламабоҳис **аҳкоми қазиҳо** ном дорад. Ҳол, аз баҳси таноқуз шурӯъ мекунем:

**Таноқуз**

Дар миёни аҳкоми қазияҳо он чӣ аз ҳама муҳимтар аст ва дар ҳама ҷо ба кор меояд, **асли таноқуз** аст.

Агар ду қазия аз лиҳози мавзӯъ ва маҳмул ваҳдат дошта, аммо аз лиҳози камму кайф (яъне аз лиҳози куллият ва ҷузъият ва ё эҷоб ва салб) бо якдигар ихтилоф дошта бошанд, робитаи ин ду қазия **робитаи таноқуз** аст ва ин ду қазияро **мутаноқизайн** меноманд.

Ҳукми мутаноқизайн ин аст, ки аз сидқи ҳар як, кизби дигарӣ, ва аз кизби ҳар як, сидқи дигарӣ лозим меояд. Ба иборати дигар, ҳам иҷтимоъи нақизайн маҳол аст ва ҳам

иртифоъи нақизайн. Яъне, нақизайн на метавонанд бо ҳам иҷтимоъ дошта ва як ҷо ҷамъ бишаванд ва на метавонанд ҳар ду муртафаъ ва бардошта бишаванд.

Бино бар баёни фавқ, мӯҷибаи куллия (мисли "Ҳар инсоне тааҷҷубкунанда аст") ва солибаи ҷузъия (мисли "Чунин нест, ки баъзе инсонҳо тааҷҷубкунанда бошанд") нақизи якдигаранд ва солибаи куллия (мисли "Ҳеч инсоне санг нест") ва мӯҷибаи ҷузъия (мисли "Баъзе инсонҳо санг ҳастанд") низ нақизи якдигаранд.

**Шартҳои таноқуз**

Дар таноқуз, илова бар ваҳдати мавзӯъ ва маҳмул, чанд ваҳдати дигар ҳам шарт аст:

Ваҳдат дар замон, ваҳдат дар макон, ваҳдат дар қувва ва феъл, ваҳдат дар кулл ва ҷузъ, ваҳдат дар шарт, ваҳдат дар изофа, ки маҷмӯъан ҳашт ваҳдат мешавад ва дар ин ду байт баён шудаанд:

*Дар таноқуз ҳашт ваҳдат шарт дон*

*Ваҳдати мавзӯву маҳмулу макон*

*Ваҳдати шарту изофа, ҷузъу кулл*

*Қуввაву феъл аст, дар охир замон*

Пас агар бигӯем: "Инсон хандон аст", "Асп хандон нест", миёни ин ду қазия таноқуз барқарор нест, зеро мавзӯъҳо ваҳдат надоранд, чун мавзӯъ дар аввалӣ инсон аст ва дар дуввумӣ асп.

Ва агар бигӯем: "Инсон хандон аст", "Инсон чаҳорпо нест", ин ҷо ҳам таноқуз нест, зеро маҳмулҳо ваҳдат надоранд, зеро дар аввалӣ маҳмул хандон аст ва дар дуввумӣ чаҳорпо.

Ва агар бигӯем: "Инсон дар рӯз наметарсад", "Инсон дар шаб метарсад", боз ҳам дар ин ҷо таноқуз барқарор нест, зеро замонҳо мухталифанд.

Ва агар бигӯем: "Вазни як литр об дар рӯи замин як килограм аст", "Вазни як литр об дар фазои боло (масалан) ним килограм аст", ин ҷо ҳам таноқузе нест, зеро маконҳо мухталифанд.

Ва агар бигӯем: "Ҳар навзоди инсон билқувва муҷтаҳид аст", "Баъзе аз навзодҳои инсон билфеъл муҷтаҳид нестанд", миёни ин ду қазия таноқуз нест, зеро аз лиҳози қувва ва феълият ихтилоф доранд.

Ва агар бигӯем: “Кулли масоҳати шаҳри Душанбе 124,6 километри мураббаъ аст”, “Бахше аз масоҳати Душанбе (масалан ноҳияи Исмоили Сомонӣ) 124,6 километри мураббаъ нест”, таноқуз нест, зеро аз лиҳози ҷузъият ва куллият мухталифанд, зеро дар аввалӣ кулли Душанбе манзур буд ва дар дуввумӣ баъзе қисмати он.

Ва агар бигӯем: “Агар дар сафар бошӣ, намоз қаср мешавад”, “Агар дар сафар набошӣ, намоз қаср намешавад”, таноқуз нест, зеро шартҳо мухталифанд.

Ва агар бигӯем: “Илми инсон мутағайир аст”, “Илми Худо мутағайир нест”, таноқуз нест, зеро изофаҳо (яъне музофун илайҳҳои ду мазвӯъ) мухталифанд.

**Ҷиҳати ихтилоф дар мутаноқизайн:**

Ҳамон тавр ки гуфтем, ду қазияи мутаноқиз бояд дар ду амр, яъне дар камм ва кайф, бо ҳам ихтилоф дошта бошанд.

Бинобар ин, агар ду қазия ҳар ду куллӣ ё ҳар ду ҷузӣ бошанд, мутаноқиз нахоҳанд буд, монанди: “Баъзе аз маъданҳо оҳан аст”, “Баъзе аз маъданҳо оҳан нест”. Ин ду қазия ҳар ду содиқанд.

Ва ё мисли: “Ҳар ҳайвоне инсон аст”, “Ҳеч ҳайвоне инсон нест.” Ин ду қазия ҳар ду козибанд.

Ва низ агар ду қазия дар эҷоб ё салб яке бошанд, мутаноқиз нахоҳанд буд, монанди: “Ҳар инсоне нотиқ аст”, “Баъзе инсонҳо нотиқанд.” Ин ду қазия мутаноқиз нестанд, чун ҳар ду содиқ мебошанд.

Ва ё мисли: “Баъзе инсонҳо ҳайвон нестанд”, “Ҳеч инсоне ҳайвон нест.” Ин ду қазия низ мутаноқиз нестанд, чун ҳар ду козибанд.

**Оё метавон дар асли таноқуз тардид кард?**

Аз назари мантиқдонони кадим, асли таноқуз **уммул-қазоё** (яъне модари ҳамаи қазияҳо) аст. Ин асл зербинои ҳамаи андешаҳои инсон аст, ки агар аз байн равад, ҳамаи андешаҳо вайрон мегардад ва агар асли имтиноъи иҷтимоъи нақизайн ва имтиноъи иртифоъи нақизайн саҳеҳ набошад, мантиқ ба куллӣ бе эътибор аст.

Акнун бибинем, оё мешавад дар ин асл тардид кард ё на?

Муқаддиматан бояд бигӯем, ки он чӣ мантиқ истилоҳан онро нақиз мехонад ва мегӯяд: “нақизи мӯҷибаи куллия солибаи ҷузъия аст” ва “нақизи солибаи куллия мӯҷибаи ҷузъия

аст”, ба ин маъност, ки инҳо қоим мақоми нақиз буда ва дар ҳукми нақиз мебошанд. Нақизи воқеъии ҳар чиз рафъи он чиз аст. Яъне ду чизе, ки мафоди яке айнан рафъи дигарӣ бошад, нақизи якдигаранд. Бинобар ин, нақизи “Ҳар инсоне ҳайвон аст” (ки мӯҷибаи куллия аст) “Ҳеч инсоне ҳайвон нест” мебошад (ки солибаи куллия аст). Ва агар мегӯем: қазияи “Баъзе инсонҳо ҳайвон нестанд”, нақизи он аст, мақсуд ин аст, ки дар ҳукми нақиз аст.

Ҳоло ки нақизи воқеъии ҳар қазияро ба даст овардем, мегӯем, ки андак таваҷҷӯҳ равшан мекунад, ки маҳол аст дар они воҳид як қазия ва нақизи он ҳар ду содиқ ва ё ҳар ду козиб бошанд, ва ин як амри бадеҳӣ аст. Оё касе ки масалан муддаӣ аст, ки асли таноқуз маҳол нест, қабул мекунад, ки худи ин қазия бо нақизаш ҳар ду содиқ ва ё ҳар ду козиб бошанд? Яъне ҳам асли таноқуз маҳол бошад ва ҳам маҳол набошад? Беҳтар аст мо баёни мандиқдонони кадимро дар бораи уммул-қазоё будани асли имтиноъи иҷтимоъ ва иртифоъи нақизайн нақл кунем, то матлаб беҳтар равшан шавад.

Мо вақте ки дар бораи як қазия меандешем, масалан ҳангоме ки дар бораи таноҳӣ ва поён доштани абъоди олам меандешем, яке аз се ҳолат дар мо падид меояд:

1. Шакк мекунем, ки оё олам мутаноҳӣ аст ё на? Яъне ду қазия дар ҷилави зеҳни мо худнамоӣ мекунад:

а) Олам мутаноҳӣ аст;

б) Олам мутаноҳӣ нест.

Ин ду қазия монанди ду каффаи тарозу дар баробари ҳам дар зеҳни мо қарор мегиранд. На эҳтимоли қазияи аввал бештар ва на қазияи дуввум. Яъне ду эҳтимоли мутасовӣ ва баробар дар мавриди ин ду қазия дорем. Номи ин ҳолат мо **шакк** аст;

2. Гумон пайдо мекунем ба яке аз ду тараф. Яъне эҳтимоли як тараф бештар мешавад. Масалан, эҳтимоли ин ки олам мутаноҳӣ бошад бештар мешавад ва ё баръакс. Дар чунин сурат, он ҳолати руҷҳони зеҳни худро **занн** ё **гумон** меномем;

3. Ин ки аз ду тараф як тараф ба куллӣ мунтафӣ шавад ва ба ҳеч ваҷҳ эҳтимол дода нашавад ва зеҳн танҳо ба як тараф тамоюли қотеъ дошта бошад. Номи ин ҳолатро **яқин** мегузорем.

Мо дар ибтидо, ки дар бораи масоили назарӣ меандешем, шакк мекунем, вале вақте ки далели муҳкам пайдо кардем, яқин пайдо мекунем ва ё лоақл барои мо гумон пайдо мешавад.

Масалан, дар ибтидо агар аз як донишомӯз бипурсед, ки оё оҳан, ин маъдани муҳкам, агар ҳарорат бибинад, инбисот пайдо мекунад (яъне об мешавад) ё на? Ҷавобе надорад, ки бидиҳад ва мегӯяд: намедонам. Матлаб барояш машкук аст. Аммо баъд, ки далоили таҷрубӣ барояш гуфта шуд, яқин пайдо мекунад, ки оҳан дар асари ҳарорат инбисот пайдо мекунад. Ҳамчунин аст ҳолати як донишомӯз дар масоили риёзӣ. Пас яқин ба як қазия, мусталзими нафйи эҳтимоли тарафи мухолиф аст.

Акнун мегӯем: қатъӣ шудан ва илмӣ шудан ва ҳатто роҷеҳ шудан ва мазнун шудани як матлаб, вобаста ба ин аст, ки зеҳни мо қаблан асли имтиноъи таноқузро пазируфта бошад. Агар ин аслро напазируфта бошад, ҳеч гоҳ зеҳни мо аз ҳолати шакк хориҷ намешавад.

Яъне дар он вақт ҳеч монеъе нахоҳад буд, ки оҳан дар асари ҳарорат инбисот ёбад ва дар ҳамон ҳол оҳан дар асари ҳарорат инбисот наёбад, зеро ҷамъ миёни ин ду дар фарзи қабул надоштани асли имтиноъи таноқуз маҳол нахоҳад буд ва ҳамеша ду тарафи қазия барои зеҳни мо баробар аст ва дар натиҷа яқин ба ҳеч ваҷҳ барои зеҳни мо ҳосил намешавад. Зеро яқин он вақт пайдо мешавад, ки зеҳни мо ба як тараф тамоюли қотеъ дошта бошад ва тараф дигарро ба куллӣ нафй кунад.

**Дарси 11**

**Акси муставӣ**

Дар баҳси пешин гуфтем, ки миёни қазияҳо нисбатҳое вуҷуд дорад; ба ин сурат, ки гоҳе метавон аз сидқи яке ба кизби дигарӣ пайд бурд ва гоҳе баръакс аз кизби яке ба сидқи дигарӣ ва низ гуфтем, баҳсҳое, ки дар онҳо нисбатҳои миёни қазияҳо тавзеҳ мешаванд иборат ҳастанд аз: таноқуз, акси муставӣ ва акси нақиз. Дар баҳси пешин баҳси таноқуз матраҳ шуд. Ва аммо дар баҳси имрӯз мехоҳем баҳси акси муставиро матраҳ намоем.

**Акси муставӣ** иборат аст аз: **ҷобаҷо кардани ду тарафи қазия бо ҳифзи кайфият ва сидқи қазия**. Яъне қазияе, ки содиқ дониста шудааст, бо ҷобаҷо кардани тарафайни он таҳвил бурда мешавад ба қазияи дигаре, ки дар сидқ ва дар эҷобу салб тобеи он аст; ба ин сурат, ки дар ҳамлия мавзӯи қазияи нахуст дар ҷои маҳмули қазияи дуввум, ва маҳмули

қазияи нахуст дар ҷои мавзӯи қазияи дуввум менишинад. Ва дар шартия, муқаддам дар ҷои толӣ, ва толӣ дар ҷои муқаддам қарор мегирад.

Қазияи нахустро **асл** ва қазияи дуввумро **акси муставӣ** меноманд.

Ва вақте гуфта мешавад: **акс дар сидқ тобеи асл аст**, маъноям он аст, ки: ҳар гоҳ асл содиқ бошад, бояд акс низ содиқ бошад. Аммо лозим нест дар кизб низ аз он пайравӣ кунад; зеро гоҳе асл козиб аст, аммо акс содиқ мебошад.

Пас дар ин ҷо ду қоида ҳаст, ки дар истидлол ба мо кӯмак мекунад:

1. Ҳар гоҳ асл содиқ бошад, акси он низ содиқ хоҳад буд;
2. Ҳар гоҳ акс козиб бошад, асли он низ козиб хоҳад буд.

(Ва қоидаи дуввум аз қоидаи аввал дониста мешавад ва фаръи он мебошад).

**Шартҳои акс**

Акс танҳо дар сурате ба даст меояд, ки аввалан: ду тарафи қазия ҷобаҷо шаванд. Сонияи: сидқи қазия боқӣ бимонад. Аммо ҳифзи каммияти қазия лозим нест, муҳим он аст, ки сидқи қазия ҳифз шавад. Ва ҳифзи сидқи қазия, дар бархе қазияҳо иқтизо дорад, ки камми он низ боқӣ бимонад ва дар баъзеи дигар чунин иқтизое надорад.

**Натоиҷи акс**

**Акси мӯҷибаи куллия ва ҷузъия мӯҷибаи ҷузъия аст**

Акси мӯҷибаи куллия мӯҷибаи ҷузъия аст ва акси мӯҷибаи ҷузъия низ мисли худаш мӯҷибаи ҷузъия мебошад. Масалан, қазияи "Ҳар обе мойеъ аст" аксаш иборат аст аз: "Баъзе аз мойеъҳо об аст". Ва қазияи "Баъзе аз паррандаҳо сафеданд" аксаш иборат аст аз: "Баъзе аз сафедҳо паррандаанд."

**Акси солибаи куллия солибаи куллия аст**

Солибаи куллия ба солибаи куллия мунъакис мешавад. Бинобар ин, камму кайфи ҳар ду ҳифз мешавад. Пас агар қазияи "Ҳеч ҳайвоне дарахт нест" дуруст бошад, қазияи "Ҳеч дарахте ҳайвон нест" низ дуруст хоҳад буд.

**Солибаи ҷузъия акс надорад**

Солибаи ҷузъия ҳаргиз акс намешавад, на ба куллия ва на ба ҷузъия. Зеро мавзӯи он метавонад аъам аз маҳмул бошад, мисли: "Баъзе аз ҳайвонҳо инсон нестанд" ва мафҳуми аъамро наметавон, на ба сурати куллӣ ва на ба сурати ҷузӣ, аз мафҳуми ахасс салб кард;

зеро ҳар ҷо ахасс сидқ кунад, аъам низ сидқ хоҳад кард. Пас чӣ гуна метавон онро аз ахасс салб намуд. Бинобар ин, қазияи "Ҳеч инсоне ҳайвон нест" ва қазияи "Баъзе аз инсонҳо ҳайвон нестанд" ҳеч кадом содиқ намебошанд.

**Дарси 12**

**Акси нақиз**

**Акси нақиз** он аст, ки қазияе бо ҳифзи сидқ ва кайф, ба қазияи дигаре табдил шавад, ки мавзӯаш нақизи маҳмул асл ва маҳмулаш нақизи мавзӯи асл аст. Ва ба сухани дигар, акси нақиз иборат аст аз: **ҷобаҷо кардани нақизи ду тараф бо ҳифзи сидқ ва кайфи қазия**. Пас қазияи "Ҳар нависандае инсон аст" бо акси нақиз табдил мешавад ба "Ҳар ғайри инсоне ғайри нависанда аст."

**Шартҳои акси нақиз:**

Дар акси нақиз се амр шарт аст:

1. Ҷобаҷо кардани ду тарафи қазия ҳамроҳ бо табдили ҳар як ба нақизи он. Яъне нақизи маҳмули қазияи нахуст мавзӯи қазияи дуввум ва нақизи мавзӯи қазияи нахуст маҳмули қазияи дуввум қарор дода мешавад;

2. Бақои кайф. Яъне қазияи мӯҷиба пас аз табдил мӯҷиба боқӣ мемонад ва қазияи солиба солиба боқӣ мемонад;

3. Бақои сидқ. Яъне таваҷҷӯҳ мешавад, ки ҷобаҷо кардани ду тарафи қазия мӯҷиби кизби қазияи дуввум нашавад.

**Натоиҷи акси нақиз:**

1. Акси нақизи солибаи куллия солибаи ҷузъия аст. Бинобар ин, акси нақизи "Ҳеч инсоне ҷамод нест" он аст, ки "Баъзе аз ғайри ҷамод ғайри инсон нест";

2. Акси нақизи солибаи ҷузъия солибаи ҷузъия аст. Бинобар ин, акси нақизи "Баъзе маъдан оҳан нест" ин мешавад, ки "Баъзе ғайри оҳан ғайри маъдан нест";

3. Акси нақизи мӯҷибаи куллия ҳамон мӯҷибаи куллия аст. Бинобар ин, акси нақизи "Ҳар нависанда инсон аст" ин мешавад, ки "Ҳар ғайри инсоне ғайри нависанда аст";

4. Мӯҷибаи ҷузъия акси нақиз надорад. Зеро ҳар қазияе, ки ба унвони акси нақизи он дар назар гирифта шавад, гоҳе козиб хоҳад буд, дар ҳоле ки асл содиқ аст. Масалан, акси нақизи қазияи "Баъзе ғайри оҳан маъдан аст" на қазияи "Баъзе ғайри маъдан оҳан аст"

мебошад ва на қазияи “Ҳар ғайри маъдан оҳан аст”. Чун ҳар дуи инҳо козибанд, дар ҳоле ки чунон ки гузашт, яке аз шурути акси нақиз бақои сидқ аст.

**Дарси 13**

**Ҳуҷҷат (истидлол)**

Баҳси қазия, ки то ин ҷо даргираш будем, муқаддимае буд барои баҳси ҳуҷҷат, ҳамчунон ки баҳси куллиёти хамс муқаддимае буд барои баҳси муарриф.

Мо дар дарсҳои пешин гуфта будем, ки мавзӯи мантиқ муарриф ва ҳуҷҷат аст. Баъдан хоҳем гуфт, ки муҳимтарин ҳуҷҷат қиёс аст. Пас ҳамаи баҳсҳои мантиқ дар атрофи ин ду, яъне **муарриф** ва **қиёс** давр мезанад.

Инро ҳам бояд донист, ки масъалаи таърифот ба тавре ки битавон ашёро таърифи томм кард, ва ба истилоҳ, ҳадди томми ашёро кашф кард, аз назари фалосифа амре душвор ва дар бархе маворид номумкин аст, ва бинобар ин мантиқдонон чандон таваҷҷӯҳе ба боби муарриф надоранд. Аз ин рӯй, бо таваҷҷӯҳ ба ин ки мавзӯи мантиқ муарриф ва ҳуҷҷат аст, ва бо таваҷҷӯҳ ба ин ки баҳси муарриф кӯтоҳ ва ночиз аст, ва бо таваҷҷӯҳ ба ин ки умдаи ҳуҷҷатҳо қиёс аст, маълум мешавад, ки меҳвари мантиқ **қиёс** будааст. (Анқариб қиёсро тавзеҳ хоҳем дод.)

**Ақсоми ҳуҷҷат ва истидлол**

Ҳуҷҷат (истидлол) ба навбати худ бар се қисм аст. Яъне он ҷо ки мехоҳем аз қазия ё қазияҳои маълум ба қазияи маҷҳуле даст биёбем, сайр ва ҳаракати зеҳни мо ба се гуна мумкин аст бошад:

1. **Аз ҷузъӣ ба ҷузъӣ**: дар ин ҷо сайри зеҳни мо уфуқӣ хоҳад буд. Яъне аз нуқтае ба нуқтаи ҳамсатҳи он убур мекунад;

2. **Аз ҷузъӣ ба куллӣ**: дар ин ҷо сайри зеҳни мо суъудӣ аст. Яъне аз кучактар ва маҳдудтар ба олитар ва бузургтар сайр мекунад;

3. **Аз куллӣ ба ҷузъӣ**: дар ин ҷо сайри зеҳни мо нузулӣ аст. Яъне аз олитар ва бузургтар ба кучактар ва маҳдудтар сайр мекунад.

Ҳол, мантиқдонон сайр аз ҷузъӣ ба ҷузъиро **тамсил** меноманд. (Аммо уламои илми усули фиқҳ онро **қиёс** мехонанд. Яъне, қиёси усулиҳо ҳамон тамсили мантиқӣ аст ва набояд онро бо қиёси мантиқӣ халт кард.)

Сайр аз ҷузъӣ ба куллиро мантиқдонон **истиқро** мехонанд.

Ва сайр аз куллӣ ба ҷузъӣ дар истилоҳи мантиқдонон ва фалосифа ба номи **қиёс** хонда мешавад.

**Қиёс чист?**

Дар таърифи қиёс гуфтаанд: **Қиёс маҷмӯае фароҳамомада аз чанд қазия аст, ки ба сурати як воҳид даромада ва ба наҳве аст, ки лозимаи қабули онҳо, қабули як қазияи дигар аст**.

Масалан, ин гуфтори мо, ки "Арасту инсон аст, ва ҳар инсоне фонӣ аст" маҷмӯае аст ташкилшуда аз ду қазия, ки ҳар гоҳ қабул бишавад, лозимааш он аст, ки як қазияи дигареро қабул бикунем, ва он қазияи "Арасту фонӣ аст".

Равшан аст, ки қиёс навъе фикр кардан аст. Баъдан, ки дар бораи арзиши қиёс баҳс мекунем, фикрро ба тафсил таъриф хоҳем кард. Албатта қаблан ҳам ба таври мухтасар дар бораи фикр баҳс намуда будем. Ин ҷо ночорем ишора кунем, ки **фикр иборат аст аз навъе амали зеҳн рӯи маълумот ва андӯхтаҳои қаблӣ барои дастёбӣ ба як натиҷа ва табдили як маҷҳул ба як маълум**. Бинобар ин, аз таърифе, ки барои қиёс кардем, маълум шуд, ки қиёс худ навъе фикр аст.

Фикр аъам аз ин ки дар мавриди тасаввурот бошад ва ё дар мавриди тасдиқот. Ва дар мавриди тасдиқот ҳам, чунон ки гуфтем, фикр ба се наҳв метавонад сурат гирад, ки яке аз он се сурат **қиёс** аст. Пас фикр аъам аз қиёс аст. Ба илова, фикр ба амали зеҳн аз он ҷиҳат, ки навъе кор ва фаъолият аст итлоқ мешавад. Аммо қиёс ба муҳтавои фикр, ки иборат аст аз чанд қазия бо назм ва тартиби хосс итлоқ мегардад.

Аз маҷмӯи он чӣ то кунун гуфта шуд, чанд чиз маълум шуд:

1. Ба дастоварии маълумот ё аз тариқи мушоҳидаи мустақим аст, ки зеҳн амале анҷом намедиҳад, балки сирфан фаровардаҳои ҳавоссро таҳвил мегирад ва ё аз тариқи тафаккур бар рӯи фаровардаҳои қаблӣ аст, ки зеҳн ба навъе амал ва фаъолият мекунад. Мантиқ ба қисми аввал коре надорад. Кори мантиқ ин аст, ки қавонини дуруст амал кардани зеҳнро дар ҳангоми тафаккур ба даст диҳад;

2. Зеҳн танҳо дар сурате қодир ба тафаккур аст (чӣ тафаккури саҳеҳ ва чӣ тафаккури ғалат), ки чанд маълум дар ихтиёр дошта бошад. Яъне зеҳн бо доштани як маълум қодир

ба амали тафаккур (ҳарчанд тафаккури ғалат) нест. Зеҳн ҳатто дар мавриди тамсил низ беш аз як маълумро дахолат медиҳад;

3. Маълумоти қаблӣ он гоҳ заминаро барои тафаккур ва сайри зеҳн (ҳарчанд тафаккури ғалат) фароҳам мекунад, ки бо якдигар бегонаи маҳз набуда бошанд.

Агар ҳазорҳо маълумот дар зеҳни мо андӯхта шавад, ки миёни онҳо як ҳадди муштарак дар кор набошад, маҳол аст, ки аз онҳо андешаи ҷадиде зода шавад.

Акнун мегӯем: *лузуми таъаддуди маълумот ва ҳамчунин лузуми вуҷуди як ҳадди муштарак миёни маълумот*, заминаро барои амали тафаккур фароҳам мекунад. Ва агар ҳар як аз ин ду шарт набошад, зеҳн қодир ба ҳаракат ва интиқол нест, ҳарчанд ба сурати ғалат.

Аммо як силсила шароити дигар ҳаст, ки он шароит шароити саҳеҳ фикр кардан аст, яъне бидуни ин шароит ҳам мумкин аст зеҳн ҳаракати фикрӣ анҷом диҳад, вале ғалат анҷом медиҳад ва ғалат натиҷагирӣ мекунад. Мантиқ ин шароитро баён мекунад, ки зеҳн дар ҳангоми фикр кардан ба ғалат ва иштибоҳ науфтад.

Истилоҳоти умумӣ дар қиёс

1. **Сурати қиёс.** Мақсуд аз сурати қиёс шакл ва ҳайъати қарор гирифтани қазияҳо ва наҳваи таркиби онҳост;

2. **Муқаддима**. Ва он ҳар қазияе аст, ки сурати қиёс аз он таркиб ва ташкил мешавад;

3. **Матлуб.** Ва он қазияе аст, ки аз қиёс лозим меояд он гоҳ ки зеҳн ташкили муқаддимотро оғоз мекунад;

4. **Натиҷа.** Ҳамон матлуб аст, аммо пас аз истинботи он аз қиёс;

5. **Ҳудуд.** Ҳамони муфрадоти ду муқаддимаи қиёс аст, яъне мавзӯъ ва маҳмул.

Барои равшан шудани истилоҳоти ёдшуда онҳоро бар мисоли зайл татбиқ мекунем:

1. Касе ки шароб менӯшад фосиқ аст;

2. Ҳар фосиқе шаҳодаташ радд мешавад.

3. Пас касе ки шароб менӯшад, шаҳодаташ радд мешавад.

Қазияи шумораи як ва ду **муқаддима** ҳастанд. Ва се мавриди “касе ки шароб менӯшад”, “фосиқ” ва “шаҳодаташ радд мешавад” **ҳудуд** ҳастанд. Ва қазияи шумораи се матлуб ва натиҷа аст. Ва таълиф ва таркиб миёни ду муқаддима **сурати қиёс** аст.

**Дарси 14**

**Ақсоми қиёс**

Дар баҳси пешин гуфта гузаштем, ки ҳуҷҷат (ва ё ҳамон истидлол) ба навбати худ бар се қисм аст, ва қиёс яке аз ақсоми ҳуҷҷат ба шумор меравад. Ва дар таърифи қиёс ҳам гуфтем, ки қиёс **маҷмӯае фароҳамомада аз чанд қазия аст, ки ба сурати як воҳид даромада ва ба наҳве аст, ки лозимаи қабули онҳо, қабули як қазияи дигар аст**.

Баҳси имрӯз дар бораи ақсоми қиёс аст. Қиёс аз назари сурат ва ҳайъати таълифаш ба ду дастаи: **иқтиронӣ** ва **истисноӣ** тақсим мешавад.

Ва аммо **қиёси истисноӣ** қиёсе аст, ки дар муқаддимоти он, ба натиҷа ва ё нақизи он тасреҳ мешавад, мисли:

1. *Агар Муҳаммад олим бошад, бояд ба вай эҳтиром гузошт;*
2. *Аммо Муҳаммад олим аст;*
3. *Натиҷа: Пас бояд ба Муҳаммад эҳтиром гузошт.*

Ҳамон тавре ки мулоҳиза мешавад, дар ин қиёс натиҷа дар муқаддимаи шумораи як омадааст.

Мисоли дигар:

1. *Агар Фарҳод одил бошад, Худоро маъсият намекунад;*
2. *Аммо ӯ Худоро маъсият кардааст;*
3. *Натиҷа: Пас Фарҳод одил нест.*

Дар ин қиёс нақизи натиҷа ба сароҳат дар муқаддимаи шумораи як омадааст.

Ва аммо **қиёси иқтиронӣ** қиёсе аст, ки дар муқаддимот натиҷа ва ё нақизи он ба сароҳат наомадааст, мисли:

1. *Касе ки шароб менӯшад фосиқ аст;*
2. *Ҳар фосиқе шаҳодаташ радд мешавад;*
3. *Натиҷа: Пас касе ки шароб менӯшад, шаҳодаташ радд мешавад.*

Дар ин мисол натиҷа на худаш ва на нақизи он ба сароҳат дар муқаддимот наомадааст.

Қиёси иқтиронӣ гоҳе аз чанд ҳамлия ташкил мешавад, ки дар ин сурат **қиёси иқтиронии ҳамлӣ** номида мешавад. Ва гоҳе аз чанд шартия ва ё як шартия ва як ҳамлия ташкил мешавад, ки дар ин сурат **қиёси иқтиронии шартӣ** номида мешавад, мисли:

1. *Агар Шокир мусалмон аст, ба Худо имон дорад;*

2. *Агар касе ба Худо имон дошта бошад, намоз мехонад;*

3. *Натиҷа: Агар Шокир мусалмон аст, намоз мехонад.*

Ҳамон тавре ки мулоҳиза мешавад, ҳар ду муқаддимаи қиёси фавқ шартияи муттасила аст.

Мисоли дигар:

1. *Исм калима аст;*

2. *Калима ё мабнӣ аст ва ё муъраб;*

3. *Натиҷа: Исм ё мабнӣ аст ва ё муъраб.*

Дар ин қиёс муқаддимаи шумораи як, ҳамлия ва муқаддимаи шумораи ду, шартияи мунфасила аст.

Дар баҳсҳои оянда аввал дар бораи қиёси иқтиронии ҳамлӣ баҳс мекунем ва сипас қиёси истисноиро мавриди баррасӣ қарор медиҳем.

**Дарси 15**

**Қиёси иқтиронии ҳамлӣ**

Баҳси ҳозир дар бораи **қиёси иқтиронии ҳамлӣ** аст. Дар баҳси пешин гуфтем, ки **қиёси иқтиронӣ** қиёсе аст, ки дар муқаддимот натиҷа ва ё нақизи он ба сароҳат наомадааст ва ин қиёс агар аз ҳамлияҳо ташкил бишавад, **қиёси иқтиронии ҳамлӣ** номида мешуд. Бо ин ки дар баҳсҳои қаблӣ истилоҳоти мантиқӣ тавзеҳ дода шуда буданд, вале ҷиҳати ёдоварӣ боз ҳам бо як мисол баъзе аз онҳоро, ки барои баҳси ҳозир лозим ҳастанд ёдовар мешавам. Ба ин мисол таваҷҷӯҳ бифармоед:

1. *Ҳар инсоне нотиқ аст;*

2. *Ҳеч нотиқе санг нест;*

3. *Натиҷа: Ҳеч инсоне санг нест.*

Дар ин мисол, ҳар як аз мавзӯъҳо (яъне "инсон" дар муқадимаи аввал ва "нотиқ" дар муқаддимаи дуввум) ва маҳмулҳо ("нотиқ" дар муқаддимаи аввал ва "санг" дар муқаддимаи дуввум) **ҳадд** номида мешаванд.

Ҳол, қиёси иқтиронии ҳамлӣ се ҳадд дорад:

а) **Ҳадди авсат** (ё **ҳадди васат**): Дар мисоли боло "нотиқ" **ҳадди васат** аст. Ва сабаби он, ки онро **ҳадди васат** (миёна) номидаанд ин аст, ки ин ҳадд ("нотиқ" дар ҳамин мисол) воситаи барқарории нисбат миёни ду ҳадди дигар (яъне "инсон" ва "санг" дар ин мисол) шудааст;

б) **Ҳадди асғар**: ҳадде аст, ки дар натиҷа мавзӯъ воқеъ мешавад, мисли “инсон” дар ҳамин мисол. Ва муқаддимае, ки ҳадди асғар дар он воқеъ шудааст, **суғро** номида мешавад. Дар мисоли боло, “Ҳар инсоне нотиқ аст” суғрои ин қиёс аст;

в) **Ҳадди акбар**: ҳадде аст, ки дар натиҷа маҳмул воқеъ мешавад, мисли “санг” дар мисоли боло. Ва муқаддимае, ки ҳадди акбар дар он воқеъ шудааст, **кубро** номида мешавад. Дар мисоли боло, “Ҳеч нотиқе санг нест” куброи ин қиёс аст.

**Қоидаҳои умумии қиёси иқтиронӣ:**

Қиёси иқтиронӣ, хоҳ ҳамлӣ бошад ё шартӣ, дорои як саре қоидаҳои умумӣ ва асосӣ аст, ки бояд дар он риоят шавад, то он қиёс натиҷабахш бошад. Ин қоидаҳо ба шарҳи зерин аст:

1. Такрор шудани ҳадди васат;
2. Муқаддимот ҳар ду солиба набошанд;
3. Муқаддимот ҳар ду ҷузъия набошанд;
4. Суғро солиба ва кубро ҷузъия набошад;
5. Натиҷа тобеъи муқаддимаи пасттар (ахасс) бошад. Яъне ҳар гоҳ як муқаддима мӯҷиба ва дигаре солиба бошад, натиҷа низ солиба хоҳад буд, зеро салб пасттар (ахасс) аз эҷоб аст. Ва ҳар гоҳ яке аз ду муқаддима ҷузъия бошад, натиҷа низ ҷузъия хоҳад буд, чаро ки ҷузъия пасттар (ахасс) аз куллия аст.

**Шаклҳои чаҳоргона**

Шакл иборат аст аз: **қиёси иқтиронӣ ба лиҳози мавқеияти ҳадди васат нисбат ба тарафайни худ**. Ва он чаҳор қисм аст, ки ба он **шаклҳои чаҳоргона** гуфта мешавад. Инак, баёни ҳар як аз ин шаклҳо:

**Шакли аввал:**

Дар шакли аввал, ҳадди васат дар суғро маҳмул воқеъ мешавад ва дар кубро мавзӯъ. Яъне мавқеияти ҳадди асғар ва акбар бо ҳадди васат дар ду муқаддима, айни вазъияте аст, ки ҳар як аз онҳо нисбат ба дигарӣ дар натиҷа доранд.

**Шурути шакли аввал:**

Барои ин ки шакли аввал натиҷабахш бошад, илова бар шурути умумӣ, ду шарт дар он мӯътабар аст:

1. *Мӯҷиба будани суғро;*

2. *Куллӣ будани кубро.*

**Зарбҳои шакли аввал:**

Ҳар як аз муқаддимоти қиёс, ба худии худ ва бо қатъи назар аз шурути мӯътабар дар қиёс, метавонад яке аз қазияҳои маҳсураи чаҳоргона (яъне мӯҷибаи куллия, мӯҷибаи ҷузъия, солибаи куллия ва солибаи ҷузъия) бошад. Ва агар суратҳои чаҳоргонаи суғроро дар канори суратҳои чаҳоргонаи кубро қарор диҳем, шонздаҳ сурат барои қиёси иқтиронӣ ба даст хоҳад омад, ки аз зарб кардани чаҳор дар чаҳор ҳосил мешавад. Ин матлаб дар мавриди ҳамаи шаклҳои чаҳоргонаи қиёс содиқ аст. Сурате, ки аз таълифи ду муқаддима ба вуҷуд меояд, **зарб** номида мешавад. Ин зарбҳои шонздаҳгона бархе дорои натиҷа ҳастанд ва бархе дорои натиҷа нест, ки ақим (нозо) хонда мешавад. Ва бо таваҷҷӯҳ ба ду шарте, ки аз ҷиҳати каммият ва кайфият барои шакли аввал баён шуд, танҳо чаҳор зарби он дорои натиҷа аст ва дигар зарбҳо ҳамагӣ ақим мебошад. Ҳар як аз ин зарбҳои чаҳоргона яке аз маҳсуроти чаҳоргонаро натиҷа медиҳад. Бинобар ин, ҳамаи маҳсурот аз зарбҳои мухталифи ин шакл берун меояд.

**Зарби аввал:** Аз ду мӯҷибаи куллия ташкил мешавад ва натиҷааш мӯҷибаи куллия аст, мисол:

1. *Ҳар шаробе масткунанда аст;*
2. *Ҳар масткунандае ҳаром аст;*
3. *Натиҷа: Ҳар шаробе ҳаром аст.*

**Зарби дуввум:** Аз мӯҷибаи куллия ва солибаи куллия ташкил мешавад ва натиҷааш солибаи куллия аст, мисол:

1. *Ҳар шаробе масткунанда аст;*
2. *Ҳеч масткунандае судманд нест;*
3. *Натиҷа: Ҳеч шаробе судманд нест.*

**Зарби сеюм:** Аз мӯҷибаи ҷузъия ва мӯҷибаи куллия ташкил мешавад ва натиҷааш мӯҷибаи ҷузъия аст, мисол:

1. *Баъзе аз сафедҳо инсон ҳастанд (яъне инсонҳои сафедпӯст);*
2. *Ҳар инсоне нотиқ аст;*
3. *Натиҷа: Бархе аз сафедҳо нотиқ ҳастанд.*

**Зарби чаҳорум:** Аз мӯҷибаи ҷузъия ва солибаи куллия ташкил мешавад ва натиҷааш солибаи ҷузъия аст, мисол:

1. *Баъзе аз сафедҳо инсон ҳастанд;*
2. *Ҳеч инсоне санг нест;*
3. *Натиҷа: Баъзе аз сафедҳо санг нестанд.*

**Шакли дуввум:**

Шакли дуввум қиёсе аст, ки ҳадди васат дар он дар ҳар ду муқаддима маҳмул аст. Бинобар ин, дар ин шакл асғар, ҳам дар суғро ва ҳам дар натиҷа мавзӯъ воқеъ мешавад. Аммо ҷойгоҳи акбар яксон нест, балки дар кубро мавзӯъ аст ва дар натиҷа маҳмул мебошад.

**Шурути шакли дуввум:**

Шакл дуввум низ ду шарт дорад:

1. *Ихтилофи ду муқаддима дар кайфият;*
2. *Куллӣ будани кубро.*

**Зарбҳои шакли дуввум:**

Бо таваҷҷӯҳ ба ду шарти ёдшуда дар ин шакл, танҳо чаҳор зарб аз зарбҳои он натиҷабахш мебошанд:

**Зарби аввал:** Аз мӯҷибаи куллия ва солибаи куллия ташкил мешавад ва натиҷааш солибаи куллия аст, мисол:

1. *Ҳар инсоне нотиқ аст;*
2. *Ҳеч парандае нотиқ нест;*
3. *Натиҷа: Ҳеч инсоне паранда нест.*

**Зарби дуввум:** Аз солибаи куллия ва мӯҷибаи куллия ташкил мешавад ва натиҷааш солибаи куллия аст, мисол:

1. *Ҳеч инсоне ҷомид нест;*
2. *Ҳар санге ҷомид аст;*
3. *Натиҷа: Ҳеч инсоне санг нест.*

**Зарби сеюм:** Аз як мӯҷибаи ҷузъия ва як солибаи куллия ташкил мешавад ва натиҷааш солибаи ҷузъия аст, мисол:

1. *Баъзе маъданҳо тилло ҳастанд;*

2. *Ҳеч нуқрае тилло нест;*

3. *Натиҷа: Баъзе маъданҳо нуқра нестанд.*

**Зарби чаҳорум:** Аз солибаи ҷузъия ва мӯҷибаи куллия ташкил мешавад ва натиҷааш солибаи ҷузъия аст, мисол:

1. *Баъзе ҷисмҳо маъдан нестанд;*

2. *Ҳар тиллое маъдан аст;*

3. *Натиҷа: Баъзе ҷисмҳо тилло нестанд.*

**Шакли сеюм:**

Шакли сеюм қиёсе аст, ки дар он ҳадди васат дар ҳар ду муқаддима мавзӯъ аст. Бинобар ин, дар ин шакл акбар, ҳам дар кубро ва ҳам дар натиҷа маҳмул аст. Аммо мавқеияти асғар мухталиф буда, дар суғро маҳмул аст ва дар натиҷа мавзӯъ аст.

**Шурути шакли сеюм:**

Ин шакл низ ду шарти асосӣ дорад:

1. *Мӯҷиба будани суғро;*

2. *Куллия будани яке аз ду муқаддима.*

**Зарбҳои шакли сеюм:**

Бо таваҷҷӯҳ ба ду шарти ёдшуда, танҳо шиш зарб аз шонздаҳ зарби ин шакл, натиҷабахш мебошанд:

**Зарб аввал:** Аз ду мӯҷибаи куллия ташкил мешавад ва натиҷааш мӯҷибаи ҷузъия аст, мисол:

1. *Ҳар тиллое маъдан аст;*

2. *Ҳар тиллое гаронқимат аст;*

3. *Натиҷа: Баъзе маъданҳо гаронқимат ҳастанд.*

**Зарби дуввум:** Аз мӯҷибаи куллия ва солибаи куллия ташкил мешавад ва натиҷааш солибаи ҷузъия аст, мисол:

1. *Ҳар тиллое маъдан аст;*

2. *Ҳеч тиллое нуқра нест;*

3. *Натиҷа: Баъзе маъданҳо нуқра нестанд.*

**Зарби сеюм:** Аз мӯҷибаи ҷузъия ва мӯҷибаи куллия ташкил мешавад ва натиҷааш мӯҷибаи ҷузъия аст, мисол:

1. *Баъзе аз парандаҳо сафед ҳастанд;*
2. *Ҳар парандае ҳайвон аст;*
3. *Натиҷа: Баъзе аз сафедҳо ҳайвон ҳастанд.*

**Зарби чаҳорум:** Аз мӯҷибаи куллия ва мӯҷибаи ҷузъия ташкил мешавад ва натиҷааш мӯҷибаи ҷузъия аст, мисол:

1. *Ҳар парандае ҳайвон аст;*
2. *Баъзе аз парандаҳо сафед ҳастанд;*
3. *Натиҷа: Баъзе аз ҳайвонҳо сафед ҳастанд.*

**Зарби панҷум:** Аз мӯҷибаи куллия ва солибаи ҷузъия ташкил мешавад ва натиҷааш солибаи ҷузъия аст, мисол:

1. *Ҳар ҳайвоне ҳискунанда аст;*
2. *Баъзе ҳайвонҳо инсон нестанд;*
3. *Натиҷа: Баъзе ҳискунандаҳо инсон нестанд.*

**Зарби шишум:** Аз мӯҷибаи ҷузъия ва солибаи куллия ташкил мешавад ва натиҷааш солибаи ҷузъия аст, мисол:

1. *Баъзе тиллоҳо маъдан аст;*
2. *Ҳеҷ тиллое оҳан нест;*
3. *Натиҷа: Баъзе маъданҳо оҳан нестанд.*

**Шакли чаҳорум:**

Дар шакли чаҳорум ҳадди васат дар суғро мавзӯъ ва дар кубро маҳмул воқеъ мешавад, ба акси шакли аввал. Дар ин шакл ҷойгоҳи асғар ва акбар дар натиҷа бо ҷойгоҳи онҳо дар ду муқаддима ихтилоф дорад.

**Шурути шакли чаҳорум:**

Ин шакл дар сурате дорои натиҷа хоҳад буд, ки илова бар шартҳои сегонаи умумӣ, ки дар ҳамаи шаклҳо мӯътабар аст, шурути зеринро низ дошта бошад:

1. *Ин ки ҳеҷ як аз муқаддимоти он солибаи ҷузъия набошад;*
2. *Ҳар гоҳ ду муқаддимаи он мӯҷиба аст, суғро бояд куллия бошад.*

**Зарбҳои шакли чаҳорум:**

Бо таваҷҷӯҳ ба шартҳои ёдшуда, танҳо панҷ зарб аз зарбҳои шакли чаҳорум дорои натиҷа мебошад:

**Зарби аввал:** Аз ду мӯҷибаи куллия ташкил мешавад ва натиҷааш мӯҷибаи ҷузъия аст, мисол:

1. *Ҳар инсоне ҳайвон аст;*
2. *Ҳар нотиқе инсон аст;*
3. *Натиҷа: Баъзе ҳайвонҳо нотиқ ҳастанд.*

**Зарби дуввум:** Аз мӯҷибаи куллия ва мӯҷибаи ҷузъия ташкил мешавад ва натиҷааш мӯҷибаи ҷузъия аст, мисол:

1. *Ҳар инсоне ҳайвон аст;*
2. *Баъзе пистондорҳо инсон ҳастанд;*
3. *Натиҷа: Баъзе ҳайвонҳо пистондор ҳастанд.*

**Зарби сеюм:** Аз солибаи куллия ва мӯҷибаи куллия ташкил мешавад ва натиҷааш солибаи куллия аст, мисол:

1. *Ҳеч инсоне ҷомид нест;*
2. *Ҳар нотиқе инсон аст;*
3. *Натиҷа: Ҳеч ҷомиде нотиқ нест.*

**Зарби чаҳорум:** Аз як мӯҷибаи куллия ва як солибаи куллия ташкил мешавад ва натиҷааш солибаи ҷузъия аст, мисол:

1. *Ҳар мойеъе бухор мешавад;*
2. *Ҳеч оҳане мойеъ нест;*
3. *Натиҷа: Баъзе бухоршавандаҳо оҳан нестанд.*

**Зарби панҷум:** Аз мӯҷибаи ҷузъия ва солибаи куллия ташкил мешавад ва натиҷааш солибаи ҷузъия аст, мисол:

1. *Баъзе мойеъҳо бухор мешаванд;*
2. *Ҳеч оҳане мойеъ нест;*
3. *Натиҷа: Баъзе бухоршавандаҳо оҳан нестанд.*

**Дарси 16**

**Қиёси истисноӣ**

Пеш аз вуруд ба асли баҳс, ниёз аст чанд матлабро, ки қаблан тавзеҳ дода будам, такрор бикунам. Гуфта будем, ки қазия ё **ҳамлия** аст ва ё **шартия**. Ва қазияи шартия ё **муттасила** аст ва ё **мунфасила**. Муттасила мисли: "*Агар барқ дар абр меҷаҳад, овози раъд шунида мешавад*" ва мунфасила мисли: "*Адад ё ҷуфт аст ё тоқ*". Ва дар қазияҳои шартия ду тарафро **муқаддам** ва **толӣ** мехонанд. Яъне ҷузъи аввал **муқаддам** (мисли "Агар барқ дар абр меҷаҳад" дар мисоли муттасила ва "Ҷуфт аст" дар мисоли мунфасила) ва ҷузъи дуввум **толӣ** хонда мешавад (мисли "Овози раъд шунида мешавад" дар мисоли муттасила ва "тоқ аст" дар мисоли мунфасила). Бар хилофи ҳамлия, ки ҷузъи аввалро **мазвӯъ** ва ҷузъи дуввумро **маҳмул** мехонанд.

Ва ҳамчунин гуфта гузаштем, ки қиёс ё **иқтиронӣ** аст (ки баҳсаш ба тафсил гузашт) ва ё **истисноӣ**. Ва **қиёси истисноӣ** қиёсе буд, ки дар муқаддимоти он, ба натиҷа ва ё нақизи он тасреҳ мешавад, мисли:

1. *Агар Муҳаммад олим бошад, бояд ба вай эҳтиром гузошт;*
2. *Аммо Муҳаммад олим аст;*
3. *Натиҷа: Пас бояд ба Муҳаммад эҳтиром гузошт.*

Ва агар онро истисноӣ номидаанд, ба ин ҷиҳат аст, ки дар кубро муқаддам ва ё толӣ истисно мешавад, то натиҷа ба даст ояд. Дар ҳамин мисоли боло, "Аммо Муҳаммад олим аст", дар воқеъ истисно шудааст.

Ҳол, гӯем: қазияи шартияе, ки муқаддимаи қиёси истисноӣ қарор мегирад, гоҳе шартияи муттасила аст ва гоҳе шартияи мунфасила. Ва ба ҳамин лиҳоз, ин қиёс ба **иттисолӣ** ва **инфисолӣ** тақсим мешавад.

**Шурути қиёси истисноӣ:**

Дар ин қиёс се шарт бояд риоят шавад:

1. Куллӣ будани яке аз ду муқаддима. Пас, агар ҳар ду муқаддима ҷузъия бошад, қиёс натиҷа нахоҳад дод;
2. Шартия (-е, ки муқаддимаи қиёс аст) иттифоқия набошад. Шартияи иттифоқия шартияе аст, ки байни муқаддам ва толӣ иттисол ва пайванд ҳақиқӣ нест, балки иттифоқӣ аст. Мисли он ки бигӯем: "Агар гурба дохили манзил шавад, борон меборад". Дар ин ҷо

байни муқаддам ва толӣ ҳеч пайванди ҳақиқӣ барқарор нест, балки аз рӯи иттифоқ будааст.

3. Муқаддимаи шартия мӯҷиба бошад.

**Ҳукми иттисолӣ**

Барои ба даст овардани натиҷа аз истисноии иттисолӣ ду роҳ вуҷуд дорад:

**1)** Истисnои худи муқаддам, то худи толиро натиҷа диҳад, мисол:

1. *Агар борон биборад, замин хис (тар) хоҳад шуд;*
2. *Аммо борон борид;*
3. *Натиҷа: Пас замин хис аст.*

Дар қиёси ёдшуда агар гуфта мешуд: "Аммо замин хис аст", наметавонистем натиҷа бигирем, ки "Пас борон борида", зеро замин мумкин аст хис бошад, вале на ба ҷиҳати бориши борон.

**2)** Истисnои нақизи толӣ, то нақизи муқаддамро натиҷа бидиҳад, мисол:

1. *Агар борон биборад, замин хис хоҳад шуд;*
2. *Аммо замин хис нест;*
3. *Натиҷа: Пас борон наборидааст.*

Дар ин қиёс агар гуфта мешуд: "Аммо борон наборид", наметавонистем натиҷа бигирем, ки "Пас замин хис нест", зеро имкон дорад борон наборида бошад, вале дар айни ҳол, ба хотири обпошӣ ё коре дигар, замин хис бошад.

**Ҳукми инфисолӣ**

Барои ба даст овардани натиҷа аз истисноии инфисолӣ, се роҳ вуҷуд дорад, ва мо танҳо яке аз онҳоро ба хотири риояти ихтисор меоварем:

Ва он ин ки агар муқаддимаи шартия як мунфасилаи ҳақиқия бошад, истисnои як тараф, нақизи тарафи дигарро, ва истисnои нақизи як тараф, айни тарафи дигарро натиҷа медиҳад. Масалан: агар гуфта шавад: "Адад ё завҷ аст ва ё фард", истисно бар чаҳор сурат метавонад воқеъ шавад:

1. *"Аммо ин адад завҷ аст", ки натиҷааш "Пас фард нест" мешавад;*
2. *"Аммо ин адад фард аст", ки натиҷааш "Пас завҷ нест" мешавад;*
3. *"Аммо ин адад завҷ нест", ки натиҷааш "Пас фард аст" мешавад;*

4. *"Аммо ин адад фард нест", ки натиҷааш "Пас завҷ аст" мешавад.*

**Дарси 17**

**Оё мантиқ илме беҳуда аст? (1)**

**Ишора:** *Ин баҳс, ки дар се қисмат хоҳем овард, баргирифта аз баҳсҳои шаҳид Муртазо Мутаҳҳарӣ дар китоби "Ошноӣ бо улуми исломӣ" таҳти унвони "Арзиши қиёс" аст. Эшон дар ин баҳс ба тафсил посухи ишколи касонеро, ки бар қиёс ворид кардаанд додааст.*

Аз ҷумлаи масоиле, ки лозим аст зимни ин баҳсҳо баён шавад, арзиши мантиқ аст. Ва чун ғолиби тардид ва инкорҳо дар мавриди арзиши мантиқ, дар бораи арзиши қиёс будааст, мо онро таҳти унвони "Арзиши қиёс" баҳс мекунем. Ва ба ҳамин далел, ин баҳсро, ки марбут ба фоидаи мантиқ аст, мо пас аз баҳси қиёс қарор додем.

**Ду навъи арзиш**

Арзиши мантиқ аз ду назар мавриди баҳси соҳибназарон қарор гирифтааст:

1. Аз назари дурустӣ (саҳеҳ будан);
2. Аз назари муфид будан.

Бархе асосан қоидаҳои мантиқро пуч ва ғалат ва нодуруст донистаанд. Бархе дигар гуфтаанд: ғалат нест, аммо муфиди фоидае ҳам нест ва донистан ва надонистани он баробар аст, пас сарфи вақт дар он беҳуда аст.

Ҳам дар ҷаҳони Ислом ва ҳам дар ҷаҳони Урупо, бисёр касон арзиши мантиқро ё аз назари саҳеҳ будан ва ё аз назари муфид будан нафй кардаанд.

Дар ҷаҳони Ислом дар миёни урафо, мутакаллимон ва муҳаддисон, аз ин касон мебинем. Аз он миён аз Абӯсаиди Абулхайр, Сирофӣ, Ибни Таймия, Ҷалолуддини Суютӣ, Амини Астарободӣ бояд ном бурд. Урафо ба таври куллӣ "пойи истидлолиёнро чӯбин"медонанд. Он чӣ аз Абӯсаиди Абулхайр маъруф аст, эроди **давр** аст, ки бар шакли аввал ворид карда ва Абӯалӣ ибни Сино ба он ҷавоб додааст. (Мо баъдан онро нақд ва таҳлил хоҳем кард). Сирофӣ ҳарчанд шӯҳрати бештараш ба илми наҳв аст, аммо мутакаллим ҳам ҳаст. Абӯҳайёни Тавҳидӣ дар китоби "*Ал-имтиноъу вал-муонаса*" мубоҳисаи ӯро бо Матто ибни Юнус, файласуфи масеҳӣ, дар маҷлиси Дев ибни Фурот дар бораи арзиши мантиқ нақл кардааст ва Муҳаммад Абузухра дар китоби "*Ибни Таймия*" онро бозгӯ намудааст. Худи

Ибни Таймия, ки пешвои аслии ваҳҳобият ба шумор меравад, китобе дорад ба номи "*Аррадду алал-мантиқ*", ки чоп шудааст.

Ҷалолуддини Суютӣ низ китобе дорад ба номи "*Савнул-мантиқи вал-каломи анил-мантиқ*", ки дар радди илми мантиқ ва илми калом навиштааст. Амини Астарободӣ, ки аз уламои бузурги шиъа ва раиси ахбориҳост, китобе дорад ба номи "*Фавоидул-мадина*", ки дар фасли ёздаҳум ва дувоздаҳуми он китоб баҳсе дорад дар бораи бефоида будани мантиқ.

Дар ҷаҳони Урупо низ гурӯҳи зиёде бар мантиқи Арасту ҳуҷум бурдаанд. Аз назари баъзе, ин мантиқ онҷунон мансух аст, ки ҳайъати Батламюсӣ чунон мансух аст. Аммо соҳибназарон медонанд, ки мантиқи Арасту бар хилофи ҳайъати Батламюсӣ, муқовимат карда ва на танҳо ҳанӯз ҳам тарафдороне дорад, балки мухолифон низ эътироф доранд, ки лоақал қисмате аз он дуруст аст. Мантиқи риёзии ҷадид, алорағми иддаъои баъзе аз тарафдорони он, мутаммим ва мукаммили мантиқи арастуӣ ва имтидоди он аст, на фасхкунандаи он. Эродҳое, ки соҳибони мантиқи риёзӣ бар мантиқи арастуӣ гирифтаанд, фаразан аз тарафи худи Арасту ба он эродҳо таваҷҷӯҳе нашуда бошад ҳам, солҳо қабл аз зуҳури мантиқи риёзӣ, аз тарафи шореҳон ва мукаммилони асили мантиқи арастуӣ монанди Ибни Сино, ба онҳо таваҷҷӯҳ шуда ва рафъи нақс шудааст.

Дар ҷаҳони Урупо афроде, ки дар мубориза бо мантиқи арастуӣ шохис шумурда мешаванд зиёданд, ва аз ҷумлаи онҳо Франсис Бекан, Декорт, Эстворд Мил ва дар асри мо Росилро бояд ном бурд.

Мо дар ин ҷо ночорем қабл аз он ки ба тарҳи эродҳо ва ишколҳо ва ҷавоби онҳо бипардозем, баҳсеро, ки маъмулан дар ибтидо тарҳ мекунанд ва мо амдан таъхир андохтем тарҳ намоем. Ва он таърифи **фикр** аст. Аз он ҷиҳат лозим аст таъриф ва моҳияти фикр равшан шавад, ки қиёс худ навъе тафаккур аст. Ва гуфтем, ки умдатан баҳсҳои тарафдорон ё мухолифони мантиқи арастуӣ дар бораи арзиши қиёс аст ва дар воқеъ дар бораи арзиши ин навъ тафаккур аст. Мухолифон барои ин навъ тафаккури саҳеҳ арзише қоил нестанд, ва тарафдорон муддаъӣ ҳастанд, ки на танҳо тафаккури қиёсӣ боарзиш аст, балки ҳар навъ тафаккури дигар, ҳарчанд ба сурати пинҳон ва ногоҳ, мубтанӣ бар тафаккури қиёсӣ аст.

**Таърифи фикр**

Фикр яке аз аъмоли зеҳнии башар ва шигифтангезтарини онҳост. Зеҳн аъмоли зиёдеро анҷом медиҳад. Мо дар ин ҷо фехрествор онҳоро баён мекунем, то амали фикр кардан равшан шавад ва таърифи фикр мафҳуми мушаххасе дар зеҳни мо биёбад:

**1.** Аввалин амали зеҳн **тасвирпазирӣ** аз дунёи хориҷ аст. Зеҳн аз роҳи ҳавосс (ҳавосси панҷгона, яъне биноӣ, шунавоӣ, ломиса, бӯёӣ ва чашоӣ) бо ашёи хориҷӣ иртибот пайдо мекунад ва суратҳоеро аз онҳо назди худ гирд меоварад. Ҳолати зеҳн аз лиҳози ин амал, ҳолати як дурбини аккосӣ аст, ки суратҳоро бар рӯи як филм мунъакис мекунад. Фарз кунед, мо то кунун ба шаҳри Самарқанд нарафта будем ва барои аввалин бор рафтем ва биноҳои торихии онҷоро мушоҳида кардем. Аз мушоҳидаи онҳо як силсила тасвирҳо дар зеҳни мо нақш мебандад. Зеҳни мо дар ин кори худ сирфан **мунфаъил** аст. Яъне амали зеҳн аз ин назар сирфан **қабул** ва **пазириш** аст;

**2.** Пас аз он ки аз роҳи ҳавосс суратҳое дар ҳофизаи худ гирд овардем, зеҳни мо бекор наменишинад. Яъне кораш сирфан анбор кардани суратҳо нест, балки суратҳои нигаҳдоришударо ба муносибатҳое аз қароргоҳи пинҳони зеҳн ба сафҳаи ошкори худ зоҳир менамояд. Номи ин амал **ёдоварӣ** аст. Ёдоварӣ беҳисоб нест. Гӯё хотироти зеҳни мо монанди ҳалқаҳои занҷир ба якдигар баста шудаанд. Як ҳалқа, ки берун кашида мешавад, пушти сараш ҳалқаи дигар ва пушти сари он ҳалқаи дигар зоҳир мешавад, ва ба истилоҳи уламои равоншиносӣ, маъонӣ якдигарро **тадоъӣ** мекунад. Шунидаед, ки мегӯянд: "Алкалому яҷуррул калом". Яъне, сухан аз сухан бишкофад. Ин ҳамон тадоъии маъонӣ ва тасалсули хотираҳост.

Пас, зеҳни мо илова бар суратгирӣ ва нақшпазирӣ, ки сирфан **инфиъол** аст, ва илова бар ҳифз ва гирдоварӣ, аз **фаъолият** ҳам бархӯрдор аст. Ва он ин аст, ки суратҳои ҷамъшударо тибқи як силсила қавонини муайян, ки дар равоншиносӣ баён шудааст, ба ёд меоварем. Амали **тадоъии маъонӣ** рӯи суратҳои мавҷуди ҷамъшуда сурат мегирад бидуни он ки дахлу тасарруфе ва каму зиёде сурат гирад;

**3.** Амали сеюми зеҳн **таҷзия ва таркиб** аст. Зеҳн илова бар ду амали фавқ, як кори дигар ҳам анҷом медиҳад. Ва он ин ки як сурати хоссро, ки аз хориҷ гирифтааст таҷзия мекунад. Яъне онро ба чанд ҷузъ тақсим ва таҳлил мекунад, дар сурате ки дар хориҷ ба ҳеч ваҷҳ таҷзияе вуҷуд надоштааст. Таҷзияҳои зеҳн чанд гуна аст. Гоҳе як суратро ба чанд сурат

таҷзия мекунад ва гоҳе як суратро ба чанд маънӣ таҷзия мекунад. Таҷзияи як сурат ба чанд сурат монанди ин ки як андом, ки дорои маҷмӯе аз аҷзоъ аст, зеҳн дар зарфияти худ он аҷзоъро аз якдигар ҷудо мекунад ва аҳёнан бо чизи дигар пайванд мезанад. Таҷзияи як сурат ба чанд маънӣ мисли он ҷо, ки хатро мехоҳад таъриф кунад ба "каммияти муттасили дорои як буъд". Яъне моҳияти хатро ба се ҷузъ таҳлил мекунад: каммият, иттисол, буъди воҳид. Ва ҳол он ки дар хориҷ се чиз вуҷуд надорад. Ва гоҳе ҳам таркиб мекунад, ки он ҳам анвоъе дорад. Як навъи он ин ки чанд суратро бо якдигар пайванд медиҳад, мисли ин ки аспе бо чеҳраи инсон тасвир мекунад;

**4. Таҷрид ва таъмим**. Амали дигари зеҳн ин аст, ки суратҳои зеҳнии ҷузъиро, ки ба василаи ҳавосс дарёфт кардааст, таҷрид мекунад. Яъне чанд чизро, ки дар хориҷ ҳамеша бо ҳаманд ва зеҳн ҳам онҳоро бо якдигар дарёфт кардааст, аз якдигар тафкик мекунад. Масалан, ададро ҳамвора ҳамроҳи як шайъи моддӣ дарёфт мекунад, вале баъд онро таҷрид ва тафкик мекунад, ба тавре ки ададҳоро муҷаззо аз ашё тасаввур менамояд. Аз амали таҷрид болотар амали таъмим аст.

Таъмим яъне ин ки зеҳн суратҳои дарёфтшудаи ҷузъиро дар дохили худ ба сурати мафоҳими куллӣ дармеоварад. Масалан, аз роҳи ҳавосс афроде аз қабили Зайд, Амр, Аҳмад, Ҳасан ва Маҳмудро мебинад, вале баъдан зеҳн аз ин ҳама як мафҳуми куллӣ ва омм месозад ба номи **инсон**.

Бадеҳӣ аст, ки зеҳн ҳеч гоҳ **инсони куллӣ**-ро ба василаи яке аз ҳавосс идрок намекунад, балки пас аз идроки инсонҳои ҷузъӣ (яъне Ҳасан, Маҳмуд, Аҳмад …) як сурати омм ва куллӣ аз ҳамаи онҳо ба даст медиҳад ба номи **инсон**.

Зеҳн дар амали таҷзия ва таркиб ва ҳамчунин дар амали таҷрид ва таъмим, рӯи фаровардаҳои ҳавосс дахлу тасарруф мекунад. Гоҳе ба сурати таҷзия ва таркиб ва гоҳе ба сурати таҷрид ва таъмим;

**5.** Амали панҷуми зеҳн ҳамон аст, ки мақсуди аслии мо баёни он аст. Яъне **тафаккур** ва **истидлол**, ки иборат аст аз: марбут кардани чанд амри маълум барои кашфи як амри маҷҳул. Дар ҳақиқат, фикр кардан навъе издивоҷ ва таваллуд ва таносул дар миёни андешаҳост. Ба иборати дигар, тафаккур навъе сармоягузории андеша аст барои таҳсили суд ва изофа кардан бар сармояи аслӣ.

Ин масъала аст, ки бояд дар бораи арзиши қиёс мавриди баҳс қарор гирад, ки оё воқеан зеҳни мо қодир аст аз тариқи таркиб ва муздавач сохтани маълумоти хеш, ба маълуми ҷадиде даст биёбад ва маҷҳулеро аз ин роҳ табдил ба маълум кунад ё хайр? Балки ягона роҳи касби маълумот ва табдили маҷҳул ба маълум он аст, ки аз тариқи иртиботи мустақим бо дунёи хориҷ, бар сармояи маълумоти хеш биафзояд ва аз тариқи марбут кардани маълумот дар даруни зеҳн наметавон ба маълуми ҷадиде даст ёфт?

Ихтилофи назари таҷрибагароён бо ақлгароён дар ҳамин нукта аст. Аз назари таҷрибагароён, роҳи мунҳасир барои касби маълумоти ҷадид, тамоси мустақим бо ашё аз тариқи ҳавосс аст. Пас ягона роҳи саҳеҳи таҳқиқ дар ашё, **таҷриба** аст. Вале ақлгароён мӯъатқиданд, ки таҷриба яке аз роҳҳост, ва аз тариқи марбут кардани маълумоти қаблӣ низ метавон ба як силсила маълумоти ҷадид даст ёфт. Ва марбут кардан маълумот барои даст ёфтан ба маълумоти дигар, ҳамон аст, ки аз онҳо ба **қиёс** ё **бурҳон** таъбир мешавад.

Мантиқи арастуӣ зимни ин ки таҷрибаро мӯътабар медонад ва онро яке аз муқаддимоти шишгонаи қиёс мешуморад, қонун ва қоидаҳои қиёсро, ки иборат аст аз: ба кор бурдани маълумот барои кашфи маҷҳулот ва табдили онҳо ба маълумот, баён мекунад. Бадеҳӣ аст, ки агар роҳи таҳсили маълумот мунҳасир ба тамоси мустақим бо ашёи маҷҳула бошад ва ҳаргиз маълумот натавонад василаи кашфи маҷҳулот қарор гирад, мантиқи арастуӣ бемаънӣ хоҳад буд.

**Як мисол**

Мо дар ин ҷо як мисоли соддаеро, ки маъмулан барои зеҳни донишомӯзон ба сурати як **муаммо** меоваранд, аз назари мантиқӣ таҷзия ва таҳлил мекунем, то маълум гардад, ки чӣ гуна гоҳе зеҳн аз тариқи маълумоти худ ба маҷҳуле даст меёбад.

Фарз кунед панҷ кулоҳ вуҷуд дорад, ки се тои он сафед аст ва ду тои он сурх. Се нафар ба тартиб рӯи пиллаҳои нардбоне нишастаанд; ба гунае ки он нафаре, ки бар пиллаи сеюм аст, ду нафари дигарро мебинад ва он, ки дар пиллаи дуввум аст, танҳо нафари пиллаи аввалро мебинад ва нафари сеюм ҳеч кадом аз он дуро намебинад. Ва нафари аввал ва дуввум муҷоз нестанд, ки пушти сари худ нигоҳ кунанд. Хуб, дар ҳоле ки чашмҳои онҳоро мебанданд, бар сари ҳар як аз онҳо яке аз он кулоҳҳоро мегузоранд ва ду кулоҳи дигарро махфӣ мекунанд. Ва он гоҳ чашмони онҳоро боз мекунанд ва аз ҳар як аз онҳо мепурсанд,

ки кулоҳе, ки бар сари туст, чӣ ранге аст? Нафари сеюм, ки бар пиллаи сеюм аст, пас аз нигоҳе, ки ба кулоҳҳои ду нафари дигар мекунад, мегӯяд: ман намедонам. Нафари пиллаи дуввум пас аз нигоҳе ба кулоҳи нафари аввал, ки дар пиллаи аввал аст, кашф мекунад, ки кулоҳи худаш чӣ ранг аст ва мегӯяд, ки кулоҳи ман сафед аст. Нафари аввал, ки бар пиллаи аввал аст, фавран мегӯяд: кулоҳи ман сурх аст.

Акнун бояд бигӯем: нафари аввал ва дуввум бо чӣ истидлоли зеҳнӣ — ки ҷуз аз навъи қиёс намебошад — бидуни он ки кулоҳи сари худро мушоҳида кунад, ранги кулоҳи худро кашф карданд ва чаро нафари сеюм натавонист ранги кулоҳи худро кашф кунад?

Иллати ин ки нафари сеюм натавонист ранги кулоҳи худро кашф бикунад, ин аст, ки ранги кулоҳҳои нафари аввал ва дуввум барои ӯ далели ҳеч чиз набуд. Зеро яке сафед буд ва дигарӣ сурх. Пас ғайр аз он ду кулоҳ се кулоҳи дигар вуҷуд дорад, ки яке аз онҳо сурх аст ва ду то сафед, пас кулоҳи ӯ метавонад сафед бошад ва метавонад сурх бошад. Бинобар ин, ӯ гуфт: ман намедонам. Танҳо дар сурате ӯ метавонист ранги кулоҳи худро кашф кунад, ки кулоҳҳои ду нафари дигар ҳар ду сурх мебуд, дар ин сурат ӯ метавонист фавран бигӯяд: кулоҳи ман сафед аст. Зеро агар кулоҳи он ду нафарро медид, ки сурх аст, чун медонист, ки ду кулоҳи сурх бештар вуҷуд надорад, ҳукм мекард, ки кулоҳи ман сафед аст. Вале чун кулоҳи яке аз он ду нафар сурх буд ва кулоҳи дигарӣ сафед буд, натавонист ранги кулоҳи худро кашф кунад.

Вале нафари дуввум ҳамин ки аз нафари сеюм шунид, ки гуфт ман намедонам, донист, ки кулоҳи худаш ва кулоҳи нафари аввал ҳар ду то сурх нест, вагарна нафари сеюм намегуфт, ки ман намедонам, балки медонист, ки ранги кулоҳи худаш чист. Пас ё бояд кулоҳи ӯ ва нафари аввал ҳар ду сафед бошад, ва ё яке сафед ва яке сурх. Ва чун дид, ки кулоҳи нафари аввал сурх аст, кашф кард, ки кулоҳи худаш сафед аст. Яъне аз илм ба ин ки ҳар ду кулоҳ сурх нест (ин илм аз гуфтаи нафари сеюм пайдо шуд) ва илм ба ин ки кулоҳи нафари аввал сурх аст, кашф кард, ки кулоҳи худаш сафед аст.

Ва иллати ин ки нафари аввал тавонист кашф кунад, ки ранги кулоҳи худаш сурх аст ин аст, ки аз гуфтаи нафари сеюм илм ҳосил кард, ки кулоҳи худаш ва кулоҳи нафари дуввум ҳар ду сурх нест. Ва аз гуфтаи нафари дуввум, ки гуфт кулоҳи ман сафед аст, илм ҳосил кард, ки кулоҳи худаш сафед нест. Зеро агар сафед мебуд, нафари дуввум наметавонист

ранги кулоҳи худашро кашф кунад. Аз ин ду илм, барояш кашф шуд, ки кулоҳи худаш сурх аст.

Ин мисол агарчӣ як муаммои донишомӯзона аст, вале мисоли хубе аст барои ин ки зеҳн дар мавориде бидуни дахолати мушоҳида сирфан бо амали қиёс ва таҷзия ва таҳлили зеҳнӣ, ба кашфи маҷҳуле ноил меояд. Дар воқеъ дар ин маворид зеҳн қиёс ташкил медиҳад ва ба натиҷа мерасад. Инсон агар диққат кунад, мебинад, ки дар ин маворид, зеҳн танҳо як қиёс ташкил намедиҳад, балки қиёсҳои мутаъаддиде ташкил медиҳад, вале ончунон сареъ ташкил медиҳад ва натиҷа мегирад, ки инсон камтар мутаваҷҷеҳ мешавад, ки зеҳн чӣ аъмоли зиёде анҷом додааст.

Донистани қоидаҳои мантиқии қиёс аз ҳамин ҷиҳат муфид аст, ки роҳи саҳеҳи қиёс ба кор бурданро бидонад ва дучори иштибоҳ, ки зиёд ҳам рух медиҳад, нашавад.

Тарзи қиёсҳое, ки нафари дуввум ташкил медиҳад ва ранги кулоҳи худро кашф мекунад, ин аст:

Қиёси аввал:

1. *Агар ранги кулоҳи ман ва кулоҳи нафари аввал ҳар ду сурх мебуд, нафари сеюм намегуфт, ки намедонам;*
2. *Аммо ӯ гуфт, ман намедонам;*
3. *Натиҷа: Пас ранги кулоҳи ман ва кулоҳи нафари аввал ҳар ду сурх нест.*

(Ин як қиёси истисноӣ аст ва натиҷааш то ин ҷо ин аст, ки кулоҳи нафари аввал ва дуввум сурх нест).

Қиёси дуввум:

1. *Ҳоло, ки ранги кулоҳи ман ва ранги кулоҳи аввал ҳар ду сурх нест, пас ё ҳар ду сафед аст, ва ё яке сафед аст ва дигарӣ сурх;*
2. *Аммо ҳар ду сафед нест, зеро мебинам, ки кулоҳи нафари аввал сурх аст;*
3. *Натиҷа: Пас яке сафед аст ва дигарӣ сурх аст.*

Қиёси севвум:

1. *Аз тарафе, ё кулоҳи ман сафед аст ва кулоҳи нафари аввал сурх аст, ва ё кулоҳи нафари аввал сафед аст ва кулоҳи ман сурх аст;*
2. *Аммо кулоҳи нафари аввал сурх аст;*

3. *Натиҷа: Пас кулоҳи ман сафед аст.*

Ва аммо қиёсҳои зеҳние, ки нафари аввал ташкил медиҳад:

Қиёси аввал:

1. *Агар кулоҳи ман ва кулоҳи нафари дуввум ҳар ду сурх буд, нафари сеюм намегуфт, ман намедонам;*

2. *Аммо гуфт, намедонам;*

3. *Натиҷа: Пас кулоҳи ман ва кулоҳи нафари дуввум ҳар ду сурх нест.*

Қиёси дуввум:

1. *Ҳоло ки ҳар ду сурх нест, ё ҳар ду сафед аст, ва ё яке сафед аст ва дигарӣ сурх;*

2. *Аммо ҳар ду сафед нест, зеро агар ҳар ду сафед буд, нафари дуввум наметавонист кашф кунад, ки кулоҳи худаш сафед аст;*

3. *Натиҷа: Пас яке сурх аст ва яке сафед.*

Қиёси севвум:

1. *Ҳоло ки яке сафед аст ва яке сурх, пас ё кулоҳи ман сафед аст ва кулоҳи нафари дуввум сурх, ва ё кулоҳи нафари аввал сурх аст ва кулоҳи ман сафед;*

2. *Аммо агар кулоҳи ман сафед мебуд, нафари дуввум наметавонист кашф кунад, ки кулоҳи худаш сафед аст;*

3. *Натиҷа: Пас кулоҳи ман сафед нест, балки сурх аст.*

Дар яке аз се қиёсе, ки нафари дуввум ба кор бурдааст, мушоҳида ва дидан яке аз муқаддимот аст, вале дар ҳеч як аз қиёсҳои нафари аввал мушоҳида дахолат надорад.

**Дарси 18**

**Оё мантиқ илме беҳуда аст? (2)**

Гуфтем, касоне ки арзиши мантиқи арастуиро нафй кардаанд, ё фоидаашро нафй кардаанд ва ё дуруст буданашро. Мо нахуст дар бораи фоида доштани мантиқ ба баҳс мепардозем:

**Фоида доштани мантиқ**

Эродҳое, ки дар ин хусус ворид кардаанд, иборат аст аз:

1. *Агар мантиқ дорои фоидае буд, мебоист уламо ва фалосифае, ки ошно бо мантиқ будаанд, иштибоҳ накунанд ва худашон ҳам бо якдигар ихтилоф надошта бошанд. Ва ҳол он ки мебинем,*

*ҳамаи онҳо иштибоҳоти фаровон кардаанд, ва ба илова, оро ва афкори мутазодд ва мутаноқизе доштаанд.*

Посух ин аст, ки *аввалан*, мантиқ ӯҳдадори саҳеҳ будани сурат ва шакли қиёс аст, на бештар. Маншаи хатои башар мумкин аст маводд ва масолеҳи аввалияе бошад, ки қазия аз онҳо ташкил мешавад. Ва мумкин аст он маводд ва масолеҳи аввалия дуруст бошад ва маншаи хато навъе муғолата бошад, ки дар шакл ва назм ва сохтмони фикр ба кор рафтааст.

Мантиқ — ҳамон тавре ки аз таърифаш пайдост, ки дар баҳсҳои аввал гуфтем — зомини дурустии фикр аз назари дуввум аст (яъне аз назари сурат ва шакл). Аммо аз назари аввал (моддаи қиёс), ҳеч қоида ва асле нест, ки сиҳҳати фикрро тазмин кунад. Танҳо зомин дар ин ҷо, муроқибат ва диққати шахси фикркунанда аст. Масалан: мумкин аст аз як силсила қазияҳои ҳиссӣ ё таҷрибӣ қиёсҳое ташкил шавад, аммо он таҷрибаҳо ба далолиле ноқис ва ғайри яқинӣ бошанд ва хилофи онҳо собит бишавад. Ин ҷиҳат бар ӯҳдаи мантиқи арастуӣ, ки онро ба ҳамин лиҳоз **мантиқи сурат** меноманд нест. Он чӣ бар ӯҳдаи ин мантиқ аст ин аст, ки ин қазияҳоро ба сурати саҳеҳе тартиб диҳад, ки аз ин назар маншаи ғалат ва иштибоҳ нагардад.

*Сонияν*, ошно будан бо мантиқ кофӣ нест, ки шахс ҳатто аз *лиҳози* сурати қиёс низ иштибоҳ накунад. Он чӣ зомини ҳифз аз иштибоҳ аст, ба кор бастани дақиқи он аст, ҳамчунон ки ошно будан бо илми пизишкӣ, барои ҳифзи сиҳҳат ё муолиҷа кофӣ нест, балки ба кор бурдани он лозим аст. Иштибоҳоти мантиқии уламои ошно бо мантиқ, ба иллати навъе шитобзадагӣ дар ба кор бастани усули мантиқӣ аст;

2. *Мегӯянд, мантиқ абзори улум аст. Аммо мантиқи арастуӣ ба ҳеч ваҷҳ абзори хубе нест. Яъне ошно будан бо ин мантиқ ба ҳеч ваҷҳ бар маълумоти инсон намеафзояд. Ҳаргиз мантиқи арастуӣ наметавонад маҷҳулоти табиатро бар мо маълум созад. Мо агар бихоҳем абзоре дошта бошем, ки воқеан абзор бошад ва моро ба кашфиёти ҷадид ноил созад, он абзор таҷриба ва истиқроъ ва мутолеаи мустақими табиат аст, на мантиқ ва қиёс. Дар давраи ҷадид, ки мантиқи Арасту ба унвони як абзор тард шуд ва ба ҷои он аз абзори истиқроъ ва таҷриба истифода шуд, муваффақиятҳои пай дар пай ва ҳайратангезе ҳосил гардид.*

Касоне, ки ин эродро зикр кардаанд ва дар воқеъ ин муғолатаро овардаанд, чанд иштибоҳ кардаанд. Гумон кардаанд — ва ё чунин вонамуд кардаанд — ки маънии ин, ки мантиқ

абзори улум аст, ин аст, ки **абзори касби улум** аст. Яъне кори илми мантиқ ин аст, ки барои мо иттилоот ва улуме фароҳам мекунад. Ва ба иборати дигар, гумон кардаанд, ки мантиқ барои фикри башар назири теша аст барои ҳезумкаш, ки маводдро ҷамъ мекунад. Ва ҳол он ки мантиқ сирфан **олати санҷиш** аст. Яъне дуруст ва нодурустро бозменамояд, он ҳам олати санҷиши сурат ва шакли фикр, на модда ва масолеҳи фикр. Бинобар ин онро ба шоқул ва обтарозуи биносоз ташбеҳ кардаанд. Биносоз вақте ки девореро боло мебарад, амудии онро бо шоқул ва уфуқӣ буданро бо обтарозу ташхис медиҳад. Шоқул ва обтарозу на абзори ба дастоварии хишт, хок, оҳак, симон ва ғайра мебошад ва на василаи санҷиши дурустӣ ва нодурустии ин масолеҳ, ки солиманд ё носолим ва маъюб?

Василаи ба дастоварии маводд ва масолеҳи фикрӣ ҳамонҳост, ки қаблан гуфтем. Яъне қиёс, истиқроъ ва тамсил. Ва чунон ки қаблан ишора кардем, инҳо ҳеч кадом ҷузъи мантиқ нестанд. Мантиқ қоидаҳои инҳоро баён мекунад ва арзишашонро таъйид менамояд.

Ин ҷо мумкин аст гуфта шавад, касоне ки мункири мантиқи арастуӣ ба унвони абзори касби илм шудаанд, мақсудашон инкори арзиши қиёс аст, ва ҳамчунон ки қаблан гуфта шуд, агар масоили мантиқ қоидаҳои марбут ба қиёс аст, пас ҳарчанд худи мантиқи арастуӣ абзори санҷиш аст, на абзори касби улум, вале абзори санҷиши қиёс аст ва қиёсро ба унвони ягона абзори касби улум мешиносад. Аммо қиёс ба далоили хоссе, ки баъдан хоҳем гуфт, ҳеч гуна короие дар касби илми ҷадид надорад, ягона абзори касб ва таҳсили илм таҷриба ва истиқроъ аст.

Ин баён беҳтарин тавҷеҳи сухани мӯътаризон аст, вале чунон ки қаблан гуфтем, мантиқи Арасту қиёсро ягона абзори касби улум намедонад, балки онро яке аз абзорҳо мешиносад. Ҳамчунон ки дар дарси пеш гуфтем ва дар дарсҳои оянда низ равшантар хоҳад шуд, ки абзори касб будани қиёс ғайри қобили инкор аст.

Аз назари тарафдорони қиёс, арзиши қиёс арзиши таъйинӣ аст. Яъне қиёс дар ҳавзаи худ натиҷаи ҷадид бор меоварад, он ҳам ба сурати таъйинӣ

Арзиши тамсил, арзиши заннӣ аст, ва арзиши истиқроъ агар комил бошад, яқинӣ аст, ва агар ноқис бошад, заннӣ аст. Ва аммо таҷриба, ки ғолибан онро бо истиқроъ иштибоҳ мекунанд, арзиши яқинӣ дорад. Ҳар таҷриба дарбардорандаи қиёсе аст. Таҷриба аз муқаддимоти қиёсҳои ошкор аст ва худ дарбардорандаи қиёсе пинҳон аст. Таҷриба

ҳамчунон ки Абӯалӣ ибни Сино дар "Шифо" тасреҳ кардааст, омехтае аст аз амали ҳисс ва мушоҳидаи мустақим ва амали фикр, ки аз навъи қиёс аст, на аз навъи истиқроъ ва ё тамсил, ва навъи чаҳоруме ҳам – алорағми иддаъои уламои мантиқи риёзӣ — вуҷуд надорад.

Мантиқи арастуӣ арзиши таҷрибаро ба ҳеч ваҷҳ мункир нест. Таҷриба, ки дарбардорандаи навъе қиёс аст, монанди худи қиёс агарчӣ ҷузъи мантиқ нест, вале мантиқи арастуӣ бар асоси арзиши таҷриба бино шудааст. Ҳамаи мантиқдонон тасреҳ кардаанд, ки таҷриба ҷузъи мабодии яқинӣ аст ва яке аз мабодии шашгонаи бурҳон аст.

Муваффақияти уламои ҷадид мавлуди тарзи мантиқи арастуӣ набуд, балки мавлуди ҳусни интихоби равиши истиқроӣ ба ҷои равиши қиёсӣ ва равиши таҷрибӣ (ки омехтае аст аз равиши ҳиссӣ, истиқроӣ ва равиши қиёсии холис) дар шинохти табиат будааст. Он чӣ мӯҷиби рукуди кори уламои пешин шудааст, ин буд, ки дар шинохти табиат низ монанди масоили мothe моваротабиӣ аз равиши қиёсии холис истифода мекарданд. Пас на равиши уламои қадим тарди равиши истиқроӣ ва таҷрибӣ ба пайравӣ аз мантиқи арастуӣ буд, на равиши уламои ҷадид тарди мантиқи арастуӣ аст. Зеро мантиқи арастуӣ ягона равиши саҳеҳро дар ҳамаи улум равиши қиёсӣ намедонад, то рӯй овардан ба равиши истиқроӣ ва таҷрибӣ тарди мантиқи арастуӣ ба шумор ояд;

3. *Дар мантиқи арастуӣ арзиши умда аз они қиёс аст, ва қиёс аз ду муқаддима ташкил мегардад. Масалан, қиёси иқтиронӣ аз суғро ва кубро ташкил мешавад. Қиёс муфиди фоидае нест, зеро агар ду муқаддимаи қиёс маълум бошад, натиҷа худ ба худ маълум аст. Ва агар ду муқаддима маҷҳул бошад, натиҷа маҷҳул аст. Пас фоидаи қиёс чист?*

Ҷавоб ин аст, ки сирфи маълум будани ду муқаддима кофӣ нест барои маълум будани натиҷа. Натиҷа он гоҳ маълум мегардад, ки ду муқаддима "иқтирон" пайдо кунанд. Иқтироне, ки муваллиди натиҷа аст, назири омезиши ҷинсии нару мода аст, ки бидуни омезиш фарзанд падид намеояд. Чизе, ки ҳаст, агар иқтирон ба тарзи саҳеҳе сурат гирад, натиҷа дуруст аст, ва агар ба тарзи носаҳеҳе сурат гирад, натиҷаи ғалат ба даст меояд. Кори мантиқ ин аст, ки иқтирони саҳеҳро аз иқтирони носаҳеҳ бознамояд;

4. *Дар қиёс агар ду муқаддима дуруст бошад, натиҷа дуруст аст, ва агар ду муқаддима ғалат бошад, натиҷа хоҳ ноҳоҳ ғалат аст. Пас ин мантиқ наметавонад таъсире дар тасҳеҳи хатоҳо*

*дошта бошад, зеро дуруст ва нодуруст будани натиҷа, сирфан тобеи дуруст ва нодуруст будани ду муқаддима аст ва на чизе дигар.*

Ҷавоб ин аст, ки мумкин аст ду муқаддима сад дар сад дуруст бошад, аммо натиҷа ба воситаи ғалат будани шакл ва нодуруст будани иқтирон ғалат бошад. Мантиқ ҷилави ингуна хатоҳоро намегирад. Ин эрод низ монанди эроди пешин, аз адами таваҷҷӯҳ ба нақши сурат ва шакл ва сохтмони фикр дар дуруст ва нодуруст будани натиҷа пайдо шудааст. Эроди сеюм ва чаҳорум ҳамонҳост, ки аз калимоти Декорти фаронсавӣ истифода мешавад;

5. *Ҳаддиаксари ҳунари мантиқ ин аст, ки ҷилави хатои зеҳнро дар шакл ва сурати қиёс бигирад. Аммо мантиқ зобита ва қоидае барои ҷилавгирӣ аз хато дар моддаи қиёс надорад. Пас мантиқ, фаразан агар битавонад аз назари сурати қиёс ба мо итминон бидиҳад, қодир нест, ки аз назари моддаи қиёс моро мутмаин созад. Пас, роҳи хато боз аст ва мантиқ бефоида. Дуруст мисли ин аст, ки дар фасли зимистон хонае бо ду дар дошта бошем ва мо фақат як дарро бибандем. Бадеҳӣ аст, ки бо боз будани дари дигар сармо ҳамчунон хоҳад омад ва бастани як дар ба куллӣ бефоида аст.*

Ин эрод ҳамон аст, ки Сирофӣ – наҳвӣ ва мутакаллим ба Матто ибни Юнус гирифт ва Амини Астарободӣ дар "*Фавоидул-мадина*" онро ба хубӣ ташреҳ кардааст.

Ҷавоб ин аст, ки ҷилавгирӣ аз хато дар сурати қиёс, худ як фоида аст, ҳарчанд фоидаи нисбӣ. Ҷилавгирӣ аз хато дар моддаи қиёс ҳарчанд бо қоидаҳо ва қонунҳои мантиқӣ муяссар нест, вале бо диққат ва муроқибати зиёд метавон нисбат ба он мутмаин шуд. Пас бо муроқибати комил дар маводди қиёсҳо ва бо риояти қоидаҳои мантиқ дар сурати қиёсҳо, метавон аз вуқӯъ дар хато мутмаин гашт. Ташбеҳи роҳ ёфтани хато аз тариқи сурат ва модда ба роҳ ёфтани сармо аз ду дар, ба навбати худ як муғолата аст. Зеро ҳар як аз ду дар ба танҳоӣ метавонад ба қадри ду дар ҳавои утоқро сард кунад. Яъне ҳавои утоқро тақрибан ҳамсатҳи ҳавои фазои муҷовир қарор диҳад. Пас бастани як дар фоида надорад, вале маҳол аст, ки хатоҳои сурат аз роҳи модда роҳ ёбанд, ва ё хатоҳои модда аз роҳи сурат ворид гарданд. Пас фаразан мо ба ҳеч ваҷҳ қодир ба ҷилавгирӣ аз хатоҳои модда набошем, аз роҳи ҷилавгирӣ хатоҳои сурат, аз як фоидаи нисбӣ баҳрманд мегардем.

**Дарси 19**

**Оё мантиқ илме беҳуда аст? (3)**

Дар баҳси пеш эродҳое, ки бар фоида доштан ё надоштани мантиқи арастуӣ гирифтаанд, зикр кардем. Акнун эродҳое, ки бар дурустии он гирифта ва мантиқро пуч ва ботил ва ғалат донистаанд, ба тартиб зикр мекунем.

Албатта ёдоварӣ мекунем, ки дар ин ҷо фақат ба посухи баъзе аз ин эродҳо мепардозем. Зеро посухи баъзе дигар ниёзманд ба донистани фалсафа аст, ки ночор дар фалсафа бояд ба суроғи онҳо рафт. Ҳол, баёни эродҳо ва посухи онҳо:

**1.** *Арзиши мантиқ вобаста ба арзиши қиёс аст, зеро мантиқ қоидаҳои дуруст қиёс карданро баён мекунад. Умдаи қиёсҳо қиёси иқтиронӣ аст, ва дар қиёси иқтиронӣ, ки ба чаҳор шакл сурат мегирад, умда шакли аввал аст, зеро се шакли дигар такя ба ин шакл дорад. Шакли аввал, ки пояи аввалӣ ва рукни ракини мантиқ аст,* ***давр*** *аст ва* ***ботил****. Пас, илми мантиқ аз асос ботил аст. Баёни матлаб ин аст: ҳангоме ки дар шакли аввал масалан мегӯем:*

1. *Ҳар инсоне ҳайвон аст (сугро);*
2. *Ҳар ҳайвоне ҷисм аст (кубро);*
3. *Натиҷа: Пас инсон ҷисм аст.*

*.. дар ин ҷо қазияи “Пас инсон ҷисм аст”, ба ҳукми ин ки мавлуд ва натиҷаи ду қазияи дигар аст, замоне маълуми мо хоҳад шуд, ки қаблан ба ҳар ду муқаддима, аз он ҷумла кубро, илм пайдо карда бошем. Ба иборати дигар, илм ба натиҷа бастагӣ дорад ба илм ба кубро. Аз тарафи дигар, қазияи кубро ба ҳукми ин ки як қазияи куллия аст, замоне маълуми мо хоҳад шуд, ки қаблан ҳар як аз ҷузъиёти он маълум шуда бошад. Пас қазияи “Ҳар ҳайвоне ҷисм аст” замоне барои мо маълум хоҳад шуд, ки қаблан анвоъи ҳайвонот ва аз он ҷумла инсонро шинохта ва илм пайдо карда бошем, ки инсон ҷисм аст. Пас илм ба кубро (Ҳар ҳайвоне ҷисм аст) бастагӣ дорад бар илм ба натиҷа. Пас илм ба натиҷа мавқуф аст бар илм ба кубро, ва илм ба кубро мавқуф аст бар илм ба натиҷа. Ва ин худ* ***даври сареҳ*** *аст.*

Ин эрод ҳамон аст, ки бино ба нақли “*Номаи донишварон*”, Абӯсаиди Абулхайр бар Абӯалӣ ибни Сино ҳангоми мулоқоташон дар Нишопур эрод кард ва Ибни Сино ба он посух гуфт. Назар ба ин ки посухи Ибни Сино мухтасар аст ва мумкин аст барои афроде мафҳум набошад, мо бо тавзеҳи бештар ва бо изофоте посух медиҳем, сипас айни посухи Ибни Синоро зикр мекунем. Посухи мо ин аст:

Аввалан, худи ин эрод бо як қиёсе, ки аз навъи шакли аввал аст баён шудааст, зеро хулосааш ин аст:

1. *Шакли аввал давр аст;*
2. *Давр ботил аст;*
3. *Натиҷа: Пас, шакли аввал ботил аст.*

Аз тарафи дигар, чун шакли аввал ботил аст, ба ҳукми як қиёс, ки “Ҳар мутанӣ бар ботиле ботил аст”, ҳамаи шаклҳои қиёсии дигар ҳам, ки мубтанӣ бар шакли аввал ҳастанд, ботиланд.

Чунон ки мебинем, истидлоли Абӯсаиди Абулхайр бар ботил будани шакли аввал, қиёсе аст аз навъи шакли аввал.

Акнун мегӯем: агар шакли аввал ботил бошад, истидлоли худи Абӯсаид ҳам, ки ба шакли аввал бармегардад, ботил аст. Абӯсаид хостааст бо шакли аввал шакли аввалро ботил кунад, ва ин хулф аст.

Сониян, ин назар, ки илм ба куброи куллӣ мавқуф аст ба илм ба ҷузъиёти он, бояд шикофта шавад. Манзури Абӯсаид агар ин аст, ки илм ба кубро мавқуф аст ба **илми тафсилӣ** ба ҷузъиёти он (яъне бояд аввал як-яки ҷузъиётро истиқроъ кард, то илм ба куллӣ ҳосил шавад), ин ҳарф дуруст нест. Зеро роҳи илм ба як куллӣ мунҳасир ба истиқрои ҷузъиёт нест. Ба баъзе аз куллиёт мо ибтидоан ва бидуни собиқаи таҷрибӣ ва истиқрой илм дорем, мисли илм ба ин ки давр маҳол аст, вале баъзе аз куллиётро аз роҳи таҷрибаи афроди ангуштшуморе аз ҷузъиёт ба даст меоварем ва ҳеч зарурате ҳам надорад, ки соири маворидро таҷриба кунем, монанди илми пизишк ба хоссияти даво ва ҷараёни ҳоли бемор. Вақте як куллӣ аз роҳи таҷрибаи чанд мавриди ангуштшумор ба даст омад, бо як қиёс ба соири маворид таъмим дода мешавад.

Аммо агар манзураш ин аст, ки илм ба кубро **илми иҷмолӣ** ба ҳамаи ҷузъиёт ва аз он ҷумла натиҷа аст, ва ба истилоҳ, илм ба натиҷа дар илм ба кубро наҳуфта аст, ин матлаби дурусте аст, вале он чӣ дар натиҷа матлуб аст ва қиёс ба хотири он ташкил мешавад, **илми тафсилӣ** ба натиҷа аст, на илми басити иҷмолӣ. Пас, дар воқеъ дар ҳар қиёсе, илми тафсилӣ ба натиҷа мавқуф аст ба илми иҷмолӣ ба натиҷа дар зимни кубро. Ва ин монеъе надорад ва давр нест, зеро ду гуна илм аст.

Посухе, ки Ибни Сино ба Абӯсаид дод ҳамин буд, ки илм ба натиҷа дар натиҷа тафсилӣ аст ва илм ба натиҷа дар зимни кубро иҷмолӣ аст, ва инҳо ду гуна илманд

**2.** *Ҳар қиёс ё такрори маълум аст ва ё мусодира ба матлуб, зеро он гоҳ ки қиёс ташкил дода, мегӯем:*

1. *Ҳар инсоне ҳайвон аст;*
2. *Ҳар ҳайвоне ҷисм аст;*
3. *Натиҷа: Пас, ҳар инсоне ҷисм аст.*

*… ё ин аст, ки дар зимни қазияи "Ҳар ҳайвоне ҷисм аст" (кубро), медонем, ки инсон низ, ки яке аз анвоъи ҳайвонот аст ҷисм аст, ё намедонем? Агар медонем, пас натиҷа қаблан дар кубро маълум буд ва бори дигар такрор шудааст. Пас, натиҷа такрори ҳамон чизе аст, ки дар кубро маълум аст ва чизи ҷадиде нест. Ва агар маҷҳул аст, пас мо худашро, ки ҳанӯз маҷҳул аст, далел бар худаш дониста, дар зимни кубро қарор додаем. Ва ин мусодира бар матлуб аст. Яъне як шайъи маҷҳул худаш далел бар худаш воқеъ шудааст.*

Ин эрод аз Эстворт Мил, файласуфи маъруфи англисӣ аст, ки дар қарни 18 милодӣ мезистааст. Чунон ки мебинем, ин истидлол дарбардорандаи матлаби тозае нест. Бо эроди Абӯсаиди Абулхайр решаи муштарак дорад. Ва он ин ки илм ба кубро он гоҳ ҳосил аст, ки қаблан илм ба натиҷа (аз роҳи истиқроъ) ҳосил шуда бошад.

Посухаш ҳамон аст, ки қаблан гуфтем. Ин ки мегӯяд, оё натиҷа дар зимни кубро маълум аст ё маҷҳул? Посухаш ҳамон аст, ки Ибни Сино ба Абӯсаид дод, ки натиҷа маълум аст иҷмолан, ва маҷҳул аст тафсилан. Бинобар ин, на такрори маълум лозим меояд ва на мусодира ба матлуб**.**

**3.** *Мантиқи арастуӣ мантиқи қиёсӣ аст, ва асоси қиёс бар ин аст, ки сайри фикрии зеҳн ҳамвора* ***нузулӣ*** *(яъне аз боло ба поин) аст. Яъне интиқоли зеҳн аз куллӣ ба ҷузъӣ аст. Дар гузашта чунин тасаввур мешуд, ки зеҳн ибтидоан куллиётро дарк мекунад ва ба васила куллиёт ба дарки ҷузъиёт ноил мешавад. Аммо таҳқиқоти ахир нишон додааст, ки кор комилан баръакс аст. Сайри зеҳн ҳамвора* ***суъудӣ*** *(яъне аз ҷузъӣ ба куллӣ аст). Бар ин асос, равиши қиёсӣ аз назари мутолеоти дақиқ рӯи зеҳн ва фаъолиятҳои зеҳн, маҳкум ва матруд аст. Ба иборати дигар, тафаккури қиёсӣ бе асос аст ва ягона роҳи тафаккур, истиқроъ аст.*

Ин ишкол баёни олимонаи матлабе аст, ки зимни ишколоти гузашта гуфта мешавад. Посухаш ин аст, ки маҳсур сохтани ҳаракати зеҳн ба ҳаракати суъудӣ, ба ҳеч ваҷҳ саҳеҳ нест. Зеро аввалан, чунон ки мукаррар гуфтаем, худи таҷриба ва натиҷагирии илмӣ аз умури таҷрибӣ, беҳтарин гувоҳ аст, ки зеҳн, ҳам сайри суъудӣ дорад ҳам сайри нузулӣ. Зеро зеҳн аз озмоиш дар чандин маврид, як қоидаи куллӣ истинбот мекунад ва ба ин васила сайри суъудӣ мекунад, сипас дар соири маворид ҳамин қоидаи куллиро ба сурати қиёсӣ таъмим медиҳад ва сайри нузулӣ ва қиёсӣ менамояд.

Ба илова, ҳамаи усули қатъии зеҳни инсон таҷрибӣ ва ҳиссӣ нестанд. Ҳукми зеҳн ба ин ки "давр ботил аст", ва ё "як ҷисм дар они воҳид дар ду макони мухталиф маҳол аст вуҷуд дошта бошад", ва даҳҳо амсоли инҳо ба ҳеч ваҷҳ наметавонад ҳиссӣ, истиқроӣ ё таҷрибӣ буда бошад.

Аҷабо, ки худи ин истидлол, ки мегӯяд, қиёс интиқол аз куллӣ ба ҷузъӣ аст, ва интиқол аз куллӣ ба ҷузъӣ, ғалат ва номумкин аст, як истидлоли қиёсӣ аст, ва аз навъи сайри нузулӣ аст. Чӣ гуна истидлолкунанда мехоҳад бо қиёс, ки бар фарз дар назари ӯ ботил аст, қиёсро ибтол кунад?! Агар қиёс ботил аст, ин қиёс ҳам ботил аст. Пас далеле бар бутлони қиёс вуҷуд надорад.

**4.** *Мантиқи арастуӣ чунин фарз карда, ки ҳамвора робитаи ду чиз дар як қазия ба сурати* ***индироҷ*** *аст, бинобар ин қиёсро мунҳасир карда бар истисноӣ ва иқтиронӣ, ва қиёси иқтирониро мунҳасир карда ба чаҳор шакли маъруф. Ва ҳол он ки як навъ робитаи дигаре ғайр аз робитаи индироҷ вуҷуд дорад, ва он робитаи* ***тасовӣ*** *аст, ки дар риёзиёт ба кор бурда мешавад. Мисли ин ки мегӯем:*

1. *Зовияи А мусовӣ аст бо зовияи Б;*
2. *Зовияи Б мусовӣ аст бо зовияи В;*
3. *Пас, зовияи А мусовӣ аст бо зовияи В.*

*Ин қиёс бо ҳеч як аз шаклҳои чаҳоргонаи мантиқ мунтабиқ нест, зеро ҳадди васат такрор нашудааст.*

*Дар қазияи аввал маҳмул иборат аст аз мафҳуми "мусовӣ" ва дар қазияи дуввум мавзӯъ иборат аст аз "зовия" на "мусовӣ" ва дар айни ҳол, ин қиёс дорои натиҷа аст.*

Ин эродро уламои мантиқи риёзӣ монанди Росел ва ғайра зикр кардаанд.

Посухаш ин аст, ки уламои мантиқ — *лоақалл мантиқдонони исломӣ* — ин қиёсро шинохтаанд ва онро **қиёси мусовот** ном ниҳодаанд, вале онҳо мӯътақиданд, ки қиёси мусовот дар воқеъ чанд қиёси иқтиронӣ аст, ки робитаҳо дар он ҳама **индироҷӣ** мешаванд. Тафсили матлабро аз кутуби мантиқ монанди "Ишорот"-и Ибни Сино бояд ҷустуҷӯ кард.

**Дарси 20**

**Синоъоти хамс (1)**

Баҳси **синоъоти хамс** (маҳоратҳои панҷгона) марбут ба моддаи қиёс аст. Зеро қиёс шакле дорад ва моддае. Он чӣ дар баҳсҳои пешин ва то кунун дар борааш баҳс мекардем, ҳама марбут ба шакли қиёс буд, мисли ин ки шакли қиёс бояд чунину чунон бошад ва шароите ҳаст, ки дар шакл бояд риоят шаванд. Ин баҳсҳо ҳама гузаштанд. Аммо, барои он ки як қиёс дорои натиҷаи саҳеҳ бошад, на танҳо аз назари шакл бояд дуруст бошад, балки моддаи қиёс ҳам солим бошад.

**Моддаи қиёс** ҳамон муқаддимоти қиёс (яъне суғро ва кубро) аст. Чӣ басо як қиёс аз назари шакл дуруст бошад, вале моддаи он саҳеҳ набошад. Ба ин мисол таваҷҷӯҳ бифармоед:

1. *Ҳар инсоне ҳайвон аст;*
2. *Ҳеч ҳайвоне нотиқ нест;*
3. *Натиҷа: Ҳеч инсоне нотиқ нест.*

Ин қиёс аз назари шакл комилан дуруст аст (зарби дуввум аз шакли аввал), вале чаро натиҷаи ин қиёс саҳеҳ намебошад? Иллаташ он аст, ки моддаи яке аз ин ду муқаддима дуруст нест. Зеро қазияе, ки куброи ин қиёс қарор гирифтааст ва мегӯяд: "*Ҳеч ҳайвоне нотиқ нест*" саҳеҳ намебошад ва ғалат аст.

* * *

Ҳол, қиёс ба *лиҳози* модда, ба панҷ қисм тақсим мешавад: *бурҳон, ҷадал, хитоба, шеър* ва *муғолата*. Ба ин ақсоми панҷгона **синоъоти хамс** гуфта мешавад.

Пеш аз он ки ба баёни ҳар як аз ин синоъот бипардозем, лозим аст дар бораи **мабодии қиёсҳо** баҳс кунем. Манзур аз мабодии қиёсҳо, ҳамон қазияҳое ҳастанд, ки дар қиёс ба кор меравад.

**Мабодии қиёсҳо**

Мабодии қиёсҳо ҳашт навъ аст: *яқиниёт, мазнунот, машҳурот, ваҳмиёт, мусалламот, мақбулот, мушаббаҳот, мухайялот*. Ҳол, баёни як-яки инҳо:

**1. Яқиниёт:**

*Яқиниёт* қазияҳое ҳастанд мутобиқ бо воқеъ, ки эҳтимоли сидқи нақизи онҳо аслан вуҷуд надорад. Ва яқиниёт ба навбаи худ ба бадеҳӣ (ё бадеҳиёт) ва назарӣ (ё назариёт) тақсим мешаванд.

Бадеҳиёт усул ва пояи яқиниётро ташкил медиҳанд ва бар шаш навъанд:

1. *Аввалиёт*, ки иборат аст аз қазияҳое, ки зотан мавриди тасдиқи ақл ҳастанд. Яъне ақл онҳоро бидуни ниёз ба чизе дигар мепазирад, мисли ҳукми мо ба ин ки: як чиз маҳол аст, ки дар як замон ҳам бошад ва ҳам набошад;

2. *Мушоҳадот* (ки *маҳсусот* низ хонда мешавад) қазияҳое аст, ки ақл онҳоро ба воситаи ҳавосси худ меёбад. Ҳисс ба навбаи худ бар ду қисм аст:

- *ҳисси зоҳир*, ки бар панҷ навъ аст: биноӣ, шунавоӣ, бӯёӣ, чашоӣ ва ломиса. Ва қазияҳое, ки ба воситаи ҳисси зоҳир мавриди тасдиқ воқеъ мешаванд, *ҳиссиёт* ном дорад, монанди ҳукм ба ин ки: хуршед медурахшад, ин оташ гарм аст, ин мева ширин аст, ин гул хушбӯст;
- *ҳисси ботин:* ва қазияҳое, ки ба воситаи ҳисси ботин мавриди тасдиқ воқеъ мешаванд, *виҷдониёт* номида мешаванд, монанди илми ман ба ин ки фикр дорам, дард дорам, эҳсоси гуруснагӣ мекунам.

3. *Таҷрибиёт*: қазияҳое аст, ки ақл дар асари такрори мушоҳида меёбадашон, монанди ҳукм ба ин ки: ҳар оташе гарм аст, ҷисм дар асари ҳарорат мунбасит мешавад;

4. *Мутавотирот*: қазияҳое аст, ки барои инсон дар натиҷаи хабари гурӯҳе, ки ғолибан иттифоқ кардани онҳо ба дурӯғ ва низ хатои ҳамаи онҳо номумкин аст, ҳосил мешавад, монанди илми мо ба вуҷуди шаҳрҳое, ки надидаем (зеро мо ба вуҷуди ин шаҳрҳо аз тариқи хабари дигарон шунидаем), ва ё илми мо ба нузули Қуръон бар Паёмбари Ислом ҳазрати Муҳаммад (с) ва ба вуҷуди баъзе аз умматҳо ва ё ашхос дар замони пеш;

5. *Ҳадсиёт*: қазияҳое аст, ки иллати ҳукм ба он, ҳадси қавии нафс аст, ки ҳар гуна тардидеро мезудояд ва зеҳн ба мазмуни он изъон ва ҷазм мекунад, монанди ҳукми мо ба ин ки кураи

Моҳ, Зуҳра, Аторуд ва дигар сайёраҳои манзумаи шамсӣ нури худро аз нури хуршед мегиранд;

6. *Фитриёт*: қазияҳое аст, ки ба маҳзи тасаввури матлуб, мавриди тасдиқ қарор мегирад, монанди ҳукми мо ба ин ки: адади 2 як панҷуми адади 10 мебошад. Ин ҳукм ҳарчанд ниёз ба қиёс дорад, вале он қиёс дар зеҳн ҳозир аст.

**2. Мазнунот:**

Мазнунот қазияҳое аст, ки мавриди эътиқоди ғайриҷазмӣ мебошанд. Яъне дар онҳо як тарафи қазия – нафй ё исбот — тарҷеҳ меёбад, ва дар айни ҳол, эҳтимоли нақизи он низ дода мешавад, монанди ин ки бигӯӣ: “Фулонӣ бар алайҳи ман сухан мегӯяд” (ва ин эътиқоди ту фақат як гумон бошад).

**3. Машҳурот:**

Машҳурот қазияҳое аст, ки миёни мардум шӯҳрат дорад, ва тасдиқ ба он дар миёни ҳама ё ғолиби уқало ва ё гурӯҳи хоссе аз эшон ривоҷ дорад, монанди ҳукм ба ин ки: “Адл некӯ аст”, “Зулм қабеҳ аст”, “Шуҷоат некӯ аст”, “Тарсуӣ бад аст”, “Касе ки назди мо меояд, бо баланд шудан бояд эҳтиромаш кунем”, “Набояд либоси шӯҳрат бар тан кунем” ва ғайра.

**4. Ваҳмиёт:**

Мақсуд аз ваҳмиёт қазияҳои ваҳмии сирф аст, ки қазияҳои козиб ва дурӯғанд, вале ваҳм онҳоро пазируфта ва бо қувват ба онҳо ҳукм мекунад, ба гунае ки хилофи онро ҳатто агар бурҳон бар онҳо иқома шавад, намепазирад, монанди ҳукм ба ваҳшат аз торикӣ ва тарс аз он, ва ё тарс аз ҷасади мурда.

**5. Мусалламот:**

Мусалламот қазияҳое аст, ки миёни ту ва касе дигар мавриди пазириш қарор гирифта, ки гӯӣ содиқ бошад, ҳол чӣ он қазия ба худии худ козиб бошад ё машкук.

**6. Мақбулот:**

Мақбулот қазияҳое аст, ки аз рӯи тақлид аз касоне ки ба гуфтаи онҳо итминон ҳаст дарёфт мешавад. Ва маншаи ин итминон ё як амри осмонӣ аст, монанди шариатҳо ва суннатҳое, ки аз Паёмбар (с) гирифта мешавад. Ва ё фузунии ақл ва тахассуси шахс аст, монанди аҳкоми дарёфтшуда аз ҳакимон.

**7. Мушаббаҳот:**

Мушаббаҳот қазияҳои козибе ҳастанд, ки дар асари мушобиҳати зоҳирӣ бо яқиниёт ё машҳурот пазируфта шудааст, ва он аз маводди муғолата аст (ки баҳсаш хоҳад омад).

**8. Мухайялот:**

Мухайялот қазияҳое ҳастанд, ки салоҳияти ифодаи тасдиқ надорад, балки дар нафс тахайюлотеро ба вуҷуд меоварад, ки боиси пайдоиши як саре инфиъолоти нафсонӣ мегардад, ва он аз маводди синоати шеър аст (ки баҳсаш хоҳад омад).

**Дарси 21**

**Синоъоти хамс (2)**

Дар баҳси пешин гуфтем, ки қиёс аз назари модда, ба панҷ қисм тақсим мешавад: *бурҳон, ҷадал, хитоба, шеър* ва *муғолата* ва ба ин ақсоми панҷгона **синоъоти хамс** (маҳоратҳои панҷгона) гуфта мешавад. Ҳол, чаро қиёс ба лиҳози модда ба ин панҷ қисм тақсим мешавад?

Посух ин ки инсонҳо, ки истидлоли қиёсӣ мекунанд, ҳадафҳои мухталифе аз истидлоли худ доранд.

Гоҳе манзури қиёскунанда ин аст, ки воқеан маҷҳулеро барои худ ва ё барои мухотаби худ, табдил ба маълум кунад ва ҳақиқатеро кашф кунад. Дар фалсафа ва улум одатан чунин ҳадафе манзур аст ва чунин навъ қиёсҳое ташкил мешавад. Албатта дар ин гуна маворид ҳатман бояд дар қиёс аз муқаддимаҳо ва моддаҳое истифода шавад, ки яқиновар ва ғайри қобили тардид бошанд, мисли муқаддимоти бадеҳӣ ё бадеҳиёт.

Вале гоҳе ҳадафи қиёскунанда мағлуб кардан ва ба таслим водор кардани тарафи муқобил аст. Дар ин сурат, зарурате надорад, ки аз моддаҳо ва муқаддимоти яқинӣ истифода шавад, балки метавон аз муқаддимоте истифода кард, ки худи тараф қабул дорад, мисли мусалламот.

Ва гоҳе ҳадафи қиёскунанда қонеъ сохтани зеҳни мухотаб аст барои ин ки ба коре водор шавад. Дар ин сурат, кофӣ аст дар қиёс аз муқаддимоти ғайри қатъӣ мисли мазнунот истифода шавад.

Гоҳе ҳадафи қиёскунанда сирфан ин аст, ки чеҳраи як матлабро дар ойинаи хиёли мухотаб зебо ё зишт кунад. Дар ин сурат, бо пӯшондани он матлаб ба ҷомаҳои зебо ё зишти хиёлӣ, истидлоли хешро зинат медиҳад.

Ва гоҳе ҳадафи қиёскунанда сирфан иштибоҳкорӣ ва гумроҳ кардани мухотаб аст, ки воқеъан ҳадафе зишт ва нописанд аст. Дар ин сурат, як амри ғайри яқиниро ба ҷои яқин ва ё як ғайри мақбулро ба ҷои мақбул ва ё як амри ғайри занниро ба ҷои заннӣ ба кор мебарад ва иштибоҳкорӣ менамояд.

Пас ҳадафи инсон аз истидлолҳои худ, ё кашфи ҳақиқат аст, ё ба зону даровардани тарафи муқобил аст, ё қонеъ сохтани зеҳни ӯст барои анҷом ё тарки коре, ва ё сирфан бозӣ кардан бо хиёл ва эҳсосоти тараф аст, ки нозебоеро дар хиёли ӯ зебо ва ё зеборо нозебо ва зебоеро зеботар ва ё нозебоеро нозеботар созад, ва ё ҳадаф иштибоҳкорӣ аст.

Пас, қиёс аз назари ҳадафи қиёскунанда ба панҷ қисм тақсим мешавад. Ҳол, як-яки инҳоро баён мекунем:

**Бурҳон**

Қиёсе, ки битавонад ҳақиқатеро кашф кунад, **бурҳон** номида мешавад. Моддаи чунин қиёсе ё бояд аз маҳсусот бошад, мисли ин модда, ки: “Хуршед як ҷисми нурдиҳанда аст” ва ё бояд аз таҷрибиёт бошад, мисли ин ки: “Об дар 80 дараҷаи ҳарорат гарм мешавад”, ва ё аз бадеҳиёт бошад, мисли ин ки “Як чиз маҳол аст, ки дар як замон, ҳам бошад ва ҳам набошад” ва ғайра аз муқаддимоти яқинӣ;

**Ҷадал**

Қиёсе, ки битавонад тарафро водор ба таслим кунад, бояд аз моддаҳое ташкил шавад, ки тараф онҳоро қабул дорад, чӣ ин модда ба худии худ яқинӣ бошад ё набошад. Ин навъ қиёсро **ҷадал** меноманд. Монанди ин ки тараф суханони як донишмандро қабул дорад ва мо бо истинод ба қавли ин донишманд, ки мавриди қабули тараф аст, ӯро маҳкум мекунем, дар сурате ки худи мо мумкин аст сухани он донишмандро қабул надошта бошем. Мисолҳои фаровоне барои ҷадал метавон зикр кард. Мо бо зикри як мисол басанда мекунем.

Дар маҷлиси баҳсе, ки Маъмуни Аббосӣ барои уламои адёни мухталиф ташкил дода буд ва Имом Ризо (а) намояндаи мусалмонон буд, байни ҳазрати Ризо ва як олими масеҳӣ дар бораи улуҳият (Худо будан) ё убудият (банда будан)-и ҳазрати Исо (а) баҳс даргирифт. Олими масеҳӣ барои Исои Масеҳ (а) мақоми улуҳият ва фавқи башарӣ қоил буд. Ҳазрати Ризо фармуд:

— Исои Масеҳ (а) ҳама чизаш хуб буд ба ҷуз як чиз, ва он ин ки ӯ бар хилофи дигар паёмбарон, ба ибодат алоқае надошт.

Олими масеҳӣ гуфт:

— Аз ту инчунин сухан аҷиб аст. Ҳазрати Исои Масеҳ аз ҳамаи мардумон обидтар буд.

Ҳамин, ки ҳазрати Ризо ин эътирофро, ки ҳазрати Исо ибодат мекардааст аз он олими масеҳӣ шунид, фармуд:

— Исо чӣ касеро ибодат мекард? Оё ибодат далели убудият (банда будан) нест? Оё убудият далели адами улуҳият (Худо набудан) нест?

Ба ин тартиб, ҳазрати Ризо бо истифода аз амре, ки мақбули олими масеҳӣ буд, ки албатта мақбули худи Имом ҳам буд, ӯро маҳкум кард. (*Ба нақл аз китоби "Ошноӣ бо улуми исломӣ"-и шаҳид Муртазо Мутаҳҳарӣ*)

**Хитоба**

Қиёсе, ки ҳадаф аз он қонеъ сохтани зеҳни тараф ва эҷоди як тасдиқ аст, ҳарчанд заннӣ (гумоновар) бошад ва манзури аслӣ водор сохтани тараф ба коре ё боздоштани ӯ аз коре бошад, **хитоба** номида мешавад. Дар хитоба бояд аз муқаддимот ва моддаҳое истифода шавад, ки ҳаддиақал эҷоди занн ва гумон дар тараф бинамояд, монанди ин ки мегӯем: "Дурӯғгӯ расвои халқ аст", "Одами тарсу маҳрум ва номуваффақ аст" ва ғайра…

**Шеър**

Қиёсе, ки ҳадафи он сирфан ҷомаи зебои хиёлӣ пӯшондан бошад, **шеър** номида мешавад. Ташбеҳот, истиъорот ва маҷозот ҳама аз ин қабил аст. Шеър мустақиман бо хиёл сару кор дорад ва чун миёни тасаввурот ва эҳсосот робита вуҷуд дорад (яъне ҳар тасаввуре ба дунболи худ эҳсосро бедор мекунад), шеър аз ин роҳ эҳсосотро дар ихтиёр мегирад ва аҳёнан инсонро ба корҳои шигифт вомедорад ё аз онҳо бозмедорад.

Ашъори Рӯдакӣ дар бораи амири сомонӣ ва таъсири он ашъор дар ташвиқи амир барои рафтан ба Бухоро, ки маъруф аст, беҳтарин мисол аст:

*Эй Бухоро шод бошу дер зӣ*

*Мир наздат меҳмон ояд ҳаме*

*Мир сарв асту Бухоро бӯстон*

*Сарв сӯйи бӯстон ояд ҳаме*

*Мир моҳ асту Бухоро осмон*

*Моҳ сӯйи осмон ояд ҳаме*

Гӯянд, амир ба маҳзи шунидани ин ашъор, билофосила аз ҷо баланд мешавад ва оҳанги Бухоро мекунад.

**Муғолата**

Қиёсе, ки ҳадаф аз он иштибоҳкорӣ аст, **муғолата** ё **сафсата** номида мешавад. Донистани фанни муғолата назири шинохтани офатҳо ва микробҳои зарарнок ва заҳрҳост, ки аз он ҷиҳат лозим аст, ки то инсон аз онҳо эҳтироз ва дурӣ ҷӯяд ва ё агар касе хост ӯро фиреб дода ва масмум кунад, фиреб нахӯрад.

Мантиқдонон 13 навъ муғолата зикр кардаанд. Мо дар ин ҷо наметавонем ба таври тафсил ҳамаи онҳоро зикр кунем. Фақат ба баъзе аз ақсоми он ишора мекунем:

Муғолата ба таври куллӣ бар ду қисм аст: ё *лафзӣ* аст ва ё *маънавӣ*.

Муғолатаи лафзӣ он аст, ки маншааш лафз бошад, монанди ин ки лафзи муштараке, ки дорои ду маънои мухталиф аст, ҳадди васати қиёс қарор дода шавад ва дар суғрои қиёс як маъно дар назар гирифта бишавад ва дар куброи қиёс маънои дигар. Пас он чӣ такрор шудааст, фақат лафз аст на маъно, ва натиҷае, ки гирифта мешавад, қаҳран ғалат аст.

Масалан, медонем, ки лафзи “боз” дар форсӣ муштарак аст байни ду маъно: яке ба маънои “кушода” ва дигарӣ ба маънои парандае ба номи боз. Ҳол, агар касе чунин қиёсеро ташкил бидиҳад:

1. *Дар боз аст;*
2. *Боз бол дорад;*
3. *Пас, дар бол дорад.*

… ин як муғолата аст.

Ё ин ки аз боби маҷоз ва истиъора ба як инсони қавӣ гуфта мешавад: “Фалонӣ шер аст”. Ҳол, агар касе қиёсе ба ин сурат ташкил диҳад:

1. *Шокир шер аст;*
2. *Ҳар шере ёл дорад;*
3. *Пас, Шокир ёл дорад.*

… ин ҳам муғолата аст.

Ва аммо муғолатаи маънавӣ ба лафз марбут нест, балки ба маънӣ марбут аст, ки мисолҳояш фаровон аст ва дигар маҷоле барои зикри онҳо нест.

***Поёни баҳсҳои мантиқ***

* * *

Бо ҳамин, баҳсҳои мо дар бораи фанни мантиқ ба поён расиданд, умедворам азизон камоли истифодаро бурда бошанд. Албатта лозим ба ёдоварист, он чӣ аз баҳсҳо, ки овардем, инҳо тақрибан куллиёти мантиқ буданд, аз ин рӯ азизоне ки мехоҳанд бештар бидонанд, бояд китобҳои муфассали мантиқиро мутолеа кунанд мисли мантиқи Шифои Ибни Сино ва ғайра.

Иншоаллоҳ пас аз ин агар умре боқӣ бошад ва тавфиқ даст бидиҳад, ба омӯзиши фалсафа хоҳам пардохт.

**Эроди Росел ба қиёси арастуӣ ва посухи он**

Матлабе, ки инак дар садади баёни он ҳастам, дар воқеъ посухе аст ба суоли яке аз дӯстон, ки баҳсҳои мантиқиро пайгирӣ мекарданд. Суоли эшон ин аст:

*Мисоли 4-уми дарси 19, ки дар он ҳадди васат — зовияи Б — такрор шудааст, аммо дар матн омадааст, ки такрор нашудааст.*

Барои фаҳми дурусти он матлаб, ночор тавзеҳи бештаре бидиҳам. Чунон ки аз баҳсҳои қиёс равшан шуд, яке аз шартҳои натиҷабахш будани қиёс он аст, ки робита дар он бояд **робитаи индироҷ** бошад. Яъне дохил будани яке дар дохили дигарӣ. Ба сухани дигар, суғро бояд дар даруни кубро наҳуфта бошад. Барои ҳамин, яке аз шартҳои қиёсро такрори **ҳадди васат** донистаанд.

Ҳол, яке аз касоне ки ба қиёс эрод гирифтааст, файласуф ва риёздони машҳури ангилисӣ Бертронд Росел (*Bertrand Russell*) аст. Ӯ мегӯяд:

*“Мантиқи арастуӣ чунин фарз карда, ки ҳамвора робитаи ду чиз дар як қазия ба сурати индироҷ аст, бинобар ин қиёсро мунҳасир карда бар истисноӣ ва иқтиронӣ, ва қиёси иқтирониро мунҳасир карда ба чаҳор шакли маъруф. Ва ҳол он ки як навъ робитаи дигаре ғайр аз робитаи индироҷ вуҷуд дорад, ва он* ***робитаи тасовӣ*** *аст, ки дар риёзиёт ба кор бурда мешавад. Мисли ин ки мегӯем:*

1. *Зовияи А мусовӣ аст бо зовияи Б;*

2. *Зовияи Б мусовӣ аст бо зовияи В;*

3. *Пас, зовияи А мусовӣ аст бо зовияи В.*

*Ин қиёс бо ҳеч як аз шаклҳои чаҳоргонаи мантиқ мунтабиқ нест, зеро ҳадди васат такрор нашудааст.*"

Дар воқеъ, мисоли Бертронд Росел чунин аст:

1. *А мусовӣ (баробар) аст бо Б;*

2. *"Мусовӣ бо Б", мусовӣ аст бо В;*

3. *Пас, А мусовӣ аст бо В.*

Дар ин ҷо, мавзӯи кубро ("*Мусовӣ бо Б*"), ғайр аз маҳмули суғро (*Б*) аст. Яъне ҳадди васат такрор нашудааст. Ҳол, барои фаҳми беҳтар, ба ҷои А, Б ва В мисол зикр мекунем:

1. *"Масоҳати хонаи Шокир" мусовӣ аст бо "масоҳати хонаи Аҳмад";*

2. *"Масоҳати хонаи Карим" (ки мусовӣ аст бо "масоҳати хонаи Аҳмад") мусовӣ аст бо "масоҳати хонаи Раҳим";*

3. *Пас, "масоҳати хонаи Шокир" мусовӣ аст бо "масоҳати хонаи Раҳим".*

Чунон ки мулоҳиза мефармоед, мавзӯи кубро ("*Масоҳати хонаи Карим*") ғайр аз маҳмули суғро ("*Масоҳати хонаи Аҳмад*") аст, ва он такрор нашудааст.

**Посухи ин эрод**

Агар Росел бо осори мантиқдонони исломӣ ошно мебуд, ба назар намерасид, ки ин эродро матраҳ бикунад. Зеро мантиқдонон, ба хусус Ибни Сино, ҳазор сол пеш аз ин ки Росел ин эродро бигирад, ба он посух гуфтаанд ва ин навъ қиёсро **қиёси мусовот** номидаанд.

Хулосаи посухи Ибни Сино ин аст, ки қиёси мусовот гарчӣ дар зоҳир дорои ду муқаддима аст ва шароити ҳеч кадом аз шаклҳои чаҳоргонаи қиёси иқтирониро надорад ва ҳадди васат дар он такрор нашудааст, аммо бо таваҷҷӯҳ ба ин ки як муқаддимаи махфӣ ва пинҳон низ дорад, бо зикри он муқаддимаи махфӣ, баргашти ин қиёс ба қиёси иқтиронӣ равшан мешавад. Дар ҳамин мисол, муқаддимаи махфӣ ин аст: "*Мусовии мусовӣ, ҳамон мусовӣ аст*". Бо таваҷҷӯҳ ба ин, "*Мусовӣ бо Б*" дар мисоли боло, дар воқеъ ҳамон Б мегардад, чун гуфтем, ки "*Мусовии мусовӣ, ҳамон мусовӣ аст*". Бо ин ҳисоб, маълум аст, ки ин ҳам як қиёси иқтиронӣ аст, мунтаҳо як қиёси иқтиронии мураккаб.